ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Ба ҳуқуқи дастнавис

САИДОВА НИЛУФАР АБДУЛМАҶИДОВНА

ТАҲЛИЛИ ЛУҒАВӢ-ГРАММАТИКИИ ЗАРФ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илми
филология, профессор
Ҷаматов С.С.

Кӯлоб – 2022

МУНДАРИҶА

№		Саҳ.
	Муқаддима	3-13
	Тавсифи умумии таҳқиқот	8-13
I.	**Масъалаҳои назарии омӯзиши зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**	14-41
1.1.	Мафҳуми зарф дар забоншиносӣ	14-23
1.2.	Тафовути зарф аз сифат	24-34
1.3.	Дараҷаҳои қиёсии зарф дар забонҳои муқоисашаванда	34-41
II	**Таҳлили муқоисавии зарфҳои хосаи тавсифӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**	42-91
2.1.	Зарфи тарзи амал ва таҳлили луғавию маъноии он	44-53
2.1.1.	Таркиби морфологии зарфи тарзи амал дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ	53-77
2.2.	Зарфи монандӣ ва таҳлили луғавию маъноии он	78-79
2.2.1.	Таркиби морфологии зарфи монандӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ	79-81
2.3.	Зарфи миқдору дараҷа ва хусусиятҳои луғавию маъноии он	81-85
2.3.1.	Таркиби морфологии зарфи миқдору дараҷа	85-91
III.	**Таҳлили муқоисавии зарфҳои ҳолӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**	92-131
3.1.	Зарфи замон ва хусусиятҳои луғавию маъноии он	94-100
3.1.1.	Таркиби морфологии зарфи замон	100-111
3.2.	Зарфи макон ва хусусиятҳои этимологӣ ва луғавию маъноии он	111-114
3.2.1.	Таркиби морфологии зарфи макон	114-119
3.3.	Зарфҳои сабаб, мақсад ва хусусиятҳои луғавию маъноии онҳо	119-121
3.3.1.	Таркиби морфологии зарфҳои сабабу мақсад	121-125
3.4.	Вазифаҳои наҳвии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ	125-131
	Хулоса	132-136
	Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот	137
	Рӯйхати адабиёт	138-162
	Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия	

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои англисзабон рӯ ба рушд ниҳода, дар пеши олимону забоншиносон масъалаҳоеро гузошт, ки таҳлилу баррасии он ба такмили минбаъдаи илми забоншиносии тоҷик метавонад мусоидат намояд.

Сарф дар якҷоягӣ бо наҳв дастури забонро созмон дода, дар доираи онҳо ҳиссаҳои нутқ ва ибораву ҷумла омӯхта мешаванд. Агар аз як тараф, дар доираи сарф шакли калимаву мансубияти он ба ин ё он ҳиссаи нутқ омӯхта шавад, аз тарафи дигар, хусусияти корбурду истифодаи вожаҳо ва таркиби сарфии онҳо низ дар доираи он таҳқиқ мегардад.

Ҳар як ҳиссаи нутқ дар низоми сарфи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавқеи густурдаеро ба худ касб намуда, роҳу усули таҳқиқу таҳлили хосаи худро соҳиб аст.

Яке аз он масъалаҳое, ки имрӯз аз мадди назари забоншиносон набояд дур монад, таҳлилу муқоисаи категорияҳои алоҳидаи дастури забонҳои тоҷикиву англисӣ дар ҷанбаи муқоиса ба шумор меравад. Чи тавре ки зикраш рафт, дар доираи сарфи забон ҳиссаҳои нутқ омӯхтаву таҳқиқ карда мешаванд ва зарф яке аз ҳиссаҳои мустақилмаъноии нутқ аст, ки то ҳоли ҳозир баъзе аз паҳлуҳои номакшуфи он аз лиҳози муқоиса ниёз ба омӯзишу пажуҳиш дорад.

Маҳз таҳқиқу омӯзиш ва муқоисаи зарфи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мубрамияту аҳаммияти диссертатсияи мазкурро созмон медиҳад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаи таҳқиқ, омӯзиш ва баррасии илмии зарф яке аз мавзуъҳои меҳварии сарфи забон ба шумор рафта, таваҷҷуҳи олимону забоншиносони тоҷик ба ин категорияи маъмул аз солҳои бистуми қарни гузашта оғоз ёфта то ин замон дар

шинохти он ба сифати ҳиссаи нутқи ҷудогона байни забоншиносон назари ягона мавҷуд нест.

Нахустин муаллифи грамматикаи забони тоҷикӣ, забоншинос С. Ализода дар таълифоти хеш роҷеъ ба мафҳуми сохтори сарфии «зарф» ва навъҳои он андешаронӣ намуда, зарфҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад. Ҳамаи он калимаҳоеро, ки аслан зарфанд, зарфи мухтасс ва калимаҳоеро, ки «гоҳе зуруф ва гоҳе сифат истеъмол шаванд» зарфи муштарак меномад [4, 98-101], яъне зарфҳои мухтасс ва муштарак. Масъалаи тафовути зарф аз дигар ҳиссаҳои нутқ дар асари мавсуф ёд нашудааст, ҳама гуна калимаю ибораҳо, хоҳ ба сари худ маъно дошта бошанду хоҳ не, ба зарф дохил гардидаанд.

Дар асарҳое, ки баъдтар таълиф гардиданд, масъалаи омӯзиши зарф то андозае мавриди баррасии илмӣ қарор гирифт. В.С. Расторгуева дар таълифоти хеш роҷеъ ба вазифаҳои наҳвии зарф ва ифода ёфтани зарф ба воситаи ҳиссаҳои дигари нутқ, яъне исму сифат диду назарашро баён намудааст [102, 322].

Дар дастури методии Х. Ҳусейнов перомуни зарф низ маълумоте ҷой дорад, ки он ҳам дар доираи барномаи макотиби таҳсилоти умумӣ нигошта шудааст [137, 34-38].

Дар таълифоти Б. Ниёзмуҳаммадов тафовути байни зарф ва исм, зарф ва сифат, созмони зарфҳо ба воситаи пешвандҳо ва пасвандҳо, инчунин вазифаҳои наҳвии зарф таҳқиқ гардидаанд [86, 67-72].

Масъалаи сохташавии зарфҳо ба воситаи пасвандҳои **-вор, -она, -акӣ, -нокӣ** дар монографияи Р. Ғаффоров низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст [34, 76].

Лозим ба ёдоварист, ки И. Исмоилов дар монографияи худ роҷеъ ба омӯзишу таҳқиқи тамоми паҳлуҳои зарф дар забони адабии ҳозираи тоҷик ва таърихи ташаккул ва рушди он ба сифати ҳиссаи мустақили

нутқ рӯ овардааст [44]. Илова бар ин, масъалаи таснифот ва калимасозии зарф низ аз назари мавсуф дар асари зикршуда дур намондааст.

Забоншиносони эронӣ низ ба таҳқиқу баррасии зарф таваҷҷуҳ намудаанд. Ба андешаи Али Муҳаммад Фуруғӣ, зарф «ҳиссачаест, ки барои фарқ кунонидан ва таъйин кардани мазмуни феъл, сифат ё ҳар кадом зарфи дигар истифода мешавад» [125, 132]. Д. С. Филлот бошад, як фасли асари хешро ба зарф ва ибораҳои зарфӣ бахшида, роҳу воситаҳои сохташавии зарф ва таркибу ибораҳои зарфиро муфассал шарҳу тавзеҳ додааст. Мавсуф «ҳарфи зарф ҳиссачаи ҳамчун зарф корфармудашаванда», «исми зарф исми ба ҷои зарф омада метавонистагӣ» гӯён ҳар гуна калимаю ибора, ҳатто ҷумлаҳои алоҳидаро зарф ва ибораҳои зарфӣ мешуморад [124, 495-487].

Ба ғайр аз «зарфҳои ҳақиқӣ» дар алоҳидагӣ ё бо ягон воситаи грамматикӣ чун зарф истеъмол шудани исму сифатҳо, баъзе ҷонишинҳо ва калимаю ибораҳои арабӣ, тавассути пасвандҳо сохта шудани зарфҳо аз тарафи Г. К. Залеман ва В. А. Жуковский [40, 65-67] низ таҳқиқ гардидааст.

Таҳқиқи зарф аз мадди назари забоншинос Е.Э. Бертелс низ дур намондааст. Мавсуф роҷеъ ба зарфҳои забони форсӣ маълумоти муфассал дода, бе тағйири шакл ба зарф гузаштани сифатҳо, аз ҳиссаҳои номӣ бо пасванди **-она** сохта шудан ва зарфшавии калимаҳои арабиро (бо пасванди **–ан**) таъкид мекунад [17, 75-79].

Роҷеъ ба маъно ва вижагиҳои грамматикии зарф ва тафовути он аз калимаҳои модалӣ, инчунин дар бораи сохташавии зарфҳо (ба воситаи аффиксҳои ба-, -ӣ, -акӣ, пешоянду ҳиссаҳои номӣ ва такрори калимаҳои гуногун) Ю.А. Рубинчик низ маълумоти муфассал додааст [107, 92].

Хусусиятҳои морфологии зарфҳои забони ҳозираи форсӣ, манбаи инкишоф, роҳу воситаҳои калимасозӣ ва хелҳои зарф дар рисолаи номзадии А.А. Рзаева мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф доир

ба манбаи инкишоф, воситаҳои калимасозӣ ва хелҳои зарф батафсил сухан ронда, калимаҳои *нолон, оҳкашон, афтону хезон, лангон, ба ноз нафаҳмида, надониста, носуфта, бидав-бидав, бикаш-бикаш* ва монанди инҳоро зарфҳои ифодакунандаи тарз ва ҳолати амал, калимаҳои *хуб, бад* ва амсоли онро зарфҳои сифатӣ меномад [106, 12-13].

Ба намояндагони ҷараёни структурализм низ муяссар нашудааст, ки сарҳади гурӯҳи зарфро равшану возеҳ муайян кунанд. Ч. Фриз дар гурӯҳбандии худ зарфро ба чанд гурӯҳи калимаҳо мансуб медонад, яъне аз ҳудудҳое, ки барои зарф муайян шудаанд [143, 76].

Таҳқиқу таҳлил ва баррасии зарф аз назари англисшиносон низ дур намондааст. Забоншинос К.С. Аксаков мавҷудияти гурӯҳи зарфҳоро мутлақо рад намуда, чунин мешуморад, ки онҳо шакли муайян надошта, танҳо муносибатро ифода мекунанд, аз ин рӯ дилхоҳ ҳиссаҳои гуногуни нутқ метавонанд зарф бошанд [10, 89].

Сарфи назар аз андешаи К.С. Аксакова ва дигар забонишоносон зарф бештар ҳамчун калимае, ки аломати аломат ва ё аломати иловагии таҳвилшавандаро ифода мекунад, муайян мешавад.

Бо вуҷуди ин, кӯшишҳои сершумори забоншиносон аз гурӯҳбандиву ба низомдарории ин гурӯҳи калимаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки зарф “низоми бой, аммо ба ҳар ҳол камомӯхташуда” ба шумор меравад.

Агар таҳқиқу омӯзиши зарф дар забоншиносии рус ҳаматарафа аз ҷониби В.В. Виноградов анҷом ёфта бошад, масъалаи мазкур дар забони англисӣ ба таври комил пажуҳиш нагардидааст. Бархе аз забоншиносони рус, амсоли Л.В. Шерба ва А.А. Шахматов меъёрҳои наҳвии зарфро ба назар гирифта, зарфро ба сифат мансуб медонанд ва таъкид бар он мекунанд, ки «зарф танҳо категорияи шаклиест, ки аз лиҳози маъно бо сифат мувофиқат мекунад» [141, 72].

Аз ин рӯ дар бештари грамматикаҳои забони англисӣ зарф он қадар равшану возеҳ шарҳу тавзеҳ наёфтааст. Масъалаи тафовути категорияи зарф аз категорияҳои ҳамҷавори он дар рисолаи Р.Л. Конвер [54, 122] мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқони хориҷии забони англисӣ зарфро чун ҳиссаи мустақили нутқ мешуморанд, аммо ҳолати мустақилии онро гуногун тавсиф мекунанд. Грамматистони давраи миёнаи забони англисӣ, аз ҷумла Г. Гунт, зарфро ба гурӯҳи ҳиссачаҳо мансуб медонад, ки ба он ҳамаи ҳиссаҳои ёвари нутқ шомиланд. О. Есперсон низ зарфро ба гурӯҳи умумии ҳиссачаҳо мансуб медонад. Б. Стренг зарфро чун адъюнкти феълӣ мешуморад. Ч. Фриз зарфро ба гурӯҳи чорум, яъне ба ҳиссаҳои мустақилмаъноии нутқ мансуб медонад.

Англисшиносони руси собиқ шуравӣ: А.И. Смирнитский, Б.И.Илиш, Б.Я.Плоткин, А.С.Бархурдаров зарфро марбут ба ҳиссаҳои мустақили нутқ мешуморанд.

Чун сухан аз дараҷаи таҳқиқи мавзуъ дар забоншиносии муқоисавӣ меравад, бояд тазаккур дод, ки то ин замон пажуҳишоти зиёде дар муқоисаи забонҳои дигар низ ба амал омад, ки ин ҷо зикри номи онҳоро зарур мешуморем, ба монанди: «Сопоставительный анализ наречия в лезгинском и английском языках» [А. Р. Джалалова, 2012]; «Семантика наречного слова в современном английском языке (на материале пространственных наречий» [М.Е. Панкратова, 2015]; «Когнитивно-семантические параметры наречий с суффиксом -ly в английском языке» [Н.В. Зубенко, 2015]; «Наречие в адыгейском и английском языках: сопоставительный анализ» [А.А. Калашова, 2001]; «Функционально-семантический анализ наречий в таджикском и немецком языках» [Х.Р. Куджов, 2015].

Таҳқиқи сохторӣ ва луғавӣ-семантикии зарфро бар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ аз нигоҳи муқоисаву муқобала дар

забоншиносии қиёсӣ (дар мисоли ду забони гуногунсохтор – тоҷикиву англисӣ) метавон як падидаи нав номид, зеро ба ҷуз аз мақолаҳои ҷудогонаву як рисола дигар сарчашмаеро наметавон пайдо кард, ки фарогири таҳлилу баррасии зарф бошад.

Ягона диссертатсияе, ки бо номи «Хусусияти семантикӣ-грамматикии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (Семантико-грамматическая характеристика наречия в таджикском и английском языках), 2009» таълиф ёфтааст, ба қалами Н. Ахмедова тааллуқ дорад. Мавсуф дар рисолаи хеш хусусиятҳои семантикиву грамматикии зарфҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ба таври умум таҳқиқ кардааст.

Ҳамин тавр, аз баёни гуфтаҳои зикршуда бармеояд, ки таҳлили сохторӣ ва луғавӣ-семантикии зарф дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ то ин замон мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст ва ниёз ба пажуҳиши муқоисавӣ дорад.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.

Натиҷаҳои аз таҳқиқ бадастомада дар такмили барномаҳои таълимии муқарраршуда муосидат менамояд. Мавзуи мазкур як қисмати нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Ҳадафи пажуҳиш, пеш аз ҳама, таҳқиқ, омӯзиш ва таҳлили сохторӣ ва луғавӣ-семантикии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ба шумор меравад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои амалӣ гардидани ҳадафи таҳқиқ вазифаҳои зерин ба назар гирифта шуданд:

- муайян намудани тафовути зарф аз сифат;

- ошкор намудани вижагиҳои фарқкунандаи дараҷаҳои қиёсии зарфҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

- таҳлилу муқоисаи калимасозии зарф дар забонҳои таҳқиқшаванда;

- таҳлили сохториву семантикии зарфҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

- гурӯҳбандӣ ва муайян намудани хусусиятҳои фарқкунандаи зарфҳои тоҷикиву англисӣ;

- муайян намудани вазифаҳои наҳвии зарфҳои забонҳои муқоисашванда;

- ошкор намудани монандиву шабоҳат байни зарфҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

Объекти таҳқиқ, пеш аз ҳама, дарёфти вижагиҳои сохторӣ, луғавӣ ва маънои зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ба шумор меравад. Ҷанбаи муқоисавии зарфҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва ошкор намудани шабоҳату тафовути ин навъи зарфҳо ба сифати объекти ҷудогонаи таҳқиқ бори нахуст ба амал меояд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқ. Проблемаҳои аслии пажуҳиш баррасии вижагиҳои сохторӣ, луғавӣ ва маънои зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ба шумор меравад.

Асосҳои назариявии таҳқиқ. Асосҳои назариявии таҳқиқро осори илмӣ ва пажуҳиши забоншиносони маъруфи рус В.В. Виноградов, Л. Шерба, А. Шахматов, В. Жигадло, Л. Бархударов, В. Штеллинг, А. Илиш, М. Сусов, забоншиносони хориҷ А. Кёрм, Д. Аартс, В. Маттес, забоншиносони тоҷик С. Ализода, Б. Ниёзмуҳаммадов, М. Шукуров, Ш. Рустамов, М. Н. Қосимова, Д. Саймуддинов, Д. Хоҷаев, И. Исмоилов, К. Усмонов, Н. Ахмедова ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Дар ҷараёни таҳияи диссертатсия ва таснифу коркарди мавод, асосан, методҳои маъмули лингвистӣ: тасвирӣ,

муқоисавӣ, таърихӣ, структурӣ усулҳои мушоҳида, шарҳу тавзеҳ, ҷиҳати баррасии омории зарф дар асоси маводи «Ёддоштҳо» - Садриддин Айнӣ истифода гардиданд.

Навгонии илмии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки таҳлили муқоисавии хусусиятҳои сохториву семантикии зарф бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Зарфҳо дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо такя ба исмҳо, сифатҳо, шумораҳо, ҷонишинҳо, феълҳо ва пешояндҳо бо дарназардошти роҳҳои корбурди онҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- Зарфҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз гурӯҳи калимаҳои муайяни аз ҷиҳати сохту маъно фарқкунанда иборат буда, муаррифкунандаи яке аз ҳиссаҳои нутқи мустақил дар низоми сарф ба шумор мераванд.
- Таҳлил ва омӯзиши зарфҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ такя ба сарчашмаҳои муътамадаи забоншиносӣ дар мисоли асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ва гунаи англисии он раванди ташаккул ва таҳаввули ин ҳиссаи ҷудогонаи нутқро мушаххас менамояд.
- Сохтори зарфҳо хусусиятҳои махсус ва фарқкунанда дошта, тарзу усул ва қолабҳои усулҳои калимасозӣ дар зарфҳои забонҳои муқоисашаванда вижагиҳои хосро касб намуда, ҳамзамон умумият ва шабоҳати онҳо муайян карда мешавад.
- Таҳлили вижагиҳои луғавӣ ва маъноии зарфҳои ҳар ду забон хеле ҷолиби диққат буда, дар баробари ин тафовут, монандӣ ва шабоҳати зарф аз сифат мушаххас карда шудааст.
- Усулҳои сарфиву наҳвии калимасозии зарф ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ яке аз роҳҳои самараноки зарфсозӣ

маҳсуб ёфта, дар ин замина, мавқеи зарфрро дар вожасозӣ густурда мегардонад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ. Таҳқиқ ва муқоисаи зарфҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таҳлилу баррасии ду вазифа нигаронида шудааст: 1. Муайян намудани тафовут, шабоҳат ва мувофиқати роҳҳои созмони зарфҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар раванди муқоиса баҳри дарёфти вижагиҳои типологии забонӣ. 2. Ошкорсозии номувофиқатӣ дар низоми ду забони гуногунсохтори муқоисашаванда ва дарёфти хусусияти типологӣ, ки хоси ҳар кадоме аз забонҳои фавқуззикр аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он маълум меградад, ки маводи таҳқиқи мазкур метавонад дар раванди пажуҳиши типологӣ ва муқоисавии забонҳои хеш ва бегона, таълифу тадвини грамматикаи забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ ва ҳамчунин ҳангоми гузаронидани курсҳои назариявӣ аз фанҳои «Муқаддимаи забоншиносӣ», «Луғатшиносӣ» «Забоншиносии умумӣ» ва «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикиву англисӣ», «Назарияи грамматика» истифода шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки масъалаҳои дар он матраҳгардида бо таҳлилу баррасии назариявӣ ва муқоисаву муқобалаи илмӣ асос ёфтааст. Маводи таҳқиқгардида танҳо ба хусусиятҳои сохториву маъноии зарфҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мансубият дорад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсия дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Дар раванди таҳқиқ корҳои зерини анҷомдодаи муаллифи диссертатсия дар назар аст: а) таҳлили шарҳи назариявии адабиёти илмӣ мансуб ба зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; б) ҷамъоварӣ ва банизомдарории мавод аз сарчашмаҳои мушаххас, яъне аз дастурҳои тоҷикӣ ва англисӣ; в) таснифи сохторӣ, маъноӣ ва луғавии зарфҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; г) дарёфти вижагиҳои монанд ва фарққунанда ҳангоми таҳлили зарфҳо; г) хулосаву пешниҳодҳои мушаххас, ки аз натиҷаи таҳқиқ ба даст омаданд**.**

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳо, маҷлисҳо, семинарҳо ва дигар ҳамоишиҳои илмӣ).

Мазмуни асосии диссертатсия дар суханрониҳо ва маърузаҳои дар конференсияҳои сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ хондашуда, ҳамчунин дар мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳои мухталифи илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ (суратҷаласаи №9 аз 14.04.2022,) ва ҷаласаи шурои олимони факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (суратҷаласаи №10-3/1 аз 21.05.2022) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 16 мақола нашр гардидааст, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти ҶТ ба чоп расидаанд ва рӯйхати онҳо дар охири диссертатсия ва автореферат оварда шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи

адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст, ки дар маҷмуъ 163 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

БОБИ 1.
МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИИ ОМӮЗИШИ ЗАРФ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

1.1. Мафҳуми зарф дар забоншиносӣ

Зарф ё худ гунаи англисии он «adverb» дар ҳар ду забон ҳам ҳиссаи мустақили нутқ буда, аломати амал, тарз, дараҷаю андоза, монандӣ, замон, макон, сабаб ва ё мақсади воқеъ гардидани амал, инчунин аломати аломатро ифода мекунад ва ба саволҳои чӣ тарз?, чӣ тавр?, то чӣ андоза?, кай?, чаро?, барои чӣ?, бо кадом (мақсад)?; why?, when?, how?, where? ҷавоб мешавад.

Дар қисмати «Морфология»-и «Забони адабии ҳозираи тоҷик» зарф чунин шарҳ ёфтааст: «Зарф ҳиссаи мустақили нутқ буда, ҳолат, тарз, вақту ҳангом, маҳаллу макон, сабабу мақсади кору ҳаракатро шарҳу эзоҳ медиҳад» [38, 344].

Забоншинос И. Исмоилов зарфҳои забони адабии ҳозираи тоҷикро аз ҷиҳати таърихи пайдоишашон ба ду гурӯҳи калон ҷудо намудааст: «Ба гурӯҳи якум калимаҳои зуд, акнун, ҳамеша, ҳаргиз, ниҳоят, ҳанӯз, ҳамвора... ва ғ. дохил мешаванд, ки онҳо дар даврахои нисбатан қадимтари таърихи тараққиёти забонамон пайдо шудааанду ҳоло чӣ тавр пайдо шудан, аз кадом забони қадимӣ будан ё аз кадом ҳиссаи нутқ ба зарф гузаштани онҳоро муқаррар намудан душвор аст. Мавсуф ин қабил зарфҳоро зарфҳои аслӣ номидааст. Ба гурӯҳи дуюм зарфҳое дохил мешаванд, ки аз рӯйи вазъият ё шакли вазъият ё шакли ҳозираашон генезиси онҳо, яъне чӣ тавр ташкил ёфтан ва аз кадом ҳиссаи нутқ ба зарф гузаштанашонро эзоҳ додан мумкин аст» [44, 9-13].

Ба ҳамин тариқ, зарф ба сифати ҳиссаи мустақили нутқ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ рушду такомул ёфта, дар низоми сарфи забонҳои зикршуда мавқеи устуворро касб карда истода бошад ҳам, то

андозае ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст.

Агар ба басомади зарф назар афканем, он дар муқоиса бо дигар ҳиссаҳои мустақили нутқ дертар, яъне дар заминаи ҳиссаҳои дигари нутқ ба вуҷуд омада, дар ҳоли ҳозир бо роҳу воситаҳои гуногун рушд ёфта истодааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳар ду забон ҳам як миқдор калимаҳое мавҷуданд, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансуб буда, чи дар забони адабии пешина ва чи дар забони адабии ҳозира ба вазифаи зарф истеъмол мегарданд. Ин калимаҳо аслан сифатҳои аслӣ *(нав – new, хуб – good, сахт – strong, тез – quick …)*, исмҳои ифодакунандаи мафҳумҳои макону сӯй *(неш – front, қафо – back, ақиб – back, боло – up, поён – down, берун – outside)*, ҷонишинҳо *(чанд – some, кай – when, куҷо – where)* мебошанд, ки дар баробари вазифаи аслии худ вазифаи зарфро низ иҷро мекунад. Калимаҳои зикршуда аз ҷиҳати маъно ифодаи аломати амал ё вазъияти ба амал омадани он бо зарфҳо умумият доранд, бинобар он ба вазифаи зарф омада тавонистани онҳо ҳодисаи наву муваққатӣ нест.

Яке аз вазифаҳои асосии калимаи *сахт – hard/strong* ба ғайр аз нишон додани аломати ашё, инчунин барои ифодаи аломати миқдории аломатҳо низ истифода шудани он ба шумор меравад. Дар ин маврид вай бо зарфҳои *бисёр – much/many, хеле – very, ниҳоят, анча* ҳаммаъно ва ҳамвазифа гардида, ҷузъи феъли таркибии номӣ шудааст: «Ба замми ин, дуредгариашро ҳам кардан гирад, ки дар ин давру пеш ба ин касб талаб **бисёр** аст» [193, 11]. «Ман гумон мекунам, ки баъд аз тӯй аҳволи зиндагонии хонадони мо **хеле** танг шуда буд» [193, 22]. «Агар қозӣ Абдулвоҳид дар вақти қозигии худ корҳои хуб бисёр карда бошад, **ниҳоят** аз чорбоғ ва аз ҳавлии оташини дӯзах халос мешавад» [193, 158].

Гузашта аз ин, калимаҳои **нав – new, хуб – good, сахт – strong, тез – quick** дар ҳолатҳое, ки бо зарфҳои **акнун – now, ҳозиракак, хеле – very,**

бисёр – much, зуд — quickly, даррав – rapidly ҳаммаъною ҳамвазифа мебошанд, бояд ҳамчун зарф ба ҳисоб гирифта шаванд: «Азбаски ин дасти рост аст, барои ту боз ҳам **сахт** аст, чунки **акнун** хат навишта наметавонӣ» [193, 165]. «Аз хоҷагон онҳое, ки аспу одам доштаанд, **зуд** тайёр шудаанд, аммо...» [193, 181]. «Мо шикорҳои худро **даррав** дар гулхан бирён карда бо намак меҳӯрдем, ки бисёр балаззат буд» [193, 207].

Қайд кардан ба маврид аст, ки исмҳои ифодакунандаи мафҳумҳои макон ва самту сӯй *(пеш – front, қафо – back, ақиб – back, боло – up, поён – down, берун – outside)* низ ба зарф гузашта, бо мурури замон аломатҳои сарфии зарф, аз ҷумла категорияи дараҷаро, ки фақат ба сифату зарфҳо хос аст, қабул карда, ҷузъи сифати феълии таркибӣ шудааст: *пештар – former, қафотар – posterior, болотар – upper, аз ҳама қафотар (болотар, поёнтар…): «*Шаб осуда хобида аз Пирак **пештар** аз хоб хестам» [193, 264]. «Бандии сеюмро, ки аз ҳама **қафотар** мебурданд, мо шахсан намешинохтем» [193, 368]. «Виҷдонам вазифаи тарбияи ин кӯдаконро аз ҳамаи орзуҳои ман **болотар** карда ба гардани ман бор карда буд» [193, 205].

Дар ҳар ду забон ҳам як гурӯҳ зарфҳое мавҷуданд, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ бо ҳамроҳ кардани вандҳо сохта шудаанд: *нохост: «*Лекин савор нашав, ки дастат **нохост** ба ёлаш расад, динг-динг карда туро меафтонад!» [193, 163]. – *suddenly, беист: «*Тарф монанди аждаҳое, ки дар афсонаҳо нақл мекунанд, **беист** фашшоси даҳшатангез мезад ва…» [193, 145] – *continuously, хомӯшона: «*Аммо ӯ ба касе нигоҳ намекард ва ҳарфе намезад, ҳамеша дар гӯшаи меҳмонхона **хомӯшона** менишаст, аммо…» [193, 69]. – *quietly, silently, бародарвор: «*Ҳар сол як бор ба саҳроҳо саёҳат карда бо деҳқонони хокпош **бародарвор** шинухез менамояд» [306].

Агар ба басомади баъзе аз зарфҳои тоҷикии *имрӯз, имшаб, имсол* назар афканем, аён мегардад, ки онҳо дар натиҷаи тадриҷан бо исмҳои *рӯз, шаб, сол* як шудани шакли қадимии ишораҷонишини «има», ки ин

якшавӣ боиси ихтисор гардидани садоноки охирини ишорақонишин гардидааст (има-им-ин), ба вуҷуд омадаанд. Дар забони тоҷикӣ шакли қадимии ишорақонишин фақат дар ҳамин се калима боқӣ мондааст.

Дар забонҳои муқоисашаванда як қатор калимаҳое мавҷуданд, ки асосан бо исмҳои *рӯз – day, шаб – night, сол – year* якҷоя истеъмол мешаванд, зеро исмҳои зикршуда мафҳуми маънои замони **парер, перорро** мушаххас менамоянд: *парерӯз – the day before yesterday, парреша*б – *last night, перорсол – last year*. Азбаски дар натиҷаи ҳамроҳ шудани калимаҳои **парер** ва **рӯз** ду ҳамсадои ***р*** паиҳам меоянду дар таллафуз сакта ба вуҷуд меоранд; барои сабуктар кардани талаффуз яке аз ин ҳамсадоҳо партофта мешаванд: пареррӯз – парерӯз.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи зарф аз дигар ҳиссаҳои нутқ дар он аст, ки зарфҳо аз забонҳои дигар иқтибос намешаванд, аммо бо вуҷуди ин, дар забони тоҷикӣ як қатор зарфҳое мавҷуданд, ки решаашон арабӣ буда, ба воситаи илова намудани пасванди **-ан** сохта шудаанд, ба монанди: воқеан, бадоҳатан, мустақиман, амалан: «... ва низ муаллим бояд тарзи навиштани он ҳарфро ба шогирд **амалан** нишон диҳад” [193, 128]; тахминан: «Деҳаи Болои Рӯд ба тарафи шимоли Маҳаллаи Боло буда, дар байни ин ду деҳа **тахминан** ҳазор қадам роҳ буд» [193, 29].

Илова бар ин, баъзе вандҳое мавҷуданд, ки метавонанд зарф созанд, чунончи, дар калимаи минбаъд: «Ту **минбаъд** ба пеши Султонпошшо нарав ва ба ҳикояҳои ӯ гӯш наандоз ва агар дар хусуси деву парӣ гап занад, гапи ӯро бовар накун» [193, 63].

Дар забонҳои тоҷикиву англисӣ як қатор калимаҳое мавҷуданд, ки аз зарф тафовуте надоранд, аммо вобаста ба матн онҳо вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Бархе аз онҳо дар алоқамандӣ бо феълҳо ба феъл мубаддал мегарданд. Дар ҳолатҳое, ки ин алоқа ба назар намерасад ва калима пурра ба гуфтор мансуб аст, он гоҳ он на ин ки зарф, балки калимаи туфайлӣ мешавад, ба монанди, одатан: «Ӯ, **одатан** маро дар

бозгашти мактаб ҷеғ мезад, имрӯз бар хилофи одати худ дар вақти рафт ҷеғ зад» [193, 108]; ҳақиқатан: «Ман, ки ҳисоби абҷадро медонистам, ҳисоб карда дидам, **ҳақиқатан,** 1303 баромад» [193, 123]; хушбахтона: «Имшаб аз байни 143 дег ош, **хушбахтона**, оши мо қабул ёфт ва ин оши гӯштимурғнок аз ошхонаи подшоҳист» [193, 171].

Як нуктаро бояд ёдовар шуд, ки забоншиносони форсу тоҷик солҳои тӯлонӣ тарафдори он ақида буданд, ки «агар калимаи мазкур аз нигоҳи синтаксисӣ ба исм марбут бошад, пас он сифат аст ва агар ба феъл марбут бошад, пас он зарф аст». Забоншиносони форс то ҳол андешаи мазкурро ҷонибдорӣ мекунанд. Дар забоншиносии тоҷик ақидаи мазкур мавриди танқид қарор гирифт, зеро ҳамон як калима ҳамзамон наметавонад, ки сифату зарф бошад. Ин қабил калимаҳо танҳо сифат буда, ба зарф ягон алоқа надоранд.

Сарфи назар аз андешаҳои зикршуда, забоншинос И. Исмоилов дар таълифоти худ таъкид бар он мекунад, ки «зарф ба сифати як ҳиссаи мустақили нутқ рӯз аз рӯз рушду такомул ёфта истодааст» [44, 25].

Ҳамин тавр, зарфро чун ҳиссаи нутқ тавсиф намуда, пеш аз ҳама, бояд ба тафовути он аз дигар гурӯҳи калимаҳо таваҷҷуҳ кард. Дар ин робита, метавон қайд намуд, ки зарф амсоли дигар ҳиссаҳои нутқ дорои маънои луғавии ягона нест. Агар исм ашёро, сифат аломати ашёро, феъл ҷараёни амалро ифода намояд, пас, зарф аломату ҳолат, муваққатии феъл ва дараҷанокиро ифода мекунад.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои зикршуда бармеояд, ки чӣ дар забони тоҷикӣ ва чӣ дар забони англисӣ категорияи зарф ҳамчун ҳиссаи нутқ дар таркиби калимаҳои мустақилмаъно зоҳир мегардад. Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки сарфи назар аз тафовути номувофиқатии сохторӣ калимаҳои ҳолӣ дар забонҳои муқоисашаванда, зарфҳое, ки аз сифатҳо сохта шудаанд, аз лиҳози шакл тафовут надоранд, дар он сурат, ки

зарфҳои англисӣ аз сифатҳо ба воситаи ҳамроҳ шудани пасванди **-ly** ба реша ташкил меёбанд.

Ба сифати ҳиссаи мустақили нутқ пазируфтани зарф аз ҷониби забоншиносони рус А.А.Потебня, А.А.Шахматов, А.М.Пешковский ва диг. қайд гардидааст.

Воқеан, дар забонҳои муқоисашаванда устувории аломатҳои сарфии зарф он қадар маълум нест. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки зарф чун категорияи падидаи дертар бавуҷудомада ба исм ва феъл мансуб буда, маҳз аз ҳисоби онҳо ба вуҷуд омадаанд ва миқдори онҳо рӯз аз рӯз афзуда истодааст.

Бештари забоншиносони рус зарфро аз лиҳози меъёрҳои наҳвӣ таҳлилу баррасӣ мекарданд ва бархе аз эшон зарфро ба категорияи наҳвӣ мансуб медонистанд. Забоншинос К.С. Аксаков роҷеъ ба ин масъала чунин қайд мекунад: «Зарф ҳиссаи нутқ, яъне шакли махсуси худро надорад. Он алоқаро ифода менамояд, яъне он аллакай падидаи наҳвӣ аст. Ҳиссаҳои гуногуни нутқ дар алоқаҳои гуногун зарф шуда метавонанд» [10, 74]. Ақидаи мазкурро забоншинос Ф.И. Буслаев тасдиқ намуда, чунин менависад: «Зарф ҳиссаи махсуси нутқ набуда, мафҳуми наҳвиест, ки метавонад чун ҷумлаи яклухт ифода ёбад» .

Аломатҳои шакливу маъноии зарф ва шабоҳату монандии он аз гурӯҳи дигари калимаҳо дар таълифоти забоншиносони хориҷӣ: Р. Бартч, О. Есперсон, Ч. Райз, С. Уфербаум, З.С. Ҳаррис, И. Ҳорова, Ш. Ҳуанг, Ҳ. Кучера, Р. Квирк, М. Вайт ва диг. таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Як нуктаро бояд ишора намуд, ки он забоншиносоне, ки мавҷудияти категорияи зарфро дар забони тоҷикӣ инкор мекарданд, аслан ба аломатҳои шакливу сарфӣ таваҷҷуҳ накарда, мехостанд қонуну қойидаҳои забони русиро дар забони тоҷикӣ ҷорӣ кунанд.

Чи тавре ки зикраш рафт, роҷеъ ба шинохти зарф чун ҳиссаи мустақил дар забони англисӣ назари ягона мавҷуд нест. Сухан дар он

аст, ки аз лиҳози ҷанбаи сарфӣ, зарфи англисиро наметавон аз дигар гурӯҳи калимаҳо равшану возеҳ фарқ кард ва аз нигоҳи ҷанбаи наҳвӣ наметавонад тавсифи грамматикии худро соҳиб бошад ва аз ин рӯ, бештари забоншиносон зарфро ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ намешуморанд.

Зарф дар ҳар ду забон бо шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл, бо сифат ё зарфҳои дигар алоқаманд шуда, барои шарҳу эзоҳи онҳо хизмат мекунад, ба монанди:

1) аломати амал аз ҷиҳати тарзи воқеъ гардидани он: ошкоро: «Чунки аз ин ҷавоби беэҳтиётонаи ман бо иғвои акаам будани ин талаби ман ба пеши падарам **ошкоро** шуда буд» [193, 27]; оҳиста: «Ман **оҳиста** аз мазор баромада пеши Ҳомидхоҷа омадам» [193, 143], якбора: «Ман **якбора** «вой мурдам» гӯён фарёди сахте кашидам» [193, 62].

Зарф метавонад дар баробари ифодаи тарзи амал тобишҳои иловагӣ дошта бошад, ҳолати субъект ё объектро ҳангоми иҷрои амал ва ё самту сӯй ҳаракатро ифода кунад: оромона: «Ман барои ба амал овардани ин фикр харро ба ҷӯйчае даровардам ва аз лаби ҷӯ ба ҳеҷ ҷойи вай даст нарасонда **оҳиста** ва **оромона** савор шуда гирифтам, хар ҳам ором истод ва ягон бадҳаракатӣ накард» [193, 164]; **хомӯшона**: «Аммо ӯ ба касе нигоҳ намекард ва ҳарфе намезад, ҳамеша дар гӯшаи меҳмонхона **хомӯшона** менишаст,...» [193, 69]; **пуштнокӣ**: «Даста аз ҷо хеста пуштнокӣ роҳ рафта аз дарвозаи ҳавлии саломхона мебарояд» [365].

2. Аломати амал ба тариқи монандкунӣ ба амалу ҳолат ё хусусияти ашёҳои дигар: **магасвор**: «Баъзе аз инҳо, бе он ки сарашро бардорад, ё чашмашро кушояд, **магасвор** садои ғинг-ғинги заифе мебаровард» [193, 143]**, бародарвор**: «Ҳар сол як бор ба саҳроҳо саёҳат карда бо деҳқонони хокпош **бародарвор** шинухез менамояд» [193, 306]; **олуфтаворона**: «Ман самоворро ба даст гирифтам ва Сайид Акбар як китоби худро бо нӯги остинаш **олуфтаворона** гирифт» [193, 176].

3. Андозаи иҷрои амал: тамоман: «Ман дидам, ки мардуми туман **тамоман** бехонумон мешаванд ва рӯди нав ҳам намебарояд» [88]**, баҒоят**: «Дар дарозии ин ҳуҷраҳо як одам базӯр мехобид, аммо барои онҳо **баҒоят** кӯтоҳ буда, ба одам ҚАд намедод» [193, 174]**; дучанд**: «Ҳашарчиён, ки дар вақти кори душвори худ самараи вайро дар пеши назараш мебинад, ҚУвват ва ҒАйраташ **дучанд** мешавад» [193, 174]; ҚАтъиян: «...чунки дар ин сурат бояд ӯ ба ҚозӣА даъвогар мешуд, ки ин **ҚАтъиян** мамнӯъ буд» [193, 174].

4.Замони воҚеъшавии амал: **ҳоло**: «Дар он вАқт ниҚоргирии ман ниҚоргирии золимонае мешуд, **ҳоло** ҳам интиҚом аз ҳад зиёд гирифта шуда буд» [193, 112]; **ҳозир**: «**Ҳозир** аз мадрасача домуллои акаат мебарояд, нигоҳ карда исто, ман ӯро ба ту нишон медиҳам» [193, 120]; **ҳамеша**: «Шеъргӯйӣ **ҳамеша** дар ҳама кас сифати нек шудан намегирад» [193, 159]; **дирӯз**: «Бо таъсири борони **дирӯза** дар регзор чунон бисёр занбӯруҒ рӯйидааст, ки ҷувол-ҷувол чидан мумкин аст» [193, 35]; **фардо**: «Аммо чӣ будани садоеро, ки аз ҒОр шунидӣ, ман **фардо** ба ту нишон медиҳам» [193, 64].

5. Макони воҚеъ гардидани амал: **ҷо-ҷо**: «Ҳама ҳавлиҳои ин деҳа аз рег пур буд ва гӯшаи боми баъзе хонаҳо **ҷо-ҷо** намоён мегардид» [193, 42]; **ҳар ҷо-ҳар ҷо**: «Садҳо нафар мардуми ҳашарчӣ ҳам **ҳар ҷо-ҳар ҷо** хобидаанд» [193, 87]; **ҚАфо**: «Бо ин НИят ӯ дар яке аз рӯзҳои зимистон ба хар савор шуда, маро ба **ҚАфои** худ савор карда ба роҳ даромад» [193, 168]; **болотар**: **«**Он рӯз дидам, ки дар гӯшаи шимоли ҒАрбии тал тахминан 5 метр **болотар** аз замин ва шакли айвон як камари айвонмонанд кофта будаанд...» [193, 64]**; дуртар**: «Саъвабозӣ боз тамошои дигар дошт – тамошобинон тахминан сад ҚАдам **дуртар** аз саъвабоз дар рӯбарӯйи ӯ саф кашида меистоданд» [193, 280].

6. Сабаб ё мАҚсади воҚеъ гардидани амал: ҚАсдан: «Аммо азбаски ӯ уруспараст шудааст, **ҚАсдан** мехоҳад, ки ҷойи поки мусулмононро мурдор кунад» [193, 288]; ночор: «Аммо дидам, ки падар ва модарам пир

шудаанд ва баъд аз ин бе ёрии ман зиндагониашон душвор аст, **ночор** ин корро қабул кардам» [193, 13]; **беҳуда**: «Ҳама ба ҳаракати ин ҷавон механдиданд ва «беҳуда дусад тангаро аз даст медиҳад» мегуфтанд» [193, 150]; бесабаб: «Назар ба дарёфти онҳо, «Самарқанд рафта омадани ӯ ҳам **бесабаб** набудааст» [193, 285]**.**

7. Аломати аломат: бағоят форам: «Ҳаво на сард буду на гарм вале **бағоят форам** буд» [193, 34]**,** хеле дер: «Ҳарчанд ҷояш ин ҷо нест ва таърихаш **хеле дер** аст, як воқеаро ҳам, ки ба ҳамин суханони домуллоям дар бораи...» [193, 298].

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасии зарф ва мақоми он дар низоми ҳиссаҳои нутқ аён гардид, ки он дар ҳар ду забон ҳамчун ҳиссаи мустақил баромад мекунад. Роҷеъ ба зарф чун гурӯҳи калимаҳои ҷудогона дар забоншиносии тоҷик то ҳоли ҳозир мавриди баҳсу мунозира қарор дорад.

Вижагиҳои асосии грамматикии зарф дар забонҳои муқоисашаванда аз инҳо иборатанд:

1.Нахуст, зарфҳо калимаҳои мустақилмаънои тасрифнашавандаанд;

2. Дуюм ин ки, зарфҳо феълҳоро муайян мекунанд;

3. Зарфҳо низоми мураккаби калимасозиро бо дигар ҳиссаҳои нутқ соҳибанд;

4. Ба зарфҳо дараҷаи муқоисавӣ хос аст;

5. Зарфҳо, аслан, дар вазифаи калимаҳои ифодакунандаи ҳолат истифода мегарданд;

Илова бар ин, бояд қайд кард, ки тафовути зарф аз дигар ҳиссаҳои нутқ дар он аст, ки он маънои ягонаи луғавиро соҳиб нест. Агар исм ашёро ифода намуда, гӯянда онро ҳамчун ашё дарк кунад, сифат аломати ашё, феъл ҷараён ва ғайраро, пас, зарф ҳолат (нағз таҳсил намудан – study well; тез баргашт – has quickly returned); мафҳумҳои замонӣ (дирӯз –

yesterday; now – ҳозир, пештар – recently); сеюм, мафҳуми фазо (наздик шуд – has near approached; has gone ahead – дур ҳаракат кард); аломати дараҷа (a lot of – бисёр, little – кам) ва аломати аломатро мефаҳмонад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки он маъниҳои зикршудае, ки зарф соҳиб аст, ҳиссаҳои дигари нутқ низ доранд, аммо онҳо на ба як ҳиссаи нутқ мансуб аст, яъне маъниҳо вобаста ба гурӯҳи калимаҳое ҷудо мегарданд, ки аз онҳо калимазарфҳо созмон меёбанд. Дар забони англисӣ қариб аз ҳамаи сифатҳои аслӣ зарф сохта мешавад: wide (васеъ) – widely (васеътар); light (сабук) – lightly (сабуктар). Ин хусусият дар матн равшантар муайян мегардад.

Вазифаи асосии зарф дар ҳар ду забон муайяну мушаххас намудани маънои феъл, категорияи ҳолат, сифат ва зарф ба шумор меравад. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо зарф чун ҳол баромад мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо зарф гурӯҳи пурраи калимаҳоро муайян мекунад ва метавонад ба исм марбут шуда, дар ҷумла нақши муайянкунандаро бозад.

Зарфҳое, ки ба феъл мансубанд, маънои онро дар муносибатҳои гуногун муайян карда метавонанд. Ин алоқамандӣ байни феълу зарф дар он зоҳир мешавад, ки хусусияти худи амал ба хосиятҳои намудии он вобаста бошад, чунончи: *He seldom comes here; they usually come in time*, *he speaks quickly; he works energetically*.

Алоқаи зарф бо феъл дар ифодаи зарфҳои замон ва макон то андозае камтар ба назар мерасад: *he will arrive tomorrow; he lives far away.*

Зарфҳо ҳангоми ифодаи категорияи ҳолат хусусияти аслии ҳолат ва ё дараҷаи онро ифода мекунад: *He is fast asleep; he was wide awake; he was alive then*.

1.2. Тафовути зарф аз сифат

Тафовути зарф аз сифат, пеш аз ҳама, аз лиҳози маъно ҳувайдо мегардад. Сарфи назар аз он ки сифат ва зарф аломатро ифода мекунанд, аммо тафовут дар он зоҳир мегардад, ки зарф аломати амалро ва сифат аломати ашёро ифода менамояд. Тафовути дигари зарф аз сифат ин аст, ки сифат шакли дараҷаи олӣ дорад, ки он бо суффикси -тарин ифода меёбад (беҳтарин нависанда), вале зарф шакли дараҷаи олӣ надорад. Аз ҳамин сабаб калимаҳое, ки бо усули сарфӣ-наҳвӣ аз сифати аслӣ ба зарф гузаштанд, танҳо суффикси -тар қабул карда метавонанд (Падарам тезтар омад).

Бояд тазаккур дод, ки аз лиҳози алоқаи сарфӣ байни сифат ва зарфи забонҳои таҳқиқшаванда умумияти бештаре мавҷуд аст. Зарф дар забонҳои муқоисашаванда аз лиҳози хусусиятҳои грамматикӣ ба сифатҳои аслӣ шабоҳат дорад. Яке аз вижагиҳои умумии ҳиссаи нутқи мазкур дар забонҳои зикршуда мавҷуд набудани категорияи шумора, падеж ва ҷинсият дар зарф ба шумор меравад.

Яке аз аломатҳои умумии ин ду ҳиссаи нутқ соҳиб будани дараҷаҳои муқоисавии сифатҳои аслӣ ва зарфҳои забонҳои мазкур аст: хуб – хубтар, зуд – зудтар, ба монанди: хуб: «Дар хона аз кӯрпачаҳо як суфаи бисёр хуб сохтем,– гуфт тағоиям» [193, 20]. Хубтар: «Хизмати бойро бошад, аз пештара ҳам хубтар, бисёртар мекардааст» [193, 50]; зуд: «Модар хӯрҷинро дар айвончаи ошхона гузошта зуд ба хона даромада салла ва ҷомаи падарро гирифта...» [193, 63]; зудтар: «Зудтар тадбиратро гӯй, ки метарсам аз хурсандӣ шодимарг шуда роҳи халосиро нашунида монам» [193, 111].

Сифатҳои аслӣ дар ҳар ду забон ҳам дараҷа доранд: «Дар ин деҳа як-ду нафар бойи калон ва ду-се нафар деҳқонони миёнаҳол буда, боқимондагони аҳолӣ имрӯзро ёбанд, фардоро намеёфтанд» [193, 9]. «Сабр кун, **калонтар** шавӣ, меравӣ, мебинӣ, орзуят мешиканад» [193,

132]. «Охир баъд аз «гиред-гиред»-и бисёре, **калонтарини** хоҷагони меҳмон, ки дар пешгоҳ нишаста будааст, аз...» [193, 181]. «Shame on you, Muhiddin, a **big** boy like you being afraid and running away» [194, 7]. «...they would have to repay in future years as a **bigger** proportion of their crop» [194, 50]. «The spiritual direction of the village was in the hands of the Mutavallis, who were the **biggest** landlord among the Mirakonis» [194, 1].

Дар забонҳои муқоисашаванда исм-зарфҳое мавҷуданд, ки метавонанд ба вазифаи исму зарф баромад кунанд, вақте ки онҳо ба сифати муайяншаванда дар ибораҳои изофӣ истифода мегарданд. Онҳо ҳамчун пешояндҳои номӣ (исмӣ) ва пешояндҳои таркибии номии изофӣ маъмуланд: пеши: «Ман ва бачагони дигар дар **пеши** созандагон ғун шуда онҳоро тамошо мекардем ва нағмаву усулҳошонро гӯш медодем» [193, 31]. Паси: «Ман корро ба ҳамин тартиб ниҳодам, ки аз **паси** ҳашарчиён об ҳам меояд» [193, 32].back: «Your uncle continued with his lessons, but the others all came **back** after a few years at the madrasa, set themselves up as village mullahs and lived off people's gullibility» [194, 4]. Ahead: «If you can do it, go **ahead** and fast...» [194, 69].

Як нукта ба ёдоварист, ки бештари сифатҳо аз нигоҳи шакл аз зарфҳо тафовуте надоранд, аз ин рӯ онҳо метавонанд дар вазифаи зарф ва ҷузъи феъли номӣ корбурд гарданд: дур: «Ясавулони чӯбдардаст тамошобинонро зада **дур** мекарданд, ки ҳуҷум оварда раққосон ва доирадастонро зер накунанд»[193, 169]. «Гӯё вай **дур** рафтани маро донистан хост, ки ба ҷойи ман бемордорӣ кунад» [193,188].

Зарф низ амсоли сифат шакли дараҷаи муқоисавии худро дар забони тоҷикӣ ба воситаи пасванди -тар месозад: наздиктар: «…вай ба ман нигоҳ карда думашро ҷунбонид ва баъд ба дари хона **наздиктар** рафта тумшуқашро ба рӯйи остона монда ва чашмонашро ба сӯйи беморон дӯхта хобид» [193, 183]. Дуртар: «Саъвабозӣ боз тамошои дигар дошт – тамошобинон тахминан сад қадам **дуртар** аз саъвабоз дар рӯбарӯйи ӯ саф

кашида меистоданд» [193, 281]. Far: «The young goats butted and wrestled, chased and caught each other, just like the boy, while the lambs that had wandered off to graze **far** from their mothers would run bleating after the flock- and none of them ever stumbled» [194, 16]. Farthest: «In the **farthest** section of this yard lived my father's cousin, then about fifty years old and an accomplished carpenter; It was said that even in Bukhara it would be hard to find his equal in all kinds of woodwork» [194, 22].

Бештари зарфҳо дар забони тоҷикӣ ба феълҳо ҳамроҳ мешаванд: қасдан: «Аммо ӯ ба таълимоти падараш гардан намефуровард ва корҳои падараш фармударо, ки ба кандакорӣ оид буданд, қасдан вайрон мекард» [193, 75]. Имрӯз: «Ӯ одатан маро дар бозгашти мактаб ҷеғ мезад, имрӯз бар хилофи одати худ дар вақти рафт ҷеғ зад» [193, 108]. Нағз: «Бисёр нағз, инҳо хуб кор мекунанд, – гуфт қозӣ ва ба тағоиҳоям нигоҳ карда: – хуб...» [193, 92].

Ҳамин тавр, аён гардид, ки аз лиҳози шакл он зарфҳое, ки зикрашон рафт, аз сифатҳои аслӣ тафовуте надоранд, аммо аз нигоҳи алоқаи маъноӣ ва наҳвӣ дар байни онҳо тафовут дида мешавад. Аз нигоҳи алоқаи маъноӣ ва наҳвӣ таҳвил ё гузариши сифатҳо ба зарфҳо дар он зуҳур меёбад, ки зарфҳо аломату хусусияти ашёро ифода накарда, бо исм мувофиқат намекунанд.

Ҳамин тавр, а) сифат ашёро ифода карда, исмро муайян карда бошад, зарф аломати амалро ифода намуда, бо феъл пайваст шуда онро муайян мекунад; б) сифатҳо ва зарфҳо бо бандакҳо ва пасвандҳои ифодакунандаи шумораи ҷамъ дар он ҳолате корбурд мегарданд, ки онҳо ба вожаҳои исмшуда мубаддал мешаванд.

Илова бар ин, зарф ва феъли ҳоли замони ҳозира чун ҳол баромад намуда ба феъл ҳамроҳ мешаванд. Бо вуҷуди ин, онҳо аз якдигар тафовут доранд: зарф бо феъл пайваст шуда, аломати амалро ифода мекунад, аммо ҳамзамон ба сифати соҳиби амал баромад намекунад, ҳол он ки

феъли ҳол аломати амалро ифода намуда амалро дар ҳамон замон нигоҳ медорад. Аз тарафи дигар, феъли ҳол дар тафовут аз зарф аз рӯйи шахс, шумора ва замон тасриф намешавад.

Таъкидаш бачост, ки дар забони тоҷикӣ зарфҳое, ки бо калимаҳои сода ифода ёфтаанд, метавонанд, дар вазифаи сифат истеъмол гарданд, чунки аз лиҳози таркиби сарфӣ онҳо аз зарфҳо ҳеҷ тафовуте надоранд: дер: «Истиқомати мо дар ин ҳуҷраи «девхона» бисёр **дер** накашид” [193, 175].late: “I did not feel the squeeze directly, but I suspected from their gloomy **late**-night conversation that the circumcions for my parents» [9].

Гузашта аз ин, мансубияти калима ба ду ва ё зиёда ҳиссаи нутқ сарфи назар на танҳо аз нигоҳи басомади онҳо, балки аз лиҳози алоқаҳои маънои калимаҳо, ки ба худ касб мекунанд ва сохтори морфологии худро созмон медиҳанд, таваҷҷуҳ менамоем. Аз ин рӯ, вожагони ифодакунандаи фасли сол ва қисми рӯз ҳамзамон метавонанд, чун сифат, исм ва зарф истеъмол гарданд. Тобистон: «Ҷуфтронони райони Ғиждувон одатан дар шабҳои **тобистон** дар соати 10-и шаб гов баста кор сар мекарданд ва заминро пеш аз баромадани офтоб дандонаву мола карда намашро тамоман дар худаш нигоҳ медоштанд – аз хушконидани партави офтоб эмин мекарданд» [193, 167]. Summer: «She and Tuta-posho were neighbors, and on **summer** night the two of them would sleep out on their sufas, which were next to each other» [194, 16].

Зарфҳо ҳангоми ифодаи сифат дар бештари ҳолатҳо дараҷаи аломатро ифода мекунад: хеле хуб – very good; бағоят аҷоиб - somewhat strange. хеле хуб: «Ҳарифи ман байти мазкурро бо қалами қариндош бо хати худ ба коғазе навишта гирифт (хаташ хеле хуб буд) ва...» [193,101]. very good: «That too was simple: rice and beans, sometimes kedgeree or leck soup (pioba), which tasted very good with dry bread» [194, 89].

Зарфҳо ҳангоми ифодаи исм ҳамеша аломати замон ва маконро ифода мекунанд. Дар дигар ҳолатҳо чунин истифодаи зарфҳо дар забони англисӣ низ мушоҳида мешавад: ҳуҷраи дар боло буда хеле гарм аст.

Бояд тазаккур дод, ки шаклҳои калиматағйирдиҳанда танҳо дар зарфҳои тарзи амал ва баъзан дар зарфҳои дараҷа дида мешавад ва дар он зарфҳо хусусияти пайвастшавӣ бо феълҳо хос аст.

Зарф ва сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ категорияҳои ҳолат (падеж), ҷинсият ва шумора надоранд. Хусусияти умумии сифатҳои аслӣ ва зарфҳо мавҷуд будани дараҷаи муқоиса ба шумор меравад.

Вобаста ба сифати забони тоҷикӣ ҳаминро метавон гуфт, ки дар онҳо хусусиятҳои хосе мушоҳида мешавад, яъне агар онҳо дар забони англисӣ бо сифатҳо мувофиқат накунанд, пас, дар забони тоҷикӣ сифатҳо бо исмҳо пайваст шуда, мавқеи пасмавқеъро ишғол мекунанд ва вандҳои ифодакунандаи ҷамъро қабул намудаҳ бо исмҳо мувофиқат мешаванд. Аз ин лиҳоз роҳу усули ташаккули зарфҳо дар забонҳои муқоисашаванда якранг аст, яъне онҳо аз исмҳо, шумораҳо, ҷонишинҳо ва феълҳо ба вуҷуд меоянд.

Ба андешаи мо, ҳангоми мансуб донистани ин ё он калима ба ҳиссаи мушаххаси нутқ бояд хусусиятҳои умумие, ки барои калима ҳамчун воҳиди забон, хос аст, ба назар гирифта шавад, масалан: зуд – зудтар: «Ман чӯбак ва нақораамро бардошта ба нияти зудтар қоил кардани акаҳоям ба тарафи хона давидам, бобо ва тағоиям – аз дунболи ман» [193, 15]; «My opponent came up with the necessary verses faster than I, and I could see was quite experienced at this game» [194, 105]. «Because of the dryness of the soil, the crops were mostly wheat, barley, millet and beans» [194, 3].

Ҳаминро бояд ишора намуд, ки худи зарф метавонад, дар забони англисӣ зарфи миқдору дараҷаро бо ҳиссачаҳо ифода кунад: very, too,

rather: «I knew **very** well that it was so-but first because the secret of my home-made verse had not come out» [194, 106]. «At last the loneliness and the repealed lengthy travelling were **too** much for my grandfather» [194, 3]. «My father, on the other hand, was **rather** more direct and sharp-tongued ; he made it abruptly clear when he did not find someone's conduct to his liking, and had no compunction about offending the other party» [194, 39]. Гурӯҳи якуми зарфҳои дар ҷумлаҳои овардашуда хусусияти аломат ва амалро ифода намуда, инчунин ба тобиши маъноии шумораи амал ва ё сифат ишорат мекунад. «Now, although the marks of Sayid-Akbar's slap had long vanished from my face, its inner effects were still with me» [194, 43]. «There was no water in the ditch, and no pen case either» [194, 66]. Гурӯҳи дуюми зарфҳо бошанд, яъне зарфҳои ҳолӣ ифодакунандаи муносибатҳои замон, фазо, мақсад ва сабаб мебошанд.

Зарф дар ҳарду забон ҳам, дар ҷумла ба вазифаи ҳол меояд: «Аммо чӣ будани садоеро, ки аз ғор шунидӣ, ман фардо ба ту нишон медиҳам» [193, 28]; «Модар хӯрҷинро дар айвончаи ошхона гузошта зуд ба хона даромада, салла ва ҷомаи падарро гирифта ба мехи девор овехт ва дар ҷойи нишасти ӯ кӯрпача паҳн намуда, лӯлаболишҳоро дар паҳлуяш гузошт» [193, 39]. «He doesn't have any money to throw a dinner for all of us-he'll be up by first light tomorrow and on his way to Bukhara, and never come back to the village» [194, 84].

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи зарфи забони тоҷикӣ аз англисӣ дар он аст, ки зарфи забони тоҷикӣ одатан, пеш аз феъл ва ё вожагони дигар меояд ва дар забони англисӣ бошад, баръакс, зарф пас аз феъл меояд: «Ман чӯбак ва нақораамро бардошта ба нияти зудтар қоил кардани акаҳоям ба тарафи хона давидам, бобо ва таҒоиям – аз дунболи ман» [193, 8]. «I led the donkey into the stream and, slowly and carefully, without touching him anywhere with my hands, mounted him from the bank» [194, 85].

Барои зарфи забони тоҷикӣ алоқаи наҳвии ҳамроҳӣ хос аст. Дар вазифаи ҳол зарф ба ҳиссаҳои зерини нутқ ҳамроҳ мешавад:

а) ба феълҳо ҳамроҳ шуда онҳоро шарҳу эзоҳ медиҳад: «Касе лаб-лаби об, бо қадамҳои ғайриоддӣ ва номутаносиб, калавида ба забони англисӣ таронаи кӯчагиро **хандакунон** хонда роҳ мерафт». «The rich man went straight to the orphan and told him, **smiling.** No need to be upset, my son, nor to involve other people in our affairs» [194, 25].

Агар дар забони тоҷикӣ зарфи хандакунон феълро шарҳу эзоҳ диҳад, вале дар забони англисӣ тавре ки аён гардид калимаи мазкур ба вазифаи сифати феълӣ омадааст.

- ба сифат ва сифати феълӣ: «Дусад сол пеш аз ин ҳам саҳни мураббаи он дар интизоми сохте нигоҳ дошта мешуд». «Дар гулзорҳои хуб оросташудааш гулҳои бобрия ва ғайра расида буданд». “You’re very lucky that your betrothed is so beautiful and in such great demand» [194,25].

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳолати истеъмоли зарфҳо ба ҷойи исмҳо, яъне исмшавии зарфҳо ба назар мерасад ва дар ин ҳолатҳо зарф дар ҷумла ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда меояд.

Бояд ишора кард, ки дар забони тоҷикӣ сифатҳо ва ибораҳои исмии пешояндӣ ва бепешоянд ба вазифаи ҳол истифода мешаванд. Масалан, дар ҷумла вазифаи ҳоли маконро вожагони ифодакунандаи макону ҷой бо пешояндҳои ба ва ё дар ҳамчун феъли таркибӣ баромад мекунанд: дар хона будам ё хона будам; вазифаи ҳоли замонро вожаҳои ифодакунандаи муҳлат, ва замон иҷро мекунанд: «тобистон омадам, шаб меравам»; «**In the summer** I stayed with your mother in Soktare, working the land and pickingthe fruit, and in the winter I lived with my father in Mahallai Bolo, making mill wheels and weaving» [194,4].

Илова бар ин, вазифаи ҳолро зарфи зерини тарзи амал низ иҷро мекунанд:

- сифатӣ: хуб, зуд: «Назар ба нақли падарам – Сайид Муродхоҷа, падари ӯ – Сайид Умархоҷа, одами хату саводнок буда, аз ҳунарҳои дастӣ дӯконбофӣ ва дурудгариро **хуб** медонистааст» [193, 4]. «Ту **зудтар** ба воситаи ягон кас маро аз падарам талаб кун, агар ту талаб накунӣ ё падарам маро ба ягон каси дигар диҳад, дониста мон, ки ман худамро мекушам,–гуфтааст» [193, 23]. «I'm going now- the lads have learned pretty well how to weave a fence, they can finish it themselves» [194, 19]. «My brother and I slept together, and as I was listening carefully to the conversation I thought that he was fast asleep» [194, 11].

- ифодакунандаи мафҳум бо пешояндҳои бо, ба: ба зудӣ, ба наздикӣ: «Ман кӯшиш мекардам, ки яке аз ин калимаҳоро ба сари байте ба ҷойи калимае монда хонам, аммо **ба зудӣ** рост намеомад» [193, 100]. «The powerful, intelligent dog learned the ropes after a few lengths, and was **soon** pulling» [194, 91].

Як нуктаро бояд ишора намуд, ки дар забони тоҷикӣ дар вазифаи зарф вожаҳое истифода мешаванд, ки ба воситаи пасванди -она сохта шудаанд: шабона; оромона; хурсандона; рӯзона; аскарона, ғамгирона ва ғ.: «Бобоям чандин сол дар ин деҳа ва дар ҳамин меҳмонхона зиндагонӣ намуда, шабона, ки аз кори дурудгариаш фориғ мешудааст, Деҳқон ном писари калони соҳиби ҳавлиро хононда ӯро ҳарфшинос кардааст» [193, 12]. «Ман барои ба амал овардани ин фикр харро ба чӯйчае даровардам ва аз лаби чӯ ба ҳеҷ ҷойи вай даст нарасонда оҳиста ва оромона савор шуда гирифтам, хар ҳам ором истод ва ягон бадҳаракатӣ накард». Дар забони англисӣ бошад, ин намуди зарфҳо тавассути пасванди -ly созмон меёбанд: calmly, slowly, daily, sadly, happily e.t.c. «Habiba had me repeat it several times, then she picked up the book and recited the ghazal so **sadly** and **hauntingly** that her own eyes brimmed with tears and my spine began to tingle- especially when she reached the verse» [194, 54]. «To the west of the hill is a garden with a pond and trees where the devs and paris were said to gather for nightly relaxation and revelry» [194, 110].

Ҳамин тариқ, зарф дар забонҳои муқоисашаванда монандиву умумияти зиёд дошта, тафовути асосӣ дар тағйирнаёбии он дар забони тоҷикӣ зоҳир мешавад, ки хусусияти фарқнокии онро аз дигар ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ равшану возеҳтар бозтоб мекунад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар забони тоҷикӣ хусусияти тағйирпазирии зарф танҳо дар ифодаи дараҷаи қиёсӣ мушоҳида мешавад, ки он ҳам на ба ҳамаи зарфҳо мансуб аст.

Дар забони тоҷикӣ зарфҳо тавонистанд, ки вобаста ба вазифаҳои наҳвии худ ба як ҳиссаи ҷудогонаи нутқ ҷудо шаванд, яъне аломати сарфии тағйирнаёбии зарф ба шумор меравад. Тафовути дигари зарф аз ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ дар сермаъноии зарф маҳсуб меёбад. Хусусияту аломати асосии зарф дар забонҳои мавриди қиёс – ин мансубияти он ба тамоми ҳиссаҳои дигари нутқ мебошад, ба монанди:

а) бо исмҳо: бодиққат – attentively; thoroughly, carefully, ғолибона – triumphaly, triumphantly; victoriously, харакӣ – astraddle assback; шабона – nightly (by night): «Маро, бо вуҷуди он ҳама мондагӣ, на рӯзона ва на шабона ҳеҷ хоб набурд ва манзараҳои даҳшатангези онрӯза аз назарам ҳаргиз дур намешуданд» [193, 393]. «It trained me to be observant and treat attentively, and taught me not to forget messages, events, objects, and people» [194, 86].

б) бо сифатҳо: ростнокӣ – straight, пастнокӣ – low, тез-тез – fast, quickly, rapidly, дилпурона – confidently, with confidence/assurance: «Ман ба болои хари бетӯқум пастнокӣ ғежида қариб буд, ки аз сағриаш шорида афтам ва барои нигоҳдории худ аз ғалтиш беихтиёрона бо ду дастам ба ёли хар часпидам» [193, 164]. «I'ts mouth was so huge that it would lay its lower lip flat on the riverbed, raise its upper lip straight into the air like a drawbridge, and with a single gulp suck up all the water in the river» [194, 111].

в) бо ҷонишини номуайянӣ ва шумораҳо: якчанд – several, a few somewhat, slightly; rather, in a way, дубора – iteratively, repeatedly, сенафарӣ

– by three: «Орзу мекардам, ки коре шуда ҳамаи ин ғаму кулфатҳо, ҳарчанд якчанд дақиқа ҳам бошад, аз ёдам барояд ва ман ҳам андаке рӯйи осойишро бинам ва бо хоҳиши ин орзу байти зерини як ғазали Бедилро, ки падарам дар ин гуна мавридҳо бисёр мехонд ба ёд овардам ва бо овози пасти ҳазин замзама кардан гирифтам» [193, 199]. «Khaibar was indeed deeply offended, and for several days more he refused to eat anything my mother offered him» [194, 34].

г) бо ҷонишинҳо: ҳаматарафа – comprehensively, thoroughly, closely, in detail, ягон-ягон - every now and then, from time to time, occasionally, чанд-чанд – several, a few; some: «Роҳбари мо моро ба ҳар кадоми он давраҳо бурда ягон-ягон нишон дод» [193,137]. «But from time to time you should invite us over for some of your shir-birinj, he finished, with a smile» [194, 145].

д) бо феълҳо: торафт – steadily, умрбод – forever; for good, рафта-рафта – gradually, little by little, by degrees: «Маҷлиси қаландарон торафт меҷӯшид, аммо суҳбати мо дар бораи онҳо пир шуд, мо рафтан хостем» [193, 279]. «Put your mouth near the edge of the jug and blow steadily» [194, 32].

Яке аз аломатҳои муҳимтарини сарфии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ин хос будани вандҳои калимасоз ба онҳо аст. Махсусан аффиксҳои калимасози зерин хоси забони тоҷикӣ аст, ки ин ҳам яке аз аломатҳои фарқкунандаи зарф аз сифат маҳсуб меёбад: -нокӣ, -акӣ, -она, -вор, -бар, ва ғайра. «Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо ва солҳо гузаштан гирифтанд, ятим ба бой аз таҳти дил фарзандвор хизмат кардан гирифтааст, нафъи бойро нафъи худ, зарари бойро зарари худ донистааст, «ман ки домоди ӯ мешавам, ҳамаи чизҳои ӯ аз они ман мешавад» гуфтааст» [193, 22]. Дар забони англисӣ суффикси «-ly» нибат ба аффиксҳои дигар сермаҳсултар аст. «Look at your little brother , who is eight years younger than you, happily playing his drum. Get down from there» [194, 7].

Фарқи зарфҳои забонҳои муқоисашанда дар он аст, ки баъзе аз калима-ҷумлаҳои англисии yes no ба зарф мансуб аст ва ба ин қатор вожаҳои only, even, just дар таркибҳои навъи it is just the thing ва ғ., яъне вожагоне ба гурӯҳи махсуси ҳиссачаҳо метавон ворид намуд ва онҳо наметавонанд ба сифати аъзои ҷудогонаи ҷумла баромад намоянд. Ба ин гурӯҳ ҷузъи таркибии дуюми ибораҳои to look on, to put up, to give in низ шомил мегарданд, ки қобилияти аъзои ҷудогонаи ҷумла буданро надоранд ва забоншинос Б.А. Илиш онҳоро ба гурӯҳи махсус – пасояндҳо мансуб медонад. Ба ин гурӯҳ вожагони зерини perhaps, maybe, probably, certainly, surely, possibly низ марбут мешуморад, яъне он вожагоне, ки гурӯҳи махсус – калимаҳои модалиро ташкил мекунанд.

Аз ин рӯ он намуди вожагоне, ки зикрашон рафт, яъне вожа-ҷумлаҳо, ҳиссачаҳо, пасояндҳо ва калимаҳои модалӣ аз он категорияҳое ба шумор мераванд, ки тафовути зарфи забони англисиро аз забони тоҷикӣ равшану возеҳ нишон медиҳад.

Алоқаи наздики грамматикии зарф бо дигар ҳиссаҳои нутқ тафовути луғавиву наҳвии зарфро муайяну мушаххас менамояд: а) зарфҳое, ки аз исмҳо сохта шудаанд; б) зарфҳое, ки аз сифатҳо сохта шудаанд; в) зарфҳое, ки аз шумораҳо сохта шудаанд; г) зарфҳое, ки аз феълҳо сохта шудаанд.

Таъкидаш баҷост, ки сифатҳои friendly, lively, lovely, lonely шакли мувофиқи зарфи худро надоранд ва барои ифодаи маънии ҳолии онҳо таркибҳои зерин истифода мешаванд: in a friendly way, in a lively manner: «Some of the poets, who were all **in a friendly way** and informal terms, grumbled to the host of the evening....» [194, 80].

1.3. Дараҷаҳои қиёсии зарф дар забонҳои муқоисашаванда

Мавҷудияти дараҷаи муқоисавӣ дар зарфҳо яке аз он хусусиятҳоест, ки аз шабоҳат доштани сифатҳо ва зарфҳои аслӣ шаҳодат

медиҳад. Қисми зиёди зарфҳо дорои категорияи дараҷа мебошанд. Дараҷаҳои муқоисавӣ ва олии зарф асосан ба воситаи пасванди **-тар** ва таркиби «**аз ҳама**» ифода карда мешаванд. Аз ин лиҳоз категорияи дараҷа дар байни сифат ва зарф муштарак мебошад. Аз ҷиҳати ифодаи дараҷа дар ин ду ҳиссаи нутқ чунин умумият ва тафовут вуҷуд доранд.

Зарфҳои якҳиҷогӣ дар ҳар ду забон ҳам дараҷаи муқоисавии худро ба воситаи пасванди **–тар** месозанд. Агар дараҷаи муқоисавӣ дар забони тоҷикӣ ба воситаи пасванди **–тар** сохта шавад, пас, дар забони англисӣ ин дараҷа тавассути пасвандҳои **–er** сохта мешавад: зуд – зудтар; зебо – зеботар; hard – harder; fast–faster: «Ман бесаброна мехостам, ки ӯ чӣ будани он даъворо на бо сухан, балки монанди як порча санг ё кулӯх ба даст гирифта нишон диҳад, то ки ман **зудтар** фаҳмам ва ғуддаи дилам кушода шавад» [193,319]. «Ин ҳол боз як сабаби ифтихори ман гардид, ки чӯбакҳоро боз ҳам **сахттар** мезадам…» [193, 20]. «The orphan believed the rich man and convinced the girl that it was true and she was reassured, and the boy began to work even **harder** from that day forth» [194, 26]. «My opponent came up with the necessary verses **faster** than I, and I could see was quite experienced at this game» [194, 105].

Маврид ба таъкид аст, ки дар ташаккулёбии дараҷаи олии зарфҳо дар ҳар ду забон таркибҳо нақши асосиро созмон медиҳанд. Агар дараҷаи олӣ дар забони тоҷикӣ ба воситаи таркиби «**аз ҳама**» сохта шавад, пас, дар забони англисӣ ин дараҷа тавассути таркиби **«of all»** сохта мешавад: аз ҳама пештар; аз ҳама боақлонатар; harder of all; better of all: «Аз бозе ки ин қарзро ман аз ӯ гирифтам, аҷаб нест, ки ҳар шаб ба болои ҳамин пул фикр кунад, бинобар ин **аз ҳама пештар** хотирҷамъ кардани пиракиро лозим донистам» [194, 24]. «I was first **of all surprised,** then angry, and finally I burst out laughing-surprised, because I never expected this kind of reward for my errand» [194, 56].

Дараҷаи муқоисавӣ. Ба воситаи пасванди **-тар** ифода намудани дараҷаи муқоисавӣ дар забони тоҷикӣ сермаҳсултар мебошад. Пасванди мазкур бо ҳама гуна зарфҳое, ки қобилияти дараҷаифодакуниро доранд, омада метавонад. Танҳо зарфҳои сабаб ва мақсад умуман дараҷа қабул намекунанд, яъне бо суффикси **-тар** намеоянд. Пасванди номбурда бо зарфҳои зерин меояд:

а) тарзи амал: оҳистатар: «Ҳаяҷони мӯйсафед як андоза паст шуд ва нафасашро рост гирифта бо оҳанги **оҳистатар** гуфт» [193, 392]; моҳиронатар, нодиракоронатар**:** «Рақси ӯ дар зери усули устодонаи Мулло Ҳомид боз ҳам **моҳиронатар**, боз ҳам **нодиракоронатар** баромад» [193, 260]; зудтар**: «**Ман чӯбак ва нақораамро бардошта ба нияти **зудтар** қоил кардани акаҳоям ба тарафи хона давидам...» [193, 20]; «My opponent came up with the necessary verses **faster** than I, and I could see was quite experienced at this game» [194, 123]; боақлонатар, донишмандонатар**:** «Ман он рӯз дидам, ки ӯ аз ҳамаи шариконаш, ки дар он ҷо буданд ва яке аз онҳо домуллои худам буд, **боақлонатар** ва **донишмандонатар** гап мезад» [193, 307]; тезтар**:** «Тӯда бо шунидани ин фармон қадами худро **тезтар** карда рафтан гирифт» [193, 353];

Лозим ба таъкид аст, ки агар дар забони тоҷикӣ пасванди **-тар** ифодагари дараҷаи муқоисавии зарфҳои тарзи амал маҳсуб шавад, дар забони англисӣ дараҷаи муқоисавии ин намуди зарфҳо тавассути таркиби «**more**» сермаҳсултар аст. «I knew by heart, those that started with the last letter of my oppo- nent's previous verse came to me **more and more slowly»** [194, 105];

б) зарфҳои замон: Пештар: «Вай як чизро аз замин ба даҳони худ бардошта **пештар** омадан гирифт» [193, 53]; «I examined both kinds of roses **closely»** [194, 54]; дертар: «Бо ин мулоҳизаҳо ман он шаб дертар омадани торикии шабро хоҳон будам» [193, 434]**;** «Ten days **later**, my uncle made ready to leave in order to go and see his parents, and my father decided

to go along with him and see how the excavation of the canal was progressing under the supervision of the kadi of Ghijduvon» [194, 46].

в) зарфҳои миқдору дараҷа: бисёртар: «Хусусан Икромхоҷа барои **бисёртар** ҳикоя гӯёндан ӯро азоб медод» [193, 59]; «I stayed on a few **more** days with my classmate, the kadi's son, then came straight here to see my sister from here, I'll be going to visit my parents-so I've no idea how the work is going» [194, 46]; бештар: «Поякиҳо одатан чилимҳои саракпойинакаш нуқра мебардоштанд, ки чилимкашон ба чилими онҳо **бештар** рағбат кунанд» [193, 161]**; «**I found these lessons **more** interesting than simply learning the names of the letters» [194, 150]**;** камтар: «Ин дафъа ба сӯрохии вай доруро **камтар** андохт ва сахт ҳам ҷой накард» [193, 195] ; «However, Maktabi kuhna is **less** polished in style, and occasional lapses in continuity (cf. Note 4) point to a lack of revision» [194, 126]; зиёдтар: «Маро аз дарди даст **зиёдтар** тарси падар дар ташвиш медошт» [193, 164]; «All the harm that people imagine is done to them by evil spirits is nothing **more** than the product of their own silly brains that have been addled with listening to foolish stories» [194, 123];

г) зарфҳои макон: поёнтар**:** «Тахминан то 50 қадам **поёнтар** аз тахтаварғ рӯд тайёр шуда буд ва дар **поёнтар** аз он ҷо кор давом мекард» [193, 95]; «I'ts mouth was so huge that it would lay its **lower** lip flat on the riverbed, raise its **upper** lip straight into the air like a drawbridge, and with a single gulp suck up all the water in the river» [194, 111]; болотар**:** «Виҷдонам вазифаи тарбияи ин кӯдаконро аз ҳамаи орзуҳои ман болотар карда ба гардани ман бор карда буд» [193,205-206]; «The upper facade of the cave had weathered and crumbled over the years and collapsed halfway down the hill, and a column of baked bricks had been built to hold up the roof, so that the entrance looked like a lopsided oven doorway» [194, 110]; қафотар**:** «Бандии сеюмро, ки аз ҳама **қафотар** мебурданд, мо шахсан намешинохтем» [193, 368]. «We sent our dog Khaibar **back** to the shepherd uncle who had given him to us when he was six months old» [194, 107];

Ҳамин тавр, пасванди **-тар** ҳамчун воситаи асосии ифодаи дараҷаи муқоисавӣ яке аз аломатҳои морфологии зарф дар забони тоҷикӣ ба шумор меравад.

Зарфҳои бисёрҳиҷогӣ дараҷаи муқоисавӣ ва олии худро дар забони англисӣ ба воситаи калимаҳои ёридидиҳандаи *more* ва *most* месозанд: *comfortably – more comfortably – most comfortably; politely – more politely – most politely:* «*The fact that it was the spontaneous utterance of a child getting his own back made it all the* ***more enjoyable»*** [194, 99];

Илова бар ин, дар забони англисӣ баъзе зарфҳое мавҷуданд, ки чун сифатҳо дараҷаи муқоисавии худро бо роҳи суплетивӣ, яъне ба воситаи дигар решаҳо месозанд: *badly – worse – worst* (бад – бадтар – бадтарин), *well – better – best (хуб – хубтар – хубтарин), much – more – most (бисёр – бисёртар - бисёртарин), little – less – least (кам – камтар - камтарин):* «*These poyakis usually carried hookahs with silver tops and stands, the* ***better*** *to attract customers»* [194,83]; *«How do I know if he's* ***better*** *or* ***worse****?» I asked him. My eyes filling with tears»* [194, 93];

Дараҷаи олӣ. Дараҷаи олии зарф дар забони тоҷикӣ низ бо ду роҳ ифода меёбад: а) ба воситаи таркиби **аз ҳама;** б) ба воситаи зарфҳое, ки аз ҷиҳати семантика бисёриро мефаҳмонанд (**хеле, бисёр, ниҳоят, басе**…). Воситаҳои ифодаи дараҷа, одатан, пеш аз зарф меоянд ва худи зарфҳои муқоисашаванда хоҳ бо пасванди **-тар**, хоҳ бе пасванд оварда мешаванд: аз ҳама пеш (пештар)**:** «**Аз ҳама пештар** ба зиёрати ӯ ман рафтам, ба ӯ бо хушомадгӯйиҳои мунофиқона дидадаройиҳо кардам....» [193, 430]**;** хеле бевақт**: «**Мо давон-давон ба тарафи хона равон шудем, ки рӯз **хеле бевақт** шуда буд» [193, 32]. хеле ҳузнангез: «Зотан, «шашмақом» **хеле ҳузнангез** буда, ҳақиқатан тарҷумони аҳволи онрӯзаи меҳнаткашон ва аз ин ҷумла деҳқонон буд» [193, 199]; хеле дер: «Ҳарчанд ҷояш ин ҷо нест ва таърихаш **хеле дер** аст...» [193, 298]; хеле чолокона: «Хар ҳам, ки соат боз пайваста чарида дам гирифтааст, **хеле чолокона** қадам мезад» [193, 239];

аз ҳама дертар: «Раҳимдоди ҳафтсола, ки **аз ҳама дертар** бедор шуда буд» [193, 20].

Ҳаминро метавон гуфт, ки дар баъзе ҳолатҳо шакли мушобеҳи зарфҳо дар дараҷаи муқоисавӣ назар ба дараҷаи олӣ, ки фарогири баъзе тағйироти маъноӣ аст, мушоҳида мешавад:

а) *far – farther – farthest*–дур – дуртар – дуртарин: «...як фарсах – 8 километр дуртар аз маркази район ва дар тарафи шарқии он дар канори дарёи Зарафшон воқеъ аст» [193, 7]; «…If you were to gaze a little **farther** still, you would notice that right on the banks of the Mazrangon stream» [194, 110]; «In the **farthest** section of this yard lived my father's cousin …» [194, 23];

б) *far – further – furthest – дур – баъдина, оянда:* «The watercourse was already excavated, and **further** downstream work was continuing» [193, 49]*; «Ҷӯйбор аллакай кофта шуда буд, баъдтар кори тозакунии қад-қади ҷӯйбор давом ёфт».*

Зарфҳое мавҷуданд, ки дар қолабҳои дараҷаҳои муқоисавиашон бо қолабҳои дараҷаҳои муқоисавии сифат мушобеҳанд, ба монанди: *as quickly as – ҳарчи тезтар, not as/so quickly as –на он қадар тезтар, several times as quickly as – якчанд маротиба тезтар, more quickly than – хеле тезтар, quickest of - ҳар қадар тезтар*: «I begged my father to teach me **as quickly as** possible, and he consented» [194, 148].

Лозим ба ёдоварист, ки калимаи «*most* – бисёр» пеш аз зарфҳо метавонад маънои «very - «хеле»-ро дошта бошад: «I must admit that I liked this game **very much»** [194, 155].

Ҳамин тавр, барои сохтани дараҷаҳои муқоисавии зарфҳо се усул истифода мешавад, яъне сохтани дараҷаҳои зарф ба воситаи пасвандҳо, сохтани дараҷаҳои зарф бо роҳи супелативӣ ва сохтани дараҷаҳои зарф бо шакли аналитикӣ.

Ба воситаи пасвандҳо сохта шудани дараҷаҳои муқоисавии зарфҳо дар забони англисӣ он қадар маъмул набуда, бо роҳи аналатикӣ сохтани

он каме сермаҳсултар аст: *willingly – more willingly – most willingly – бепарвоёна –бепарвоёнатар – аз ҳама бепарвоёнатар; firmly – more firmly – most firmly – устуворона – устуворонатар – аз ҳама устуворонатар*ва ғ.: «...ва аз **бепарвоёна** нишаста ва хотирҷамъона таом хӯрдани ӯ,...» [193, 384]. «He pulled **firmly** on the thread until the leather flap lodged against the inside of the cane» [194, 36];

Дараҷаи муқоисавии зарфҳои *quickly, slowly, often* бо ду роҳ сохта мешаванд: *quickly – more quickly – most quickly* ва ё *quickly – quicker – quickest*: «As for poetry, however hard I try to memorize it, I always forget it **quickly»** [194, 87]; «Many, like me, have tarried here to drink, and then departed, **quicker** than a wink» [194, 100].

Дараҷаи муқоисавии зарфи *early* ба воситаи пасвандҳои -er ва -est сохта мешаванд: *early – earlier – earliest*: «This episode occurred in Ahmad's **early** student days» [194, 125]; «Here I shall recall only those episodes that were omitted from the **earlier** work or mentioned only briefly» [194, 52]; «At the time of my **earliest** recollection, we had in our inner yard an old wooden building ...» [194, 22].

Бояд тазаккур дод, ки тафовут байни зарфҳои *farther* ва *further* дар он аст, ки дар забони англисии муосир вожаи якум, яъне *farther* ҳамчун дараҷаи муқоисавӣ аз зарфи *far (to walk farther)* ба шумора меравад ва калимаи дуюм – *further* дар ҳолатҳое истифода мешавад, ки мафҳуми муқоиса ба назар намерасад: «...and the work has been **further** translated into at least eleven languages of the former Soviet Union» [194, 126]. «... ва асар **баъдтар** ба ҳар ҳол ба ёздаҳ забони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ тарҷума гардид» [193, 126].

Бо вуҷуди ин, зарфҳои навъи *well* – хуб, *bad* – бад, *far – дур*, *little* – кам, *much – бисёр* дар дараҷаи олӣ шакли махсуси худро мегиранд: *best – беҳтарин*, *worst* – бадтарин, *least* – камтарин, *farthest (furthest) – дуртарин*: «Мо дар мадраса **кам** хонда бошем ҳам, шариатро медонем, –

гуфт мутаваллӣ» [193, 431]; «If you were to gaze a little **farther** still, you would notice that right on the banks of the Mazrangon stream, at the edge of the village, a profusion of trees-willow, elms, silver poplars and others-had spread out their lush foliage and intertwined their branches so that the walls and roofs of the villagers' houses were almost completely hidden» [194, 109]; «Дар ин вақт намедонам, кӣ буд, поҳои маро аз ҳам **дур** карда бо дастони пурзӯраш зер кард» [193, 21]; «Хуб, биёетон, шумоҳоро ба **беҳтарин** ҷойи ин сайргоҳ барам” [193, 138]; «Alas, I cannot remember the old woman’s exact words, and now, over sixty years later, I am obliged to write it in my own words; but I have tried my **best** to keep the storysimple» [194, 28]; «Дар таом бошад, хӯрокҳои **бадтарин** ва дилнокаштаринро ба ман медод ва...” [193, 422]; «My father also died **most** of the stuff he wove in home-made dyes from dyer's weed he produced beige» [194, 42]; «...no matter how he might huddle in the **farthest** corner of the schoolroom» [194, 128].

Аз он нуктаҳое, ки дар боби якум таҳлилу баррасӣ гардиданд, метавон ба чунин хулоса омад.

1. Зарф дар ҳар ду забон ҳам чун ҳиссаи мустақилмаънои нутқ баромад намуда, дар рушди таркиби луғавии забонҳо нақши калон дорад ва дар заминаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ, чун сифату исм, шумораву ҷонишин ва феъл ба вуҷуд меояд.

5. Дараҷаи муқоисавӣ дар зарфҳои ҳар ду забон дида мешавад, ки яке аз аломатҳои сарфии зарфи забонҳои қиёсшаванда ба шумор меравад ва аксарияти зарфҳо аз сифатҳо ба воситаи илова намудани унсурҳои гуногуни калимасоз сохта шудаанд.

3. Дар ҳар ду забон ҳам зарфҳое мавҷуданд, ки аз ҷиҳати шакл ба сифат мувофиқ буда, аз лиҳози вазифаи наҳвиашон дар ҷумла аз ҳамдигар тафовут доранд.

БОБИ 2.
ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ЗАРФҲОИ ХОСАИ ТАВСИФӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Матолиби муқаддимотӣ

Дар ин қисмати рисола мо зарур мешуморем, ки зарфҳои хосаи тавсифӣ, яъне зарфи тарзи амал ва зарфи миқдору дараҷаи забонҳои тоҷикиву англисиро мавриди таҳлилу муқоиса қарор дода, шабоҳату умумият ва тафовути онҳоро ошкор намоем.

Маврид ба таъкид аст, ки дар забоншиносӣ ду усули таҷзияи семантикии зарф мавҷуд аст. Вобаста ба усули якум, чи тавре ки дар забоншиносии рус ва англис қабул шудааст, ҳамаи зарфҳо ба ду гурӯҳ чудо мешванд, яъне зарфҳои хосаи тавсифӣ ва зарфҳои ҳолӣ. Бархе аз

англисшиносон, амсоли В.Н. Жигадло, И.П. Иванова, М.Я. Блох ва дигарон ҷонибдори тақсимоти мазкур буданд. Вобаста ба усули дуюм, як зумра забоншиносон, ба монанди Л.С. Бархударов, Д.А. Штеллинг, М.А. Беляева, В.Л. Каушанская, Е.М. Гордон, И.П. Крилова ва дигарон зарфҳоро ба гурӯҳ ва зергурӯҳҳои семантикӣ ҷудо мекунанд. Интихоби усули якумро забоншинос В.Н. Жигадло бо ҳаммуаллифони асари худ он тавр шарҳ медиҳанд, ки ба онҳо муяссар гардид, ки хусусиятҳои умумӣ ва хоси гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳои зарфҳоро равшану возеҳ муайян намоянд. Аммо мавсуф гурӯҳи зарфҳои хосаи тавсифиро иборат аз зарфҳои тарзи амал, андоза, миқдору дараҷа ва гурӯҳи зарфҳои ҳолиро иборат аз зарфҳои макон, самт, замон ва зергурӯҳҳои онҳо қобили қабул шуморид [Жигадло ва диг. 175-178]. Ба муаллифон муяссар нашуд, ки дар таснифи семантикии худ мақоми зарфҳои саволӣ ва нисбӣ (how, when, where, why) ва зарфҳои пайвандакиро (therefore, however, moreover ва ғ.)-ро муайян намоянд, зеро ин тарзи тасниф масъалаи мураккаб маҳсуб меёфт. Илова бар ин, ба муаллифон муяссар нагардид, ки мансубияти зарфҳои at once, instantly, suddenly-ро муайян намоянд, зеро зарфҳои зикршуда мавқеи ҳудудиро байни зарфҳои хосаи тавсифӣ ва ҳолӣ ишғол мекунанд, аз ин хотир онҳо метавонанд ҳам ба ҳолату тавсифи замон ва ҳам ба ҳолати амал ишора кунанд.

Забоншинос И.П. Иванова бо гурӯҳи муаллифон ба гурӯҳи зарфҳои хосаи тавсифӣ он воҳидҳоеро, ки дар таркиби худ пасванди **-ly** доранд, чун зарфҳои «flat adverbs» ном мебаранд, яъне зарфҳои амсоли **fast, hard** ва ғайраро дохил кардаанд. Ба гурӯҳи зарфҳои хосаи тавсифӣ онҳо зарфҳои андоза ва миқдорро, яъне зарфҳои амсоли «much, quite, too, very, greatly, awfully, extremely, little»-ро мансуб медонанд [Иванова ва диг., 1981, с. 88]. Зергурӯҳи охирин дар таснифоти онҳо зарфҳое ба шумор мераванд, ки аломтаи ҳолатро ифода мекунанд. Ин гуна зарфҳо хеле гуногунанд, аз ин рӯ, забоншиносони англис онҳоро ба зергурӯҳҳои

хурд низ ҷудо намудаанд [Quirk ва диг., 1998, p. 445]. Забоншиносон И. П. Иванова ва дигарон зарфҳои ҳолиро ба зарфҳои замон (then, before, late, early, at once, suddenly), макон (there, near, far, home, away), такрорӣ (often, seldom, twice) ҷудо мекунанд [Иванова ва диг., 1981, с. 88]. Дар гурӯҳи зикршуда воҳидҳое мавҷуданд, ки ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб будани онҳо душвор аст, аз қабили near, before (зарф ё пешоянд), far (зарф ё сифат), away (зарф ё ҳиссача). Ҳолати ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб будани чунин воҳидҳоро ҳамон вақт метавон муайян намуд, ки агар ҷумлаҳое, ки ин воҳидҳо дар онҳо ҷойгиранд ва инчунин калимаҳое, ки маъноҳои онҳоро муайян мекунад, таҳлил намуд. Муҳаққиқ М.Я. Блох дар радифи забоншиносоне, ки дар боло зикрашон рафт, зарфҳоро ба хосаи тавсифӣ ва ҳолӣ ҷудо мекунанд. Ба зарфҳои хосаи тавсифӣ он зарфҳоеро мансуб медонанд, ки ба воситаи пасванди -ly (bitterly, plainly) сохта шудаанд. Гузашта аз ин, то ҳол ҳам мавзӯи ин гунна зарфҳо пурра мушаххас нашудааст, зеро онҳо мавқеи мобайниро ишғол мекунанд, яъне байни калимаҳои хосаи тавсифӣ ва калимаҳои миқдорӣ, аз ин рӯ муаллиф онҳоро ба таркиби зарфҳои хосаи тавсифӣ ва ҳамзамон ба калимаҳои махсуси муштараквазифа дохил мекунад [Blokh, 2003, p. 244]. Чунин таснифро, яъне ҷудо намудани калимаҳоро ба мустақилмаънову ёридиҳанда ба зарфҳои ҳолӣ низ мансуб медонанд. Ба калимаҳои ёридиҳанда муаллиф зарфҳои замон, макон, тарзи амал, сабаб ва натиҷаро (now, where, so, thus, why, how) мансуб медонад, ки вазифаи пайвасткунанда ва калимаҳои саволиро иҷро мекунанд. Зарфҳои ҳолии мустақилмаъно (today, already, never, eastward, near, ashore, outside) вазифаи вақтиву фазоиро иҷро мекунанд [ibid., p. 245].

2.1.Зарфи тарзи амал ва таҳлили луғавию маъноии он

Зарфи тарзи амал яке аз навъҳои рушдёфтаву сермаҳсули зарфи забонҳои тоҷикиву англисӣ ба шумор рафта, аз ҳисоби ҳиссаҳои

мухталифи нутқ миқдоран афзуда истодааст. Дар ҳар ду забон ҳам зарфҳои тарз аломатҳои ниҳоят гуногуни амал – тарз, ҳолату вазъияти воқеъ гардидани амал, лаҳзагӣ, давомнок ё такрорёбанда будани он, бо амал ё аломати предмети дигар монандӣ доштан, муносибати нисбат ба амал доштаи субъект ва монанди инҳоро ифода намуда, ба саволҳои чӣ гуна?, чӣ тарз? чӣ тавр?, дар кадом ҳолат?; how? ҷавоб мешаванд.

Зарфҳои тарзро дар ҳар ду забон аз лиҳози маънои луғавиашон ва алоқаи нисбат ба амал, яъне ба феъл доштаашон метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

1. **Зарфҳои ифодакунандаи тарз ва сифати амал:** зор-зор (гиристан): «... дар сари қабри ӯ нишаста **зор-зор** мегирянд, бар лаби чоҳ нишаста бо «ҳой-ҳой» ба гиря даромадам» [193, 127]; оҳиста: «Ман **оҳиста** аз мазор баромада пеши Ҳомидхоҷа омадам» [193, 143]; beautifully: «He repaired the mosque **beautifully**, and on one of the pillars carved in his own hand the words «The work of Sayid-Umar Khojasoktaregi» [194, 3]; hardly: «You, on the other hand, came from a poor family and spent your childhood **hardly,** but you had obvious talent» [194, 4];

Аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки дар ҳар ду забон ҳам, зарфҳое, ки зикрашон рафт, тарз ва сифати амалро ифода кардаанд, яъне аз ҷиҳати маънӣ дар онҳо умумият дида мешавад.

а) Зарфҳои **даҒалона, бодиққат, бедиққатона, ба хубӣ; roughly, coarsely; rudely, attentively; thoroughly, carefully, inadvertently** тарзи амалро вобаста ба характеристикаи сифатии он шарҳу эзоҳ медиҳанд: даҒалона: «Талаби ӯ ҳам як дараҷа **даҒалона** буд» [193, 141]; His demand was somewhat rude. Бодиққат: «Дар он вақтҳо деҳқонон **бодиққат** ҷои гандум ва ҷавро дар як рӯзи шамол об медоданд…» [193, 50]; «In those days, farmers **carefully** water their wheat or barley fields on a windy day…» [194, 40]; бедиққатона: «Ман **бедиққатона** бастаро каҷ монда будаам, ки қаламдони шаффоф аз байни коҒази лӯлапечкардашудаи шаффоф

ғежида….» [193, 126]; «I had **inadvertently** placed the bundle on a slope, and the light pen...» [194, 66]; ба хубӣ: «Назар ба фикри худи ӯ, ин кор як андоза душвор ва серташвиш бошад ҳам, зиндагониаш **ба хубӣ** мегузаштааст...» [193,217]; «Next time, pay careful attention to everything you see and listen **well** to everything anyone tells you!» [194, 86-87].

Аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки зарфҳои мазкур дар ҳар ду забон ҳам тарзи амларо аз руйи тавсифи сифатӣ шарҳу тавзеҳ медиҳанд, яъне аз нигоҳи маънӣ дар онҳо умумият дида мешавад.

б) зарфҳои **дудаста, дастакӣ, аспакӣ, даҳанакӣ; in both hands, by horse, orally** ва ғ. дар баробари ифодаи тарз воситаи иҷрои амалро низ ифода мекунанд, яъне мафҳуми «воситаи иҷрои амал» аз маънои луғавии исмҳое, ки аз онҳо зарф сохта шудааст (даст, асп, даҳан) бармеояд: дудаста: «Бо вуҷуди ин ки худи Истам аз таги нӯхтаи вай **дудаста** маҳкам дошта меистод, вай...» [193, 150]; «The bone was big and the sinews were tough, so my brother held the bone **in both hands** and began gnawing on the meat» [194, 99]; дастакӣ: «Дар он мадраса Мулло Абдулҳаким ном як муллои кӯлобӣ буд, ки **дастакӣ** китобфурӯшӣ мекард» [193, 220]; «Middlemen provided the bolls of native cotton, which was then extracted **by hand**, carded, cleaned, and…» [194, 2-3]; **даҳанакӣ**: «Ӯ бо овози паст **даҳанакӣ** фармон дод» [193, 388]; «He has become the hero of a folk epic (dostan) still transmited **orally** in Afghanistan and Central Asia» [159].

Аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки зарфҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар баробари ифодаи тарз воситаи иҷрои амалро низ ифода мекунанд, яъне аз нигоҳи маънои луғавӣ дар зарфҳои фавқуззикр умумияти маъноӣ мушоҳида мешавад.

в) зарфҳои **ногоҳ (баногоҳ), нохост (банохост), якбора, suddenly, unexpectedly** ва ғ. дар ҳар ду забон ҳам лаҳзагӣ будан, яку якбора, ғайричашмдошт рӯй додани амалро ифода мекунанд: ногоҳ: «Дар он миён **ногоҳ** аз даруни як китоб як китобчаи шеър баромад» [193, 245];

«My father made a sour face, then **suddenly** he laughed and...» [153]; баногоҳ: «...аз сари синаам зер карда маро ба ҷунбидан роҳ надод ва **баногоҳ** як озори ҷонгудозе дар баданам пайдо шуд» [193, 21]; «**Suddenly**, strong hands grabbed my legs, forced them apart, and pressed them hard against the floor» [194, 8]; нохост: «Лекин савор нашав, ки дастат **нохост** ба ёлаш расад, динг-динг карда туро меафтонад!» [193, 163]; «Then I **suddenly** wondered whether I could be a poet or not» [194, 65]; якбора: «Аммо барои ин (маро ишора карда) зӯр шуд, ки аз падару модар **якбора** ҷудо гардид» [193, 196-197]; «**Suddenly** he saw them all line up and advance toward him» [194, 122].

Аз зарфҳои зикршуда маълум гардид, ки дар ҳар ду забон, ҳам онҳо дар як лаҳза, яку якбора ва ғайричашмдошт ба вуқуъ омадани амалро ифода мекунанд, яъне аз лиҳози ифодаи маънӣ умумият ба назар мерасад.

г) зарфҳои **оҳиста-оҳиста, рафта-рафта, тадричан, торафт, мунтазам, беист, беором, бетавакқуф, пай дар пай, дам ба дам, аз нав, босуръат, ба тезӣ, номаълум, дубора, зуд-зуд, такроран, аз сари нав; slowly, regularly, uneasily, incessantly, nonstop, fastly, quickly, rapidly, insensibly anew; newly, agian** ва монанди инҳо, давомнокию такрорёбӣ ё суръати амалу ҳаракатро ифода мекунанд: оҳиста-оҳиста: «...рег аз шимоли шарқӣ ба ҷануби ғарбӣ **оҳиста-оҳиста** ҳаракат мекард» [193, 40]; «Мо лаб-лаби ҷӯй ҳамроҳи об **оҳиста-оҳиста** мерафтем, падарам ба тағоиям гуфт« [193, 96]; рафта-рафта: «...ба осмон нигоҳ карда дароз шуда рафтан мегирад, ба ҳадде ки **рафта-рафта** сараш ба осмон мерасад« [193, 60]; беист: «...дар афсонаҳо нақл мекунанд, **беист** фашшоси даҳшатангез мезад» [193, 145]; аз нав:«Хусусан **аз нав** канондани ӯ рӯди Шофиркомро, ки сабаби ободии як туман шуд...» [193, 158]; босуръат: «Лутфулло дар ҳамин вазъият каланди дӯстбойияшро **босуръат** зада аз даруни ҷӯй...» [193, 79]; номаълум: «...ва рӯзи ояндаро дар хоб гузаронам, ки гузаштани рӯз **номаълум** шавад...» [193, 133]; дубора: «...баъд аз кушодан **дубора** дар

зери рег монда буданд...» [193, 40]; зуд-зуд: «...фурсатро аз даст надода, **зуд-зуд** ба ошхӯрӣ даромадем…» [193,182]; аз сари нав: «...вақфи ботилшударафтаро ҳам **аз сари нав** барқарор кард...» [193, 223]; «The sand, like a stretch of water whipped into waves by the wind, was **slowly** washing» [194, 17]; steadily: «Put your mouth near the edge of the jug and blow **steadily»** [32]; gradually: «...the sands **gradually** diminished until at the nearest extremity of the plain it lay no more than knee-high» [194,19]; quickly: «Oh, please tell me **quickly**, or I'll die happiness» [194,26]; fast: «His arms moved so **fast**, I had never seen anything like it» [194, 40]; enormously: «Twice in one day-rather, in one hour-a simple pen case had made me **enormously** happy happy and grateful» [194, 66].

Аз мисолҳои овардашуда маълум шуд, ки зарфҳои ҳар ду забон, ҳам давомнокию такрорёбӣ ё суръати амалу ҳаракатро ифода менамоянд, яъне аз нигоҳи маънӣ дар зарфҳои забонҳои фавқуззкир умумият дида мешавад.

д) Зарфҳои **фикран, хаёлан, руҳан, ҷисман, виҷдонан, ботинан, зоҳиран, шаръан, қалбан, табиатан; mentally, ideally, spiritually, physically, honestly, inwardly, outwardly, naturally** манбаъ ё сарчашмаи амалу аломатҳои зоҳирию ботинӣ, ё аломати доимӣ будан (табиатан), маҳз аз кадом ҷиҳат характернок будани амалро нишон медиҳанд: **ботинан, зоҳиран: «…..** вай ҳам **зоҳиран** пуртантана ва **ботинан** тамоман хароб буд» [193, 221]; inwardly: «I was able to weep **inwardly** and to some degree unburden my distressed heart» [194, 97] «The emir **naturally** acceded to this request and issued a commission in his name to effect the transfer» [194, 103].

Он зарфҳое, ки дар мисолҳои овардашуда ҷой доранд, дар ҳар ду забон, ҳам сарчашмаи аломатҳои зоҳирию ботинӣ ё аломати доимӣ будани амалро ифода мекунанд, яъне дар зарфҳои зикршуда умумияти маъноӣ мушоҳида мешавад.

е) Зарфҳои **бекаму кост, батафсил, мухтасаран, ихтисоран, мурданивор, чала-чулпа; in detail, at (great) length, minutely, particularly, superfluously, excessively, briefly, shortly** ва ғ. дар баробари нишон додани тарзи амал, ҳудуди дарбаргирии амалро низ таъин менамоянд: батафсил: «...дар бораи ҷанҷоли бой бо пахтакашон тасвир ёфтааст, **батафсил** ҳикоя карда дар он...» [193, 322]; барзиёд: «...ман аз вай интиқоми худро **барзиёд** гирифтаам» [193, 125]; in detail: «Ahmad told him **in detail** everything he had seen» [194, 122]; briefly: «Here I shall recall only those episodes that were omitted from the earlier work or mentioned only **briefly»** [194, 52].

Аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки зарфҳои ҳар ду забон, ҳам тарзи амал ва ҳудуди дарбаргирии амалро ифода мекунад, яъне аз ҷиҳати ифодаи маънӣ дар онҳо умумият дида мешавад.

ж) зарфҳои **пеш-пеш, паснокӣ, пуштнокӣ, болонокӣ, рӯйнокӣ; in front, ahead, before, on one's back, backwards** бо феълҳои **рафтан, роҳ гаштан, гурехтан, тоб додан, омадан**, аз як тараф, тарзи амал аз тарафи дигар, самту сӯи ҳаракатро ифода менамоянд: рӯйнокӣ: «Бинобар ин у ҳамеша **рӯйнокӣ** мехобад, чунон ки дар зери сараш болиштҳоро баланд мегузошт» [193, 39]; пуштнокӣ: «Даста аз ҷо хеста **пуштнокӣ** роҳ рафта аз дарвозаи ҳавлии саломхона мебарояд» [193, 365]; пеш-пеш: «ин нури равон пеш-пеш ба тарафи ман омадан гирифт» [193, 414]; her back: «Because of this she always slept on **her back** with pillows under her head and more pillows under her legs» [194, 33]; in front**: «In front** of the dancers was a mortar full of oil with old rags blazing in it» [194, 88].

Аз мисолҳои зикршуда маълум гардид, ки зарфҳои ҳар ду забон, ҳам бо феълҳо омада тарзи амалро иофда мекунанд, яъне аз нигоҳи маънӣ дар зарфҳои овардашуда умумияти маъноӣ дида мешавад.

з) Баъзе зарфҳои тарзи амал, амсоли **дукаса, секаса, якҷоя, коллективона, together, the three of them/us/you; all three together, in**

common, jointly, collectively ва ғ. ҳамроҳӣ ва иштироки субъектро дар иҷрои амал нишон медиҳанд. Аз ин рӯ зарфҳои зикршуда бештар бо шакли ҷамъи феълҳо меоянд: дукаса: «...занҷирро **дукаса** бардошта дар тарафе ғундошта монданд» [193, 345]; якҷоя: «Чунки соҳибаш «ҳар дуяшро **якҷоя** мефурӯшам» гуфт...» [193, 246]; коллективона: «...дар байни худ як маблаг пул ҷамъ карда **коллективона** ба сар кардани дарси нав сарф мекарданд» [193, 237]; together: «….and he and I **together** carried it down the stairs» [194,90]; jointly: «…sometimes held **jointly** with that of imam» [194, 162]; collectively: «….one of a group of settlments called **collectively** Dehnavi Abdullojon» [194, 2].

Аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки зарфҳои тарзи амали дар ҷумлаҳо ҷойдошта дар ҳар ду забон, ҳам ҳамроҳӣ ва иштироки субъектро дар тарзи иҷрои амал ифода мекунанд, яъне умумияти маъноӣ дар онҳо зоҳир мешавад.

2. Зарфҳои тарзи ифодакунандаи ҳолату вазъият. Гурӯҳи муайяни зарфҳои ҳар ду забон дар баробари ифодаи тарзи воқеъшавии амал, ҳолатҳои зоҳирию ботинии иҷрокунандаи амал ё ашёро, ки амал ба он равона карда шудааст, нишон медиҳанд. Зарфҳои тарзи амали ифодакунандаи ҳолату вазъият ҳам бевосита ба феълҳо мансуб мешаванд. Мафҳуми ҳолати зоҳирӣ, ҳолати ботинӣ (ё ҳолати рӯҳӣ) аз маънои луғавии худи зарфҳо сар мезанад, ба объект ё субъект нигаронида шудани мафҳуми ҳолат бошад, ба монда ё гузаранда будани феъл вобаста аст. Агар зарф бо феъли монда (хобид, ғалтид, афтид; lie, fell) омада бошад, ба ҳолати субъект ва агар бо феъли гузаранда (хобонд, ғалтонд; lied by, fell by) ояд, ба ҳолати объект далолат мекунад. Аз ин рӯ як зарф вобаста ба монда ё гузаранда будани феъл ҳам ҳолати объект ва ҳам ҳолати субъектро таъйин карда метавонад: рӯйнокӣ: «Ӯ **рӯйнокӣ** ғалтид» [193, 262]; рӯйнокӣ: «Бо шунидани ин фармон як ҷаллод банди хатирчигириро аз пояш бо калтакчааш зада **рӯйнокӣ** ғалтонид» [193,315].

«He fall down **by face»** [194, 234]. Маврид ба зикр аст, ки дар мисоли болозикр муодили зарфи «рӯйнокӣ» дар забони англисӣ на ин, ки зарф, балки пешоянди **by** ва исми **face** мебошад.

Аз мисолҳои овардашуда метавон натиҷагирӣ намуд, ки зарфҳои ишорашуда др ҳар ду забон, ҳам ба ҳолати объект дахолат мекунанд, яъне дар ифодаи маънии зарфҳои мазкур умумият ва дар сохтори зарфҳо тафовут дида мешавад.

а) Зарфҳои **рӯйнокӣ, сарнокӣ, пуштнокӣ** (ҳангоми ба феълҳои афтидан, ғалтидан, хобидан, омаданаш) **пару, рӯйболо, сарозер, диккак, дузону, чорзону, aslant, obliquely** ва ғ. тарзи амалро аз рӯи ҳолату вазъияти зоҳирӣ ифода мекунанд ва аксар бо феълҳои ифодакунандаи ҳолат **афтидан – to fall, ғалтидан, хобидан – to lie, истодан – to stand, нишастан – to sit** меоянд: дузону: «Дар паҳлуи ин ҷавон, ки **дузону** менишаст, як чойник чой...» [193, 381]; «Next to this young man, who was **kneeling**, was a pot of tea...» [194, 361]; чорзону: «Дар болои курпача кӯрпача мизбони мо – соҳиби ҳавлӣ, устои косагар **чорзону** зада менишаст» [193, 135]; чорзону, дузону: «…бар рӯйи санги яхмонанд **чорзону** ё **дузону** нишаста такрор кардан мегирифтем» [193, 243]. Аз зарфҳои зикршуда маълум гардид, ки онҳо дар ҳар ду забон ҳам маънои ҳолату вазъияти зоҳириро ифода мекунанд.

б) Зарфҳои **бехудона, мадҳушона, навмедона, андӯҳгинона, махрумона, ошуфтаҳолона, парешонҳолона, хушҳолона, оромона, саросемавор, бесаброна, ҳайрон-ҳайрон, fervently, unconsciously, instinctively, hopelessly, ruefully, dolefully, despondently, excitedly** ва ғ. зарфҳои гуногуни ифодакунандаи ҳолати рӯҳӣ ё ботинии субъект ва ё ҳолати зоҳирию ҳам ҳолати ботинии онро ифода мекунанд.

2. Ҳамаи зарфҳои зикршударо аз ҷиҳати маънои луғавиашон метавон ба гурӯҳҳо ҷудо намуд, зеро ҳолатҳои ботинӣ (руҳӣ) ва зоҳирӣ ҷиҳатҳои хусусиятҳои гуногунро соҳибанд, чунончи: а) зарфҳои

ифодакунандаи **хурсандӣ**: **хушҳолона, хурсандона, осудаҳолона, андӯҳгинона, ошуфтаҳолона, бепарвоёна, happily, seriously gaily, sadly, sorrowfully, indifferently**. Мо ин ҷо зарур намешуморем, ки ба таҳлили муфассали маънои луғавӣ ва тобишҳои гуногуни зарфҳои зикршуда таваққуф намоем ва ба таври намуна чанд мисол меорем: хурсандона: «...дар шароити онвақтаи Бухоро ҳар дуи мо дар он ҷо **хурсандона** хобу хез мекардем» [193, 239]; «Look at your little brother, who is eight years younger than you, **happily** playing his drum» [194, 7]; андӯҳгинона: “Мо аз кӯчаҳои ин шаҳри «торикистон» **андӯҳгинона** раҳсипор гардида ба пеши мадрасаи Мири Араб расидем» [193, 169]; **seriously**: «The only difference was that Usto Amakwas soft- spoken, courteous, and appeared not to take things too **seriously»** [194, 38]; «...ин одам ба назари кас он қадар дилкаш наменамуд ва аз **бепарвоёна** нишаста…» [193, 386]; indifferently: «This man did not look so kind to anyone and sat **indifferently»** [194,54]; « She was so amazed that she often liked to work **indifferently**, that she often...» [194, 287]. Gaily: «A bowl of drinking drank some at drop from bride and groom swept **gaily** on by me…» [194, 60];

3. **Зарфҳои тарзи ифодакунандаи рафтору муносибат.** Ин гурӯҳ зарфҳо муносибати субъектро нисбат ба амал нишон медиҳанд ва бо феълҳои гуногун меоянд. Ба ин гурӯҳ зарфҳои зерин дохил мешаванд: **ошкоро, рӯирост, пинҳонӣ, меҳрубонона, ғамхорона, эҳтиёткорона, зӯран, ихтиёран, бедиққатона, ҷиддан, дилу бедилон, ҳавобаландона, тамасхуромез, бечуну чаро, бепарвоёна, рӯидилакӣ, рӯякӣ, сарсариёна, obviously; evidently; manifestly; patently; undoubtedly, straightly; directly secretly endearingly, tenderly, gently, kindly, thoughtfully, carefully** ва ғ.: ошкоро: «...ин талаби ман ба пеши падарам **ошкоро** шуда буд» [193, 27]; рӯирост: «…ман бо шумо бо никоҳи расмӣ **рӯирост** зиндагонӣ намоям» [193,427]; пинҳонӣ: «Ҳар вақт, ки фурсат ёфт шуд, ман **пинҳонӣ** омада туро гирифта мегурезам...» [193, 53-54]; эҳтиёткорона: «Ман ба ӯ

эҳтиёткорона муомила карда нагуфтам, ки...» [193, 257]; obviously: «What I told him, however must have been **obviously** illogical and untruthful….» [194, 86]; directly: «...they took their torn-up mats from under their feet and hurled them **directly** at the enemy» [194, 130]; secretly: «But the herdsmen, **secretly** warned by the other villagers that he was up to no good» [194, 101]; kindly: «I, in hopes of seeing again that **kindly**, white-bearded old man, tagged along behind» [194, 59].

Зарфҳои *early, fast, long, straight* аз лиҳози шакл бо сифатҳо мувофиқ меояд: «I stayed at home only **long** enough to cook for and feed my sick brothers» [194, 95]; «...but would not let them escape, and look them **straight** to the south building» [194, 7]; «I had played my part for the first time, I went to bed **early»** [194, 17]; «**Early** in September, before the start of the academic year at the Bukhara madrasas, he took Usto Khoja's eldest boy, Sayid-Akbar Khoja, and my elder brother Muhiddin, to Bukhara» [194, 32]; «...and as I was listening carefully to the conversation I thought that he was **fast** asleep» [194, 11].

Таъкидаш бачост, ки сифатҳои англисии *clean, clear, close, dead, direct, easy, fair, firm, high, large, loud, mighty, pretty, quick, right, sharp, slow, soft, sound, sure, tight, wide* аз лиҳози шакл бо зарфҳо мувофиқ меояд. Аз решаҳои сифатҳои зикршуда бо илова намудани пасванди *-ly* зарф сохта мешавад. Истифодаи зарф бо пасванди *-ly* ва зарфҳои ҳамон решаҳо бидуни пасванд ба қоидаҳои муайян итоат намекунанд. Чи тавре ки аён аст, шакли *guess wrong – дарк накардан* маъмул аст, аммо пеш аз сифати феълии замони гузашта ҳамеша шакли *wrongly* корбурд мегардад.

Дар баъзе ҳолатҳо тафовут намудани зарф аз сифат хеле душвор аст масалан, дар таркиби «*to hold one's head high* – сарро баланд доштан» калимаи *high* метавонад ҳам сифат ва ҳам зарф тавзеҳ ёбад: «And indeed, during **high** winds, a bowling would issue from the cave» [30]; «Khaibar was a **highly** intelligent dog» [194, 33]; «Almost unknown in Iran, his work was greatly admired and **widely** imitated in Central Asia» [194, 160].

Чи тавре аён гардид, дар ҳар ду забон ҳам зарфҳои зикршуда айнан тарзи амалро аз лиҳози хусусияти сифатӣ шарҳу тавзеҳ додаанд. Ягона тафовут байни забонҳои муқоисашаванда – ин ҷойи зарф дар ҷумла аст, яъне мавқеи зарфҳои тарзи амали тоҷикӣ дар ҷумла озод аст ва дар забони англисӣ он одатан, пас аз хабар меояд.

2.1.1. Таркиби морфологии зарфи тарзи амал дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Зарфҳои тарзи амали ҳар ду забон аз нигоҳи сохт ба сода – simple, сохта – derivative, мураккаб – compound ва таркибӣ – composite ҷудо мешаванд.

Зарфҳои тарзи сода. Ин намуди зарфҳо дар ҳар ду забон ҳам аз як реша иборат буда, як мафҳумро ифода мекунанд: зуд, пиёда, даррав, диккак, оҳиста, soon, well: «Модар хӯрҷинро дар айвончаи ошхона гузошта **зуд** ба хона даромада» [193, 85]; «… ӯ ба сифати кафшбардор дар қатори саис ба ҷилави ӯ афтода **пиёда** мерафтааст» [193, 179]; «Мо шикорҳои худро даррав дар гулхан бирён карда бо намак мехӯрдем, ки бисёр балаззат буд» [193, 207]; «**Оҳиста** хам шуда ба китоби дар пеш кушодагӣ нигоҳ кардам…» [193, 329]; «You’d better hurry up and send a proposal to my father **soon**, because if you don’t, and...» [194, 25]; «…though he knew full **well** who was meant, was at a loss for a suitable retort» [194, 39].

Зарфҳои тарзи амали сохта. Зарфҳои тарзи амали сохта аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ тавассути вандҳои гуногун сохта мешаванд, ки дар зер мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Ба воситаи пешвандҳо сохта шудани зарфҳои тарзи амал. Сохтани зарфҳои тарзи амал бо воситаи пешвандҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз усулҳои маъмултарин ва сермаҳсули калимасозӣ буда, ҳамаи ҳиссаҳои мустақилмаъноии нутқ чунин қобилиятро соҳибанд. Дар калимасозии зарфҳои тарзи амали забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

пешвандҳо нақши калон доранд. Пешвандҳое, ки дар сохтани зарфҳои забонҳои мазкур иштирок мекунанд танҳо хоси зарфи тарзи амал набуда, дар байни зарфу сифат муштарак мебошад. Ҳоло дар зер мо аз он пешвандҳое, ки дар сохтани зарфҳои тарзу амали забонҳои муқоисашаванда саҳм доранд, таваққуф менамоем:

пешванди бе-. Пешванди мазкур, асосан, бо исм, сифат, асосҳои феъл ва гоҳо бо зарф омада:

а) зарфҳои тарз месозад, ки он амалро аз ҷиҳати ҳолату вазъият воқеъ гардиданаш ё давомнок буданаш шарҳу эзоҳ медиҳанд: бемалол, беҳаракат, бехаёл, беибо, бесабаб, бегап, бешитоб, беамон; unconsciously, instinctively, unconstrainedly, immovable, unceremoniously, cruelly; mercilessly; without remorse, involuntarily; unintentionally, unwittingly. Аксар вақт зарфи тарзи амал метавонад ба вазифаи ҷузъи номии феълҳои таркибӣ ояд. Масалан: беҳаракат: «Онҳо чунон **беҳаракат** буданд, ки на ягон аъзои худро меҷунбонданд ва на ба тарафе (ғайр аз он тарафе, ки қаландарон нишаста буданд) нигоҳе мекарданд» [193, 273]; беибо: «Сабаби ҳақиқии андӯҳу алам ва гиряю ғами ман бахти сиёҳи ман аст, ки маро ба ҳамин дараҷа бебок ва **беибо** кардааст…» [193, 420]; бесабаб: «**Бесабаб** нест, ки дар китобҳо гуфтаанд: «илм дар дасти одами бад шамшери буррандаест дар дасти одами маст…» [193, 121-122]; беихтиёр: «Ман ба чиллахона омада даромадани ӯро мунтазир нашуда **беихтиёр** ба дари ҳуҷра давидам...» [193, 410]; «Ман фармони бахти баландро рад накардам, **беихтиёр** аз ҷоям ҷаста хестам...» [193, 415].

Ҳамзамон, пешванди номбаршуда ба феъли фармоиши «**ист**» ҳамроҳ шуда, зарфи тарзи амал сохтааст: беист: «Тарф монанди аждаҳое, ки дар афсонаҳо нақл мекунанд, **беист** фашшоси даҳшатангез мезад» [193, 145].

Илова бар ин, зарфҳои тарзи амале, ки ба воситаи пешванди мазкур сохта шудаанд, ба вазифаи ҷузъи асосӣ аксаран исмҳои маънӣ истифода мегарданд, исмҳои **беҳуш, бесаброна, бемузд, бепарво, беихтиёр,**

беҳаракат, беҳол ва ғ. ба ин вазифа кор фармуда шудаанд: «Назар ба қавли Иброҳимхоҷа, дастони ҷавони вобкандӣ, ки тарф дар дасти ӯ кафида буд, аз бандҳояш ҷудо шудааст ва бақияи дастонаш то бозувонаш сӯхтааст, худаш **беҳуш** афтодааст» [193, 147]; «...ӯ ба як изтироби дарунӣ гирифтор шудагӣ барин менамуд – ӯ **бесаброна** мунтазири шунидани шарҳи хислатҳои худ аз забони бародараш буд» [193, 318]. Вожаи **парво** ба маънии 1. фикру андеша, хаёл; 2. дилсӯзӣ ғамхорӣ, мурувват намудан; 3. раб, майл, таваҷҷуҳ; 4. тарс, бим; осоиш, оромӣ [ФЗТ. Ҷ. 2. 1969: 29] истифода мегардад. Калимаи мазкур дар ҷумлаи зерин бо пешванди **бе-** омада, маънии «беғам» ва «андеша»-ро ифода мекунад: «Мулло Қамар ин суханони худро бо оҳанги шӯхиҳои одӣ ва бо як **бепарвоии** ҳазломезона, ки он вақтҳо дар мадрасаҳои Бухоро одат буд...» [193, 292]; «Ғайр аз инҳо, ... даҳҳо муридони ӯ дар он заминҳо **бемузд** кор мекунанд» [193, 404]; «Ман ба чиллахона омада даромадани ӯро мунтазир нашуда **беихтиёр** ба дари ҳуҷра давидам...» [193, 412]; «Мо ҳар ду монанди сурати девор – **беҳаракат** рӯ ба рӯйи ҳам истодем» [193,438].

Лозим ба ёдоварист, ки дар бисёр мавридҳо муодили пешванди – **бе** дар забони англисӣ пешоянди **without** истифода мешавад**.** «**Without reason,** the head is nothing but a hollow guard, the is a useless jug, and the matter» [194, 120].

Пешванди но-. Пешванди **но -** бо исм ва асосҳои феъл омада, дар ҳар ду забон, ҳам зарфи тарз месозад, ки он яку якбора, ғайричашмдошт рӯй додани амал (ногоҳ, нохост), мунтазам давом кардани он ва монанди инҳоро ифода менамояд: ногоҳ: «Барои чӣ ба як **ногоҳ** шаҳр меравед?» [194, 162] «Why are you going to the city without warning me my mother complained» [194, 41]. Нохост: «Рӯзе як кабӯтари (кафтари) ёбоӣ **нохост** парвоз карда омада ба ҳуҷрааш даромада мондааст» [193, 58] «One day a wild pigeon chanced to fly into his cell» [194, 14]. Дар гунаи тоҷикии мисолҳои овардашуда нақши пешвандҳо дар сохтани зарфи тарзи амал

пурра ҳувайдост, аммо дар ҷумлаи дуюми гунаи англисӣ зарфи **нохост** ҳамчун **chanced** тарҷума гардида, дар ҷумлаи дуюм бошад зарфи **ногоҳ** умуман тарҷума нашудааст. Пас, маъулм мегардад, ки на ҳама вақт пешванди тоҷикӣ дар забони англисӣ муодили дурусти худро пайдо мекунад.

Илова бар ин, дар баъзе ҳолатҳо, пешванди мазкур бо феъли «хос» омада, зарфи тарзи амал месозад: **но**хост: «Рӯзе як кабӯтари (кафтари) ёбоӣ **нохост** парвоз карда омада ба ҳуҷрааш даромада мондааст» [193,58]. «Then I **suddenly** wondered wbetherI could be a poet or not» [194, 64].

Пешванди ба-. Пешванди **ба-** аз исму сифатҳо зарфҳои тарзи амал (баҳузур – quietly, calmly, бароҳат – lightly, базӯр – hardly, forced), тарзи амал бо тобиши миқдору андоза (батафсил -in detail; minutely, бағоят – considerably, highly, greatly) месозад: базӯр: «Ман пуштамро ба тарафи омади шамол карда, якрӯя роҳ рафта **базӯр** ба рӯйи хомаи рег баромадам» [193, 36] «You, on the other hand, came from a poor family and spent your childhood **hardly,** but you had obvious talent» [194, 4]; «Ин шамъ танҳо рӯйи сандалиро **базӯр** равшан мекард» [193, 170]; «The sand, like a stretch of water whipped into waves by the wind, was **slowly** washing forward layers of sand from the surface of the dune were already pouring onto the bank, and the underliying layers were forming moving waves behind them» [194, 17]; «Ман ӯро ба хар савор карда **базӯр** ба хона овардам ва дидам» [193,186]; батафсил: «Ман воқиаи мактабхонии худро дар «Мактаби куҳна» ном асари худ **батафсил** зикр кардам» [193, 102] **бағоят**: «Хайбар **бағоят** бооруномус буд: рӯзе ба айвони ошхона омада табақеро, ки дар он ҷо будааст, бӯйидааст» [193, 68].

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи пешванди зарфсози мазкур дар забонҳои мукоисашаванда он аст, ки муодили пешванди тоҷикии **ба-** дар забони англисӣ пасванди **-ed** буда, амсоли забони тоҷикӣ зарфи тарзи амал месозад, ба монади *базӯр – forced; ботафсил – detailed*. Ин тавзеҳ аз

он шаҳодат медиҳад, пасвандҳои забони англисӣ дар забони тоҷикӣ ба сифати пешванд ва ё баръакс истеъмол мегараданд.

Пешванди **бо-** амсоли муодили англисии худ, ки чун пасванди зарфсози **-ly** маъмул аст дар ҳарду забон ҳам аз исмҳо зарфи тарзи амал месозад: босуръат – rapidly, fastly, quickly, бодиққат – attentively, боифтихор, боизтироб, бошитоб. Чунончӣ: босуръат: «Лутфулло дар ҳамин вазъият каланди дӯстбойияшро **босуръа**т зада аз даруни ҷӯй аз тарафи омади об лой кашида ба танаи худ банд мекард» [193, 79] «Lutfillo plied his great mattock **speedly** in the streambed on the upstream side, shoveling up earth and plastering it over his own body» [194, 20]; бодиққат: «Дар он вақтҳо деҳқонони **бодиққат** ҷойи гандум ва ҷавро дар як рӯзи шамол об медоданд, ки хасҳояшон ба як тараф ғун шуда замин тоза шавад» [193, 62] «In those days, farmers **carefully** watered their wheat or barley fields on a windy day, so that the chaff and rubbish would be blown to one side and and the soil would thus be cleared» [194, 15]. Ҳамин тавр, аз ду мисоле, ки оварда шуд, зарфҳои тарзи амали **босуръат** ва **бодиққат** чун зарфи сохта дар ҳар ду забон намудор гардиданд. Аз таҳлилу баррасии мисолҳо аён гардид, ки пешванди мазкур дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сермаҳсул нест.

Пешванди **бар-**. Пешванди мазкур асосан аз исму сифатҳо зарфҳои тарзи амал месозад: баръало

Пешванди **дар-.** Пешванди мазкур аз исми **ҳол** ва асосҳои феъли **рав, тоз** зарфҳое месозад, ки онҳо тарзи воқеъшавии амалро вобаста ба суръат ё замон (лаҳзагӣ будани он) шарҳу эзоҳ медиҳанд: дарҳол: «Ман **дарҳол** аз ҷо хеста ҷомаамро пӯшида аз хона баромадам ва Хайбарро садо кардам» [193, 66] «I got up **at once**, dressed, and called Khaibar» [194, 17]. «Ман **даррав** устоҳои дурудгарро ғун карда аз байни онҳо 10 нафар ҳунармандтаринашонро ба кори пул, дарғот ва тахтаварғсозӣ мондам, ки он корҳо ҳам баробари рӯдковӣ пеш рафтанд» [193, 93] «So I **at once**

gathered the carpenters together, selected the ten most skilled, and set them to making bridges, weirs, and basins to keep pace with the excavation of the watercourse» [194, 24]. Муодили пешванди мазкур дар забони англисӣ мавҷуд набуда, зарфҳои сохтаи забони тоҷикӣ дар забони англисӣ бидуни пешванд дар истеъмоланд, ба монанди: *дарҳол – at once; даррав – at once.*

Пешванди **то-.** Пешванди номбурда, асосан, аз асоси замони гузаштаи феъл зарфи тарз месозад, ки он тадричан давом кардани амалро ифода мекунад, аз ин рӯ инҳо бо шакли давомдори феъл меояд: торафт: «Шамол **торафт** шиддат мекард ва рӯйи ҳаво аз ғубор тиратар мешуд» [193, 36]. Пешванди мазкур дар муқоиса бо пешвандҳои зикршуда каммаҳсул буда, муодили англисии худро надорад. Зарфи сохтаи **торафт** дар забони англисӣ дар шакли зарфи мураккаби **meanwhile** истифода мешавад. «**Meanwhile** the wind was blowing stronger and the air was growing darker with the dust» [194, 9].

Таъкидаш бачост, ки пешвандҳои зарфсози бе-, бо-, ба-, бар-, дар-, то- аз лиҳози баромадашон пешоянд буда, муодили англисии онҳо im-; un- пешванд буда, танҳо in- пешоянди ифодакунандаи макон аст.

Бояд тазаккур дод, ки зарфҳои сохта дар ҳарду забон ҳам ба воситаи пешванду пасвандҳо ва бо иштироки ҳам пешванду ҳам пасванд сохта мешаванд, ин намуд бо номи “намуди пешвандӣ-пасвандӣ” маъмул аст.

Дар забони англисӣ то ҳол ҳам таснифоти мушаххаси зарфҳои аз исмҳо сохташуда ба амал наомадааст. Бо вуҷуди ин, дар байни зарфҳо воҳидҳои ҷудогонае мушоҳида мешавад, ки аз исмҳо сохта шуда, ба худ номи зарфҳои пайвандакиро гирифтаанд ва дар байни онҳо зарфҳое мавҷуданд, ки аз нигоҳи шакл ба исм мансубанд, ба монанди: for example – масалан, in that case – дар ин ҳолат, meantime – дар ин вақт, on the one (another) hand – аз як тараф, аз тарафи дигар, weekly – ҳар ҳафта, monthly

– ҳар моҳ, daily – ҳар рӯз: meantime: «**Meantime** another uncle of mine, the much-trav- eled Ali-Khon, had become engaged to a potter's daughter in Ghijduvon» [194, 58-59] “Дар он миён таґоии чорбозоргардам – Алихон аз Ґиждувон духтари як косагарро ба худ номзад кард» [193, 113]; in that case: «But **in that case** you must read a lot of the poems of great poets, learn them by heart and write them down, and also talk wih and learn from great poets» [194, 65]; «Лекин барои ин шеърҳои шоирони калонро бисёртар хонданат, ёд карданат ва навишта гирифтанат ва бо шоирҳои калон ҳамсуҳбат шуда, аз онҳо омӯхтанат лозим аст» [193, 124]; weekly: «In the gashtak, each one of a group of people in turn would entertain the others in his house; in the dangona, group would pool their money to pay for a **weekly** party» [194,112]; daily: «As the time of the fair drew near, they would pick cotton for neighbors or tote melons for rich farmers for a **daily** wage, and if they could not find paid work they would steal stuff from the fields to sell» [194, 69].

Бояд қайд намуд, ки баъзе аз зарфҳои забони англисӣ ду шакл доранд, якумин бидуни пасванд, яъне бо сифатҳо якранганд ва дуюмин бо пасванди *-ly*. Аз ин рӯ маънои шаклҳои зарфҳои бепасванд буда аз маънои шаклҳои зарфҳои пасванддошта тафовут дорад: *high* (баланд) – *highly* (хеле, фавқулода); *late* (дер, бевақт) – *lately* (ба қарибӣ, ба наздикӣ, дар қарибӣ, вақтҳои охир); *near* (наздик) – *nearly* (тақрибан, қариб).

Ба воситаи пасвандҳо сохта шудани зарфҳои тарзи амал

Зарфҳои тарзи амали забонҳои муқоисашаванда ба воситаи пасвандҳои зерин сохта мешаванд.

Пасванди -она. Муодили пасванди мазкур дар забони англисӣ **-ly** ба шумор меравад**.** Дар ҳар ду забон ҳам пасванди мазкур:

1) аз исми шахс зарфи монандӣ месозад: «Шумо ки мард мебошед, **мардона** шавед» [193, 44]; «Ака Махдум, шумо ба ман меҳрубонии **бародарона** кардед» [193, 283];

2) аз сифатҳои сода зарфҳое месозад, ки онҳо аломати амалро аз рӯйи тарзи рафтору гуфтор ё хислатҳои гуногуне, ки дар сифат зикр ёфтаанд, ифода мекунанд: **мағрурона** – **haughtily, танбалона – idly, хурсандона** – **gaily, дағалона** – **roughly, coarsely, rudely, озодона** – **freely, далерона** – **bravely, хушёрона** – **judiciously, wisely.** Чунончи: мағрурона: «Ман занбӯруғи хӯрдашуданиро аз занбӯруғи заҳрдор фарқ карда метавонам, – гӯён ба акаам **мағрурона** ҷавоб додам» [193, 37]; «I know how to tell good mushrooms from poisonous ones!» I answered him **haughtily»** [194,9]; хурсандона: «Ин ҳуҷра хеле танг бошад ҳам, дар шароити онвақтаи Бухоро ҳар дуи мо дар он ҷо **хурсандона** хобу хез мекардем» [193, 237]; «Although this room was very small, in the conditions of Bukhara at that time we both slept happily there». Дағалона: «Талаби ӯ ҳам як дараҷа **дағалона** буд, масалан, мегуфт: «Канӣ кисая кобед!» [193, 141]; «His demand was somewhat rude, for example: «Dig a pocket!»; озодона; «Бародаронам беҳтар шуда бошанд ҳам, **озодона** ба по хеста гашта наметавонистанд, аломати бехатарии аҳволи онҳо дар ин буд, ки кам-кам чиз мехӯрданд» [193, 192]; «Although my brothers got better, they could not get up **freely**, and the sign of their safety was that they ate very little" [101]; хушёрона: «Аммо ӯ бо хандаи **девонаворона хушёрона** ба гап даромада аз меҳмонон барои дер омаданаш узр талабид» [193, 262]; «But he spoke with a mad smile and apologized to the guests for being late» [194, 156].

Чи тавре ки аз мисолҳои овардашуда аён гардид, нақши пасванди «-она»-и тоҷикӣ ва «-ly»-и англисӣ дар сохтани зарфҳои тарзи амали ҳар ду забон ҳам якранг будааст, яъне ба сифат ҳамроҳ шуда, зарфҳои тарзи амал месохтааст. Онро метавон пасванди сермаҳсул номид.

2) аз сифатҳое, ки бо пасвандҳои **-ӣ, -гин, -манд** сохта шудаанд, зарфи тарзи амал месозад: **асабиёна** – **nervously, ҷиддиёна** – **seriously, шармгинона** – **shyly, хиҷолатмандона** – **bashfully, андешамандона** –

thoughtfully, саховатмандона – lavishly, liberally, generously. Масалан: ҷиддиёна: «Аммо барои дуруст фаҳмида гирифтани он «сир» нахандида ва **ҷиддиёна** аз фаррош пурсидам:..» [193, 403]; «But in order to understand it correctly, I did not laugh at the «secret» and seriously asked the cleaner». Шармгинона: «Бо ин ҷавоби ман дар чеҳраи ӯ як сурхии **шармгинона**, ки дар айни ҳол як навъ рашки бачагонаро ифода мекард,…» [193, 252]; «With this answer I saw a shy red on his face, which at the same time expressed a kind of childish **jealousy**,...» андешамандона: «Пирак як сукути **андешамандона** карда боз ба гап даромад:..» [193, 255]; «Pirak paused **thoughtfully** and spoke again» [194, 47]; «Киромиддин **хашмгинона** ба устухонхойии ӯ чашм дӯхта истодааст» [193, 204]; «Kiromiddin is staring **angrily** at his bones»; «...ва аз лаби ҷӯ ба ҳеҷ ҷойи вай даст нарасонда оҳиста ва **оромона** савор шуда гирифтам» [193, 164]; «...and I rode **slowly** and **quietly,** without touching any of his lips....» [194, 76]; хомӯш**она:** «ТаҒоиам магар аз **хомӯшона** рафтан дилтанг шуд, ки аз дидаву шунидаҳояш гап сар кард» [193, 320]; «I sat down **silently** where I could see his gloomy face» [194, 43].

Пасванди **-вор.** Дар муқоиса бо дигар вандҳо пасванди «-вор» дар калимасозии зарф сермаҳсул буда, аз исм ва сифатҳои зерин зарфҳое месозад, ки онҳо аломат, тарзи воқеъшавии амалро бо амалиёт, рафтор, хусусият ва дигар аломатҳои ба исму сифатҳои мазкур хос буда аз ягон ҷиҳат монанд мекунанд:

а) аз исмҳои ифодакунандаи муносибатҳои хешутаборӣ ва синнусолӣ зарфи монандӣ месозад: **падарвор – fatherly, фарзандвор, бародарвор like a brother; fraternally, кӯдаквор – childishly, духтарвор – like a daughter**, чунончӣ: фарзандвор: «Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо ва солҳо гузаштан гирифтанд, ятим ба бой аз таҳти дил **фарзандвор** хизмат кардан гирифтааст…» [193, 50] «Days, weeks, months, years passed. The orphan served the rish man **like a son** from the bottom of his heart...» [194, 12];

бародарвор: «Ҳар сол як бор ба саҳроҳо саёҳат карда бо деҳқонони хокпош **бародарвор** шинухез менамояд» [193, 306];

б) аз номҳои металлҳо, ҷинсҳои кӯҳӣ, моддаҳои химиявӣ ва ғ.: **булӯрвор, зумураддвор, шишавор, садафвор, резинвор:** «...ЗаҒир, кунҷид, мош ва нахуд барин киштҳои лалмии дигар **зумуррадвор** нишебу фарози ин қатораталҳоро зинат медоданд» [193, 123]. «Дастҳои ӯ, ки **резинвор** чандир буданд, барои ба амал овардани ғайрати худаш ёрӣ медоданд» [193, 356].

в) аз исмҳои ифодакунандаи асбобҳои мусиқӣ, анҷоми рузгор, ҳодисаҳои табиат ва амсоли инҳо: барқвор, шамолвор, доиравор, найвор, сабадвор, гаҳворавор, занҷирвор, оинавор....Мисол: доиравор: «Мулло Ҳомид ғазалхони бисёр хуб буда, лаълиро ҳам **доиравор** хуб менавозад» [193, 259]; найвор: «Овози Мулло Ҳомид равғанӣ ва ишкамӣ буда, **сурнайвор** дароз буд» [193, 260];

г) аз сифатҳои сохтаи гуногуни **мардонавор, бегонавор, маҷнунвор, девонавор, калонвор**, чунончӣ: мардонавор: «Маслиҳати ман он аст, ки ту ин бадкирдориҳоятро парто ва **мардонавор** зиндагонӣ кун» [193,267]; маҷнунвор: «Аммо мехостам сарупо бараҳна дар кӯчаҳо баромада **маҷнунвор** навҳакунон гардам» [193, 441]; девонавор: «...ва ман ҳаминро медонистам, ки ман ӯро **девонавор** дӯст дошта будам ва аз ғалаёни сӯзиши ишқ ва шавқ чун мӯйи оташдида ба худ печидам» [193, 427].

Лозим ба ёдоварист, ки муодили пасванди зарфсози тоҷикии **-вор** дар забони англисӣ на ин ки пасванд, балки зарфи **like** бо маънии «монанди, мисли» ба шумор меравад. Агар зарфҳои тарзи амали сохтаи забони тоҷикӣ дар таркиби худ танҳо пасванд дошта бошанд, пас, муодили англисии онҳо аз ду вожаи мустақил, ки ба воситаи артикли номуайянии «-а» пайваст шудаанд, иборат аст, ба монанди: духтарвор – like a daughter, мардонавор – like a man ва ғ. «Two minutes later he emerged looking **like a bedraggled hen**, sweating with embarrassment, and said

sulkily, «Makb- dumjon wants to see you» [194, 105]; «Since my older brother was determined to continued his studies at all costs, I had no choice but to care for my younger brothers **like a parent»** [194, 100].

Пасванди **-ан.** Пасванди мазкур бо исм, сифат ва гурӯҳи дигари калимаҳо омада, зарфи тарзи амал месозад: зӯран, ҷабран, такроран, зоҳиран – visibly, outwardly, ботинан – inwardly, хаёлан, зоҳиран: «Духтари хатиб аз ин кори ӯ **зоҳиран** дар хашм мешуд, пешонаи худро турш, абрӯвонашро чин ва чашмонашро хашмгиннамо мекард, лекин...» [193, 101]. «The preacher's daughter was **apparently** angry, her forehead was sour, her eyebrows were raised and her eyes were irritated, but; the khatib's daughter was **visibly** embarrasses by Habiba's behavior» [194, 26]; ботинан: «...ки вай ҳам зоҳиран пуртантана ва **ботинан** тамоман хароб буд» [193, 221]; «...that he was both **outwardly** arrogant and **inwardly** devastated" [194, 129].

Чи тавре ки аз вазифаву нақши пасвандҳои "-ан"-и тоҷикӣ ва "-ly"-и англисӣ дар сохтани зарфҳо муайян гардид, дар ҳар ду забон ҳам пасванди мазкур ба исму сифат ҳамроҳ шуда, зарфи тарзи амал, миқдору дараҷа, замон ва сабабу мақсад месохтааст, яъне ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки пасванди мазкур муштараквазифа будааст.

Пасванди -акӣ. Пасванди номбурда каммаҳсул буда:

а) аз исмҳо зарфи тарзи амал месозад: даҳанакӣ – orally, дастакӣ – manually, рӯякӣ – superficially. Илова бар ин, зарфҳои мазкур дар баробари ифодаи тарзи воқеъшавии амал, тобишҳои иловагии маънои воситаи иҷрои амал (бо даст...) ё муносибати нисбат ба амал доштаи субъектро низ дар бар мегиранд. Масалан: дастакӣ: «Дар он мадраса Мулло Абдулҳаким ном як муллои кулобӣ буд, ки **дастакӣ** китобфурушӣ мекард» [193, 245].

б) аз зарфи замон зарфи тарзи амал месозад, ба монанди: пешакӣ: «Ба ман ин чархро осиёбони осиёи лаби рӯд супориш карда буд ва 20

танга **пешакӣ** ба ман дода, хоҳиш карда буд, ки дар як ҳафта тайёр карда диҳам» [193, 48] «He gave me twenty tangas **deposit** and asked me to finish it for him in one week». Чун аз гунаи англисии ҷумлаи мазкур маълум гардид, мутарҷим зарфи сохтаи тоҷикии «пешакӣ»-ро ҳамчун «deposit» тарҷума намудааст, ҳол он ки вожаи “deposit” дар вожаномаву фарҳангҳо на ин ки зарф, балки чун феъл бо маънии «to put or set down, usually in a stated place[1] [370]– дар ягонҷо гузоштан, яъне одатан дар ҷойи муайян» ва чун исм «the first part of a payment for goods or service, as a sign that the payment will be completed [371][2] – қисми аввали пардохт барои молу ашё ва ё хизмат, яъне ҳамчун гарав, ки пардохт пурра иҷро мегардад» шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Агар ҷумлаи зикршуда ин тавр тарҷума мегардид, хуб мебуд: «He gave me twenty tangas **ahead** and asked me to finish it for him in one week», зеро калимаи **ahead** зарф буда, дар ҷумлаи мазкур вазифаи зарфи замонро иҷро кардааст. Муодили пасванди -акӣ дар забони англисӣ -ly буда, хусусияти ифоданокиаш нисбат ба воқеъшавиву иҷрои амал якранг аст: *manually – дастӣ, orally – шифоҳӣ* ва ғ.

Чи тавре ки аз мавқеи пасванди **-акӣ** дар калимасозии зарфҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аён гардид, унсури калимасози мазкур он қадар сермаҳсул набудааст. Агар пасванди мазкур дар таркиби калимаи сохтаи тоҷикӣ омада, маънои воситаи иҷрои амалро ифода намояд, пас дар забони англисӣ баъзе аз чунин зарфҳо бидуни пасванд истеъмол мегарданд, ба монанди: пешакӣ – in advance, forward; ahead ва ғ.

Пасванди **-о.** Пасванди мазкур дар калимасозии зарф каммаҳсул аст. Ин пасванд, аслан, аз исмҳо зарфи тарзи амал месозад: ошкоро: «Чунки аз ин ҷавоби беэҳтиётонаи ман бо иғвои акаам будани ин талаби ман ба пеши падарам **ошкоро** шуда буд» [123].

---

[1] Longman Dictionary of English language and culture. – England: Pearson Education Limited, 2005. – 1620 pp.
[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 371

Пасванди -нокӣ. Аслан, пасванди мазкур аз калимаҳои ифодакунандаи узвҳои бадан (сар, рӯй, пушт), муносибатҳои масоҳатӣ ва мафҳумҳои маконӣ зарфи тарзи амал месозад: **рӯйнокӣ, пуштнокӣ, паҳлунокӣ, пешнокӣ, пастнокӣ, қафонокӣ, болонокӣ**. Ин гурӯҳ зарфҳо бо феълҳои ифодакунандаи ҳолату ҳаракат омада, тарзи воқеъшавӣ ва самту сӯйи ҳаракатро ифода мекунанд, бештар бо феълҳои **рафтан, афтидан, ғалтидан, хобидан, хам кардан, даромадан, баромадан** ва амсоли инҳо меоянд: руйнокӣ: «Ӯ дар ҳолате, ки **рӯйнокӣ** сару поҳояшро ба рӯйи болиштҳо баланд карда мехобид, ба мо ҳикоя мегуфт» [193, 48]; “She would lie **back** with pillow under her head and legs, and tell us stories” [194, 12]; пуштнокӣ: «Даста аз ҷо хеста **пуштнокӣ** роҳ рафта аз дарвозаи ҳавлии саломхона мебарояд» [193, 365]. «The team gets up and walks **backwards** through the gate of the saloon» [194, 211]. Маълум мешавад, ки пасванди мазкур дар муқоиса бо дигар пасвандҳои зарфсоз каммаҳсул буда, ба воситаи он зарфҳое сохта мешаванд, ки алоқаи масоҳатӣ ва самту ҳаракатро ифода менамоянд. Он зарфҳои сохтае, ки дар забони тоҷикӣ ба воситаи пасванди мазкур сохта шудаанд, дар забони англисӣ дар шакли ибораи феълӣ, ҳамчун калимаҳои ҷудогона истифода мегарданд, ба монанди: *рӯйнокӣ – lie back; face down; пуштнокӣ – lie flat on one's back; lie supine.*

Пасванди **-ӣ.** Сарфи назар аз он ки пасванди мазкур дар сохтани баъзе зарфҳои тарзи амал иштирок дорад, онро метавон каммаҳсул, зеро миқдори зарфҳои ба воситаи он сохташуда хеле маҳдуданд: рустӣ, фаврӣ, забонӣ, доимӣ. Чунончи: забонӣ: «Баъд аз раҳсидан Пирак ба паҳлуи ман омада маро бо он шеъри «Нисоб-ус-сибён» **забонӣ** ҳам табрик намуд ва...» [193, 259]; абадӣ: «То ки онҳоро нест карда ба ин восита он сирри шармоварро ҳам ба тарзи **абадӣ** дар зери хок пинҳон кунад» [193, 396]. Муодили англисии пасванди мазкур **–ly** ба шумор рафта, мисли забони тоҷикӣ аз исм зарфи тарзи амал месозад. Дараҷаи истеъмоли пасванди

зикршуда дар ҳар ду забон ҳам маҳдуд буда, онро метавон пасванди каммаҳсул шуморид.

Зарфҳои тарзи амал дар забони англисӣ ба воситаи ба сифат ҳамроҳ гардидани пасванди **-ly** сохта мешаванд: carefully, intentionally, silently, slowly, accidently, angrily, painfully, awkwardly, bravely, calmly, closely, politely, kindly, sharply, clearly: «...I led the donkey into the stream and, **slowly** and **carefully**, without touching him anywhere with my hands» [194,85]; «He always sat **silently** in the out her room» [194,35]; «He looked at me, waited **silentl**y for a while, and then said,…» [194,137]; «Although I was hurt by this insult, it was **clearly** one way out of this kind danger» [194,140]; «My father paused, then continued more **calmly**,...» [194,10]; «The host stood at the foot of the table and, with a bow, besought them **politely** to partake of the meal» [194, 91].

Маврид ба таъкид аст, ки дар забони тоҷикӣ як миқдор зарфҳои тарзи амале мавҷуданд, ки дар таркиби худ пешванду пасванд дошта, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ, чун исму сифат, феъл ва ғ. зарфҳо сохта мешаванд, ба монанди:

б) ба воситаи як пешванд ва як пасванд: **бе**парво**ёна**, **бе**мадор**она**, **но**хоҳам**она**, ногаҳон: «**Ногаҳон** овози «қоқ» гуфтани як мурғро шунидам, дар паси ин овоз садои аз болои бом ба замин афтодани як чизи вазнин ҳам шунида шуд» [193, 66]; беихтиёрона: «...барои нигоҳдории худ аз ғалтиш **беихтиёрона** бо ду дастам ба ёли хар часпидам» [193, 164].

easily, laudly, early, deeply, lately, impatiently.

в) ба воситаи ду пасванд: олуфта**ворона**: «Ман самоворро ба даст гирифтам ва Сайид Акбар як китоби худро бо нӯги остинаш **олуфтаворона** гирифт» [193, 176].

г) ба воситаи ду пешванд: **бано**хост.

Ҳангоми сохташавии зарфҳо аз сифатҳо ба воситаи пасванди **-ly** қоидаҳои зерини имло бояд ба назар гирифта шавад: а) Агар сифат бо

ҳарфи **–y** ба охир расад, пас ҳангоми зарфшавӣ он ба **-i** тағйир меёбад: eas**y** – осон – eas**i**ly – озодона, чолокона; nois**y** – сершавшув – nois**i**ly – серғавғо, сермаҳал; ga**y** – шод, шодмон – ga**i**ly – шодон, хурсандона; б) Агар сифат бо **-le** ба охир расад, пас ҳангоми зарфшавӣ ҳарфи **-e** меафтад: simpl**e** – сода, одӣ – simpl**y** – ба осонӣ, ба таври одӣ; singl**e** – ягона, якта – singl**y** – ҷудо, ҷудогона, алоҳида.

Чи тавре ки зикраш рафт, баъзе зарфҳо аз лиҳози шакл ба сифатҳо мувофиқанд, яъне аз нигоҳи шакл тафовут надоранд: long – long; loud – loud; near – near; hard – hard; fast – fast; late – late; early – early; weekly – weekly; far – far; little – little; much – much; daily – daily.

Ба сифатҳои навъи: *beastly, brotherly, cowardly, earthly, fatherly, friendly, gentlemanly, heavenly, kingly, leisurely, lively (-life+ly), soldierly, womanly* бояд таваҷҷуҳ намуд, ки бештари онҳо метавонанд ба худ пасванди инкории «*un-*» қабул намоянд: *unfriendly* – душманона, бадхоҳона, *unwomanly* – даҳал, дурушт, *unearthly* – ғайризаминӣ. Сифатҳои мазкур таркибот ва ибораҳое месозанд, ки дар ҷумла ба вазифаи ҳоли тарзи амал меоянд: *in a leisurely manner* – бе шитоб, шитоб накарда, форифболона; *in a cowardly fashion* – буздилона, бо тарсу ҳарос, ҳаросона.

Маврид ба таъкид аст, ки миқдори зиёди зарфҳои тарзи амали забони англисӣ аз сифат ба воситаи пасванди *-ly* сохта шудаанд: well – нағз, хуб; fast, quickly – тезтар; quietly – оромона, осудона; easily – осон, сабук, осонакак, чолокона ва ғ.: «…**Well**, today is bazaar day, and this will be their bazaar night» [194, 12]; «The mullah **quickly** got up and closed the door» [194, 28]; «One day my father has gone prayer, but sudenly came back and called to me frod to come **quickly»** [194, 62]; «We started to move, and although it was a good mile between the Mir-i Arab madrasa and the room we moved our things **easily»** [194, 90]; «But I realized that my parents had grown old and couldn't manage **easily** without my help...» [194, 4].

Дар раванди сохтани баъзе зарфҳои забони англисӣ аз сифатҳо бо пасванди *-ic* гунаи маъмули пасванди мазкур *-ical* истеъмол мешавад: *comic (мазҳакавӣ)– comically (хандаовар, масхараомез, тамасхуромез), melancholic (молихулиёӣ) – melancholically (ғамгинона, ҳузновар, маъюсона), economic (иқтисодӣ) – economically* (иқтисодан*)*.

Дар забони англисӣ як қатор зарфҳои аз сифат сохташудае мавҷуданд, ки дар таркиби худ пасванди *-ly* надоранд ва аз лиҳози шакл ба сифатҳои мувофиқ ҳамгунаанд, ба монанди: *fast, near, far, long, straight* ва ғ. Аммо зарфҳои *gaily, weekly, yearly, early* ва ғ. аз лиҳози шакл аз сифатҳо ягон тафовуте надоранд: «A bowl of drinking drank some at drop from bride and groom swept **gaily** on by me» [194, 60]; «...in the dangona, group would pool their money to pay for a **weekly** party» [194, 112]; «A year's wages, for most of these lads, won' Stretch toa twice-**yearly** fireworks spree" [194, 71]; «…nevertheless my **early** memories are almost all firmly impressed in my mind» [194, 87].

Бояд қайд намуд, ки сифатҳои *friendly, lively, lovely, lonely* шаклҳои мувофиқи зарфро надоранд ва барои ифодаи маънои ҳолии онҳо таркибҳои тавсифии *in a friendly way, in a lively manner* истифода мешаванд.

Бояд ба сифатҳои навъӣ: *beastly, brotherly, cowardly, earthly, fatherly, friendly, gentlemanly, heavenly, kingly, leisurely, lively (-life+ly), soldierly, womanly* таваҷҷуҳи хоса намуд, зеро ба бештари онҳо пешванди инкории *un-* илова карда мешавад, ба монанди: *unfriendly* – бадхоҳона, душманона, хусуматомез, *unwomanly* – дурушт, *unearthly* – ғайризаминӣ. Сифатҳои мазкур ибораву таркиботи пешоянддоре месозанд, ки дар ҷумла ба вазифаи ҳоли тарзи амал меоянд, чунончӣ: *in a leisurely manner* – бешитоб, оҳиста, сусткорона, фориғболона; *in a cowardly fashion* – буздилона, ҳаросон.

Тафовути дигаре, ки дар таркиби морфологии зарфҳои тарзи амали забонҳои таҳқиқшаванда мушоҳида гардид, чунин аст: агар дар забони тоҷикӣ зарфҳои мазкур ба воситаи пасвандҳои **-ӣ, -она** сохта шаванд, пас, дар забони англисӣ ин рисолатро танҳо пасванди зарфсози **-ly** иҷро мекунад ва ин падида аз он гувоҳӣ медиҳад, ки усули калимасозии вандӣ, яъне сарфӣ дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ сермаҳсул будааст. Хусусияти дигари зарфҳои тарзи амали забонҳои ёдоваршуда аз ҷиҳати сохтор дар он зоҳир мегардад, ки бештари сифатҳои сохта (**пинҳонӣ, меҳрубонона**) ва мураккаб (**ҳавобаландона, эҳтиёткорона**)-и забони тоҷикӣ ба воситаи пасванд сохта шуда, ба зарф мубаддал гардидаанд, ҳол он дар забони англисӣ бештари сифатҳои сода **(direct, secret)** ба худ пасванд қабул карда, зарф **(directly, secretly)** мешаванд, ки ин падида дар дастури забон ҳамчун «зарфшавӣ» ё худ «адвербализатсия» маъмул аст. Яке аз вижагиҳои фарққунандаи дигари зарфҳои тарзи амали забонҳои қиёсшаванда иштироки ҳиссаҳои мустақили нутқ дар созмони ин навъи зарфҳо ба шумор меравад, яъне сохтани аксарияти зарфҳои тарзи амали забони тоҷикӣ ба ғайр аз сифат бо дигар ҳиссаҳои нутқ чун исму феъл ва ғ. иштирок мекунанд, аммо бештари зарфҳои тарзи амали забони англисӣ аз сифат сохта мешаванд. Дар забони тоҷикӣ баъзе зарфҳои тарзи амале мавҷуданд, ки аз нигоҳи сохтор мураккабанд **(рӯйрост)** ва миқдори онҳо хеле маҳдуд аст, аммо ин қабил зарфҳо дар забони англисӣ (**openly**) танҳо сохтаанд.

Зарфи тарзи мураккаб. Зарфҳои тарзи мураккаб дар ҳар ду забон ҳам асосан бо роҳҳои пайваст гардидани ду реша ва ё ду калимаи мустақил бо иштироки ягон ванд сохта мешаванд. Усули сермаҳсуле, ки дар он ҳам якшавӣ ва ҳам вандафзоӣ якҷоя амал мекунанд, усули наҳвӣ-сарфӣ меноманд.

Лозим ба ёдоварист, ки зарфҳои тарзи мураккаби ҳар ду забон ҳам, дар навбати худ ба зарфҳои тарзи мураккаби пайваст ва зарфҳои

тарзи мураккаби тобеъ ҷудо мешаванд, ки дар роҷеъ ба роҳу усули ташаккули онҳо таваққуф хоҳем намуд.

Зарфҳои тарзи мураккаби пайваст. Зарфҳои тарзи мураккаби пайваст дар забони тоҷикӣ, асосан ба воситаи садоноки пайвасткунандаи «о» бо усули такрор сохта мешаванд. Ин намуди зарфҳои тарзи амали мураккаб, пеш аз ҳама, ба воситаи садоноки пайвасткунандаи “о” аз ҳиссаҳои зерини нутқ таркиб меёбанд:

а) аз исму ием: «...ман дар мобайни чанд рӯз ҳамаи ҳарфҳоро шинохта ва бо ҳам «ҷанг андохта», китоби алифборо **саросар** бе ёрии муаллим мехондагӣ мешудам» [193, 145]; дарун-дарун: «Ман бо шунидани он ғазал дар он суруд, бе он ки овозе барорам, **дарун-дарун** гириста дили худро қадаре холӣ кардам» [193, 200]; лаболаб: «Рӯди Шофирком **лаболаб** пуроб буд« [193, 123]. «Shofirkom river is **full of** water» [194, 113]. Дар гунаи англисии ҷумлаи мазкур зарфи мураккаби лаболаб тарҷума нагардида, зарфи full ҳам вазифаи зарфи лаболаб ва ҳам вазифаи зарфи «пуроб»-ро иҷро намудааст.

б) аз сифату сифат ба воситаи нимтире навишта шуда, бевоситаи такрор меоянд: майда-майда: «Агар ҳамон вақт ба назараш ягон одам – хусусан бача намояд, ба дасташ гирифта ба осмон расонда молиш дода-молиш дода ба офтоб бирён намуда **майда-майда** карда мехӯрад»[193,60]; «If at that time he happened to see anyone, particularly a little boy, he would grab him and, hoisting him up to the sky, tenderize him between his hands, fry him on the sun, then tear him **into pieces** and eat him» [194, 15]. Дар гунаи англисии ҷумлаи мазкур зарфи мураккаби **майда-майда** тарҷума нагардида, пешоянд ва исми **into pieces** вазифаи зарфи **майда-майдаро** иҷро намудааст.

в) аз зарфу зарф ба воситаи нимтире навишта шуда, бавоситаи такрор меоянд: «Мо лаб-лаби ҷӯй ҳамроҳи об **оҳиста-оҳиста** мерафтем, падарам ба тағоиям гуфт…» [193,96] «We walked **slowly** along the edge of

the channel, keeping pace with the water's flow» [194,25]. Муодили англисии зарфи мураккаби пайвасти тоҷикии оҳиста-оҳиста калимаи slowly буда, дар шакли сохта истифода мешавад.

Зарфҳои тарзи мураккаби тобеъ

Дар забони тоҷикӣ зарфҳои мураккаби тобеъ ба воситаи усули сарфию наҳвӣ сохта шуда, дар ташаккули ин намуди зарфҳо ҳиссаҳои гуногуни нутқ (исм, сифат, шумораҳои миқдорию ҷонишинҳои саволӣ, асосҳои феъл ва қисман зарфҳо) бевосита ба зарф ҳамроҳ шуда, зарфи мураккаби тобеъ месозанд: дарёсифат, якзайл, якпаҳлу, дузону, чорзону, динашаб, порсол, перорсол, дирӯз, дучанд, илтиҷоомез, пичингомез, иддаоомез, рӯйболо, умрбод…

Ҳамин тавр, зарфҳои мураккаби тобеъ аз ҳиссаҳои зерини нутқ сохта мешаванд:

а) аз шумораву исм: дузону, чорзону: «...дар гирдогирди лаълии тахтагӣ бар рӯйи пӯстакчаҳо **дузону** нишастанд" [193, 31]; "Дар рӯйи суфа бар болои кӯрпача мизбони мо соҳиби ҳавлӣ, устои косагар **чорзону** зада менишаст» [193, 135]; «...бар рӯйи санги яхмонанд **чорзону** ё **дузону** нишаста такрор кардан мегирифтем» [193, 243]; дузону: «Ҳамаи он касоне, ки дар сари дегҳо буданд, дастҳошонро то оринҷ шуста пок карда омада дар гирдогирди лаълии тахтагӣ бар рӯйи пӯстакчаҳо **дузону** нишастанд» [193, 31]. «All the men working at the pots washed their hands up to to the elbows and **squatted** down on the skins around the tray» [194, 7]; «On a quilt top the sufa **squatted** our host, the, master potter of Ghijduvon» [194, 35]. Чи тавре, ки аз ҷумлаҳои зикршуда аён гардид, на ҳама вақт зарфи мураккаби тобеи тоҷикӣ дар забони англисӣ муодили дурусти худро пайдо мекунад. Масалан, зарфҳои тарзи амали **дузону** ва **чорзону** дар ҷумлаи гунаи англисӣ дар шакли «**squatted**» бо маънои «**сари дупо нишастан**», яъне «**дузону**

нишастан» омада, ба забони тоҷикӣ чун ибораи феълии «**дузону нишастан**» тарҷума мешавад.

1. б) аз сифатҳои мураккаб ва пасванди **–она.** Пасванди мазкур бештар ба сифатҳо ҳамроҳ шуда моҳияти луғавӣ ва вазифаи грамматикии онҳоро тағйир дода, зарфи тарзи мураккаби тобеъ месозад: эҳтиёткорона: «Ман ба ӯ **эҳтиёткорона** муомила карда нагуфтам, ки «ман ёд медиҳам», балки «ман хонданро нишон медиҳам» [193, 257]. «My brother and I slept together, and as I was listening **carefully** to the conversation I thought that he was fast asleep» [194, 11]. Шитобкорона: «…дар роҳрави ҳавлӣ истода маро ҷеғ зад ва «зуд биё» гӯён **шитобкорона** баргашта рафт» [193, 119]; «He called me in the hallway and **hurriedl**y returned back, saying «come quickly» [194, 89];.

в) аз исму замони ҳозираи феъл ва пасванди -она: узрхоҳона: «Гӯр ба сари пирӣ шавад, гапам дароз шуда рафтааст, – гуфт кампир **узрхоҳона** ва давом кард…» [193, 360].

г) аз шумораҳои миқдорию тартибӣ, исмҳо ва пасванди **-а**. якбора: «Ман **якбора** «вой мурдам» гӯён фарёди сахте кашидам» [193, 62] «All **at once** I screamed: «Help! Murder!» [194, 15]. Дубора: «Ман **дубора** нон додам, дубора ҳам хӯрд» [193, 68] «But when I gave him some, he ate it **again»** [194, 17]. Дукаса: «Аз миён фурсате нагузашта ду фаррош аз дарвозаи арк давон баромада занҷирро дукаса бардошта дар тарафе ғундошта монданд…» [193, 345]; дуюмбора: «...,–гуфт ва **дуюмбора** бо падарам вохӯрдӣ кард» [193, 92] «Hands **again»** [194, 23]; сеюмбора: «Дар он гуна вақтҳо аз тарс дар баданам ларза меафтод, ки мабодо ба вай наздик рафта ё ин ки аз вай дур монда бошам, ки **сеюмбора** сазовори танбеҳ шавам» [193, 342].

г) аз шумораву исм: дучанд «Ҳашарчиён, ки дар вақти кори душвори худ самараи вайро дар пеши назараш мебинад, қувват ва ғайраташ **дучанд** мешавад» [193, 96].

Дар забони англисӣ зарфҳои тарзи амали мураккаби тобеъ низ аз ҳиссаҳои зерини нутқ сохта мешаванд:

а) аз зарфу исм: therefore, wherefore, everywhere, somehow: He **therefore** proposed to me that I should do something myself to ean a sum toward my schooling expenses [194, 91]; During those years, **therefore**, the peasants ceased cultivating these lands and the fields grew thick with briars [194, 101]; My father got to hear of this **somehow** or other and was enraged [83]; The school was full of fighting and reeds were strewn **everywhere** [194, 130].

Таъкид кардан ба маврид аст, ки дар забони англисӣ зарфҳои мураккабе мавҷуданд, ки ба воситаи калимабандӣ сохта мешаванд: anyway «I saw that the residents of the tuman would be pauperized and that the new watercourse would never be dug **anyway»** [194,119].

Зарфҳои тарзи амали таркибӣ. Таркибҳоеро, ки аз ду ва ё зиёда калимаҳои мустақили ёридиҳанда иборат буда, асосан ҳамчун зарф барои ифодаи аломати амал хизмат мекунанд, зарфҳои таркибӣ меномем. Зарфҳои таркибӣ аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ташкил меёбанд ва дар таркиби луғавии забон ҳамчун элементҳои тайёри нутқ вуҷуд доранд.

Дар зарфҳои тарзи амали таркибӣ маънои луғавии ҷузъҳо то андозае заиф шуда, ҳар ду- се ҷузъ дар алоқамандӣ мафҳумҳои навро ифода мекунанд: «Дастархон омад, шӯрбои серравғанро бо фатири равғанизардӣ **пасту расо** хӯрданд» [192, 47].

Зарфҳои тарзи амали таркибии забони тоҷикӣ асосан чунин сохта мешаванд:

а) аз такрори исм ва пешоянд: дар ба дар, даст ба даст: «…сабаби **дар ба дар** ва бе сарпаноҳ гаштани талабаҳои қашшоқ акнун бояд ба хонанда маълум шуда бошад» [193, 224]; «Вагарна, магар мумкин будааст, ки як талаба ду сол **дар ба дар** ориятнишин шуда гардад» [193, 286]; «Дарҳол оби хумро рехта вайро бо ангишт пур кардем ва хуми

ангиштдоншударо аз зина **даст ба даст** гирифта фуровардем» [193, 176]; такрор ба такрор: «Ӯ қиссаҳои Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш ва Абумуслимро аз ёд медонист ва **такрор ба такрор** ба мо аз он афсонаҳо нақл мекард» [193, 48].

б) аз такрор омадани ҷонишини нафсии **худ** ва пешоянди **ба**: худ ба худ: «– Сиёҳдили бадботин, – гуфт падарам **худ ба худ** ғур-ғуркунон» [193, 39]; «Ман дар дили худ сухани ӯро бовар накарда **худ ба худ** фикр мекардам» [193, 253];

в) аз такрор омадани шумораҳо ва пешоянди **ба**: як ба як: «Ҳарчи давои Мулло Ҳомид **як ба як** баромад – баъд аз оби сард рехтан дарди сар ором гирифт» [193, 264];

г) аз пешояндҳои аслию исмҳои маънӣ ё сифат. Бояд тазаккур дод, ки дар таркибҳои мазкур пешояндҳои ба, бо, то хусусияти пешвандӣ пайдо кардаанд, он гоҳо бо калимаи пас аз худашон омада якҷоя ва гоҳ ҷудо навишта мешаванд: ба зудӣ – базудӣ: «Ин гуна бозӣ **ба зудӣ** бачагонро монда кард, баъзеҳо ба рӯйи реги нарм дароз кашида» [193,35]**;** «This game **soon** tired them out» [194, 16]**;** баосонӣ- ба осонӣ: «Мо ба кӯчидан сар кардем, ҳарчанд дар байни мадрасаи Мири Араб ва ҷойи нави мо аз як километр зиёдтар роҳ бошад ҳам, мо чизҳоямонро **ба осонӣ** кашондем» [193, 176]**;** «We started to move, and although it was a good mile between the Mir-i Arab madrasa and the room we moved our things **easily»** [194, 89]; бодиққат- бо диққат: «Баъд аз тай кардани нимаи роҳ он чизро ба замин гузошт ва пас гашта дунболи худро **бо диққат** аз назар гузаронид…» [193, 67]. «My brother and I slept together, and as I was listening **carefully** to the conversation I thought that he was fast asleep. Then I noticed that he was crying under the quilt» [194, 10]. Вале агар ҷузъи дуюм ба худ эзоҳдиҳандаҳо қабул кунад, «**бо**», «**ба**» ҳатман ҷудо навишта мешаванд ва хусусияти пешояндиашон равшвнтар мегардад: ба ин зудӣ**:** «Ман гиряву зорикунон аз ӯ пурсидам, ки маро **ба ин зудӣ** ба саҳро

гардонда набарад, то ки…» [193, 172]. ’You’d better hurry up and send a proposal to my father soon, because if you don’t, and my father decides to give me to another, I’ll kill myself,’’ she told the boy [194, 25]; ба осонӣ: «Мо ба кӯчидан сар кардем, ҳарчанд дар байни мадрасаи Мири Араб ва ҷойи нави мо аз як километр зиёдтар роҳ бошад ҳам, мо чизҳоямонро **ба осонӣ** кашондем» [193, 176]; «We started to move, and although there was more than a kilometer between the Mir Arab madrasa and our new location, we were able to move our belongings **easily»** [194, 60]; ба тозагӣ: «Ҳамон рӯзҳо **ба тозагӣ** канда будаанд, ки ба бӯйи лойи сиёҳи пӯсидаи он чуқурӣ ва атрофи он тоқат кардан мумкин набуд…» [193, 355], I scraped plaque off my teeth with the tip of my penknife, applied it to the crooked parts of the letters, scraped them clean and-like my teacherinked them in again [194, 67]; ба навбат: «Махдуми Гав ба майдон баромад ва **ба навбат** ҳар панҷи онҳоро ҳам пушт ба замин хобонда...» [193, 283], Makhdumi Gav came on the field and **in turn** laid all five of them on the ground [194, 267]; ба хубӣ: «Аз меваҳо дар ин ҷо танҳо ангур бисёр буд ва **ба хубӣ** дар байни регзорҳо мерасид» [193, 9]; You would have done better to wish him wealth and a full stomach [194, 40]. Аз мисолҳои болозикр маълум гардид, ки гунаи англисии зарфҳои мазкур на ҳамеша пешояндҳои аслию исмҳои маънӣ ё сифат, балки зарфҳои замони сода ва тарзи амали сохта истифода мешаванд.

Ҳамин тариқ, мо зарур мешуморем, ки таҳлили омории зарфҳои тарзи амали забонҳои муқоисашавандаро дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ дар шакли диаграмма нахуст дар алоҳидагӣ ва пасон якҷоя пешниҳод намоем.

Диаграммаи №1.



Диаграммаи №2.



Чи тавре ки маълум гардид, аз лиҳози омор дар таркиби сарфии зарфи тарзи амали забонҳои муқоисашаванда тафовут ва монандӣ ҷой дорад ва дар зер онҳоро дар шакли диаграмма нишон медиҳем.

Диаграммаи №3.



Чи тавре ки аз таҳлили оморӣ аён гардид, дар ҳар ду забон ҳам зарфҳои тарзи сохта мавқеи устувор доранд, зеро ин намуди зарфҳо ба воситаи вандҳои калимасоз сохта мешаванд. Яке аз омилҳои дигари зиёд будани миқдори зарфҳои сохта он аст, ки онҳо дар заминаи сифат бо илова намудани пешванду пасванд ба зарф мубаддал мегарданд. Агар ба миқдори вандҳои зарфсоз назар афканем, зуд мушоҳида менамоем, ки зарфҳои тарзи сохтаи забони тоҷикӣ ба воситаи вандҳои гуногун **(ба-, бе, -она, -нокӣ, -вор)** сохта шуда, зарфҳои тарзи забони англисӣ танҳо тавассути як пасванд **(-ly)** бунёд мегарданд.

Дар раванди таҳқиқ агар аз маводи тоҷикӣ 30 зарфи тарзи мураккаб ва 1 таркибӣ дарёфт гардида бошад, пас, дар забони англисӣ ин гуна зарфҳо умуман пайдо нашуданд.

2.2. Зарфи монандӣ ва таҳлили луғавию маъноии он

Зарфҳое, ки аз исмҳо бо илова кардани суффиксҳои **-вор, - она, -сон, -сифат, -ваш, -осо** сохта мешаванд, ба феъл ё ба сифат мансуб гардида, аломати амал ё аломати аломатро ба тарзи муқоиса бо амалу хусусияти предметҳо ифода мекунанд ин навъ зарфҳоро зарфҳои монандӣ меноманд. Тарзи воқеъшавии амалу аломат ба амал ё аломатҳои ашёи дигар – исме, ки аз он зарф сохта шудааст, монанд карда мешавад, яъне зарфҳои бо пасвандҳои -вор, -сон, -осо, -ваш, -сифат сохташуда хусусияти монандкунӣ, қиёсу ташбеҳкунӣ доранд. Аз ин рӯ ин зарфҳоро «зарфҳои тарзи амали монандӣ» номидан дурусттар мебуд. Бо пасвандҳои **-вор, -сон, -сифат, -ваш** сохта шудани ин зарфҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳодисаи тамоман нав намебошад.

Пасвандҳои **-вор, -ваш, -сон, -осо, -сифат** ва гоҳо пасванди **-она**, ки зарфи монандӣ месозанд, моҳиятан ба калимаҳои *мисли, монанди, чун, ҳамчун, барин* баробаранд: фарзандвор хизмат кардан – мисли (ҳамчун, монанди) фарзанд хизмат кардан гирифтааст «…ятим ба бой аз таҳти дил **фарзандвор** хизмат кардан гирифтааст [193, 50]; бародарвор: «Ҳар сол як бор ба саҳроҳо саёҳат карда бо деҳқонони хокпош **бародарвор** шинухез менамояд» [193, 306].

Зарфҳои монандӣ дар ҳар ду забон, ҳам ба феъл ё гоҳо ба сифат тобеъ шуда:

а) амалу аломатро аз ҷиҳати ранг, ҳаҷм, сохт ё шакли зоҳирӣ, хусусиятҳои ботинӣ, тарзи рафтору гуфтор, суръати ҳаракат… бо ҳамин гуна аломатҳои предмети дигар муқоисакунон шарҳу эзоҳ медиҳанд;

б) қиёси хислату хусусият (ғунчавор, оҳанрабовор, резинвор), монандкунӣ аз ҷиҳати овоз ва тарзи гуфтор (хурӯсвор, булбулвор…), рафтору муносибат ва амсоли он (**рӯдворона, олуфтаворона, рӯбаҳона, гургвор, гурбасон, дуздсифат, фарзандвор, падарвор, девонаворона)** ва ғайраро ифода мекунанд: девонаворона:«Аммо ӯ бо хандаи **девонаворона**

ҳушёрона ба гап даромада...» [193, 262]; «дастҳои ӯ, ки **резинвор** чандир буданд…» [193, 578]; **фарзандвор:** «… ятим ба бой аз таҳти дил **фарзандвор** хизмат кардан гирифтааст» [193, 47].

Дар ҳар ду забон, ҳам зарфҳо ба феъл ё гоҳо ба сифат тобеъ шуда, амалу аломатро аз ҷиҳати ранг, ҳаҷм, сохт ё шакли зоҳирӣ, хусусиятҳои ботинӣ, тарзи рафтору гуфтор, суръати ҳаракат бо ҳамин гуна аломатҳои ашёи дигар муқоисакунон шарҳу эзоҳ медиҳанд. Аз нигоҳи маънои луғавӣ зарфҳои монандии ҳар ду забон якранганд.

2.2.1. Таркиби морфологии зарфи монандӣ

Аз нигоҳи сохтор ин намуди зарфҳо асосан сохта мебошанд. Дар ташкили зарфҳои монандии сохта пасвандҳои зерин иштирок мекунанд: **-вор, -ваш, -сон, -осо, -она, -сифат:**

Пасванди -вор. Пасванди мазкур асосан:

а) ба исм ҳамроҳ шуда, зарфи монандӣ месозад**:** фарзандвор; бародарвор: «Ҳар сол як бор ба саҳроҳо саёҳат карда бо деҳқонони хокпош **бародарвор** шинухез менамояд» [193, 306]; «Ӯ бо ин ҳама бузургӣ ва муҳаббат ва салобат ба ҳар кас, ҳарчанд хурд бошад ҳам, **бародарвор** муомила мекард» [193, 234].

б) ба сифат ҳамроҳ шуда зарфи монандӣ месозад: девонавор: «Ман ӯро **девонавор** дӯст дошта будам ва аз ғалаёни сӯзиши ишқ ва шавқ чун мӯйи оташдида ба худ печидам» [193, 427]; «...ман **девонавор** майл доштам, ки ҳарчи зудтар ман ба ӯ наздик шавам ва бо бӯсаву канор оташи дили сӯзони худро таскин диҳам» [193,427];

в) ба сифат ва зарфи тарз ҳамроҳ шуда зарфи монандӣ месозад: девонаворона: «Ман аз ӯ ҳаракатҳои **девонаворона** намедидам» [193, 110]. «Аммо ӯ бо хандаи **девонаворона** ҳушёрона ба гап даромада аз меҳмонон барои дер омаданаш узр талабид ва …»[193, 262].

Пасванди -она. Пасванди мазкур асосан:

а) ба зарфи тарз ҳамроҳ шуда, зарфи монанди месозад: олуфтаворона: «Ман самоворро ба даст гирифтам ва Сайид Акбар як китоби худро бо нӯги остинаш **олуфтаворона** гирифт» [193, 176].

2. Ба исм ҳамроҳ шуда зарфи монандӣ месозад: рӯбоҳона: «Охир воқиае рӯй дод, ки он гурги пир беихтиёрона аҳволи оилавии худро, лекин бо ҳилагариҳои **рӯбоҳона**, дар пеши ман кушода партофт» [193, 413].

Бояд тазаккур дод, ки дар забони англисӣ зарфҳои монандии сохта асосан на ба воситаи вандҳо, балки тавассути зарфи **like** сохта мешаванд: like a parrot – тӯтивор, like a baby – кӯдаквор, like a stretch of water - ҷӯйвор, like a rainstorm – раъдубарқвор, like a son – фарзандвор, like a millstone - санвгвор, like a bull - буққавор, like a flock of sparrows - гунҷишквор, like a dog - сагвор, like a schoolboy - талабавор: «They've taught you to repeat everything **like a parrot**, but they haven't really taught you anything» [194, 152]; «My grandfather's lacerated face and beard hurt him so much that despite his great age tears welled up in his eyes and he bawled **like a baby»** [194, 8]; «The sand, **like a stretch of water** whipped into waves by the wind, was slowly washing forward layers of sand from …» [194, 17]; «The wind rose and it rained sand, just **like a rainstorm**, and in no time he earth was carpeted with sand» [194, 17]; «The orphan served the rich man **like a son** from the bottom of his heart» [194, 24]; «He felt as if the sky had fallen on him **like a millstone**, grinbing him into flour» [194, 26]; «Khalifa began bellowing **like a bull»** [194, 133]; «**Like a flock of sparrows** that have just escaped from an eagle, the boys leapt up from their places and ran to the door» [194, 133]; «Khalifa, caught red-handed, looked **like a dog** that the gardener had found stealing grapes [194, 130]; «My father listened to him respectfully, **like a schoolboy**...» [194, 49]**.**

Дар забони англисӣ зарфҳои монандии ба воситаи калимаи **like** сохта шуда, он хусусиятҳои дар забони тоҷикӣ мавҷударо ифода мекунад:

like the bells of a camel caravan «So I resumed playing, fancying that the misic I made was **like the bells of a camel caravan»** [194, 8]; like a baby: «My grandfather's lacerated face and beard hurt him so much that despite his great age tears welled up in his eyes and he bawled **like a baby»** [194, 8]; like a rainstorm: « The wind rose and it rained sand, just **like a rainstorm**, and in no time he earth was carpeted with sand» [194, 17]; like ants: «All over the plain people were working **like ants**; in the fields and vineyards to the noetheart they were tying up broken branches…» [194, 19].

Аз таҳлилу баррасии гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки зарфҳои монандӣ дар забони тоҷикӣ ба воситаи пасвандҳои **-вор, -ваш, сон, -осо, -она, -сифат** ва дар забони англисӣ тавассути худи зарфи **like** сохта мешаванд. Маълум гардид, ки пасвандҳои зикршуда дар ҳар ду забон, ҳам камистеъмол буда, миқдори зарфҳое, ки ба воситаи онҳо сохта шудаанд, хеле маҳдуданд.

2.3. Зарфи миқдору дараҷа ва хусусиятҳои луғавию маънои он

Зарфи миқдору дараҷа дар ҳар ду забон ҳам ба феъл, сифат, зарф ва гоҳо ба исмҳо тобеъ шуда, онҳоро аз ҷиҳати миқдору андоза ё дараҷаи зоҳиршавиашон шарҳу эзоҳ медиҳанд ва ба саволҳои то чӣ андоза?, чӣ қадар?, чӣ қадарӣ? ҷавоб мешаванд: қадаре: «Баъд аз он ҷавони белдор ба рӯйи он ҳалқаи хамирин **қадаре** орд пошид...» [193, 31]; бисёр: «Бо таъсири борони дирӯза дар регзор чунон **бисёр** занбӯруғ рӯйидааст» [193, 35]; little: «'Uncle, I ate so much of your bread and salt, and worked so **little** for you» [194, 26]; a lot of: «The teacher picked up a wooden board, wrote **a lot of** things on it,...» [194, 129].

Доираи мансубияти зарфҳои миқдору дараҷа нисбат ба хелҳои дигари зарф васеътар аст, агар хелҳои дигари зарф фақат ба феъл (гоҳо ба сифат) тобеъ шаванд, зарфҳои миқдору дараҷа дар зимни ин умумият метавонанд, ба исмҳо ё ба зарфҳои тарзи амал ва замону макон низ

тобеъ шаванд. Ғайр аз ин, ба сифат ва ҷузъи номии феълҳо ҳамроҳ шудани зарфҳои миқдору дараҷаро бештар мушоҳида мекунем. Чунончи:

а) ба исм: Эргаш қисми калон-калони онҳоро, ки **хеле кам** буданд, ба ман нишон дод [193, 36]; «Ман **якчанд** рӯзи дигар бо шарикам қозизода дар он ҷо мондам…» [193, 90].

б) ба сифат: «Як вақт як амини **бисёр** фарбеҳ аз зери дарахте хеста ба...» [193, 94]; бо он пешонаи меҳрубони нишонаи латифомез – **бисёр шинам**, **бисёр дилкаш** ва **бисёр хушнамо** афтода буд, ки одам аз диданаш сер намешуд [193, 416]. «Хайбар саги **бисёр ҳушёр** буда, дар андак вақт ҳамаи гуфтаҳои моро фаҳманд...» [193, 66]; «…ба шумо як номи **бисёр калон** медиҳем, ки аз вай ор накунед…» [193, 156]; «One pile consisted of **very big** mushrooms with short stalks…» [194, 16]; «At one point a **very fat** amin heaved himself to the edge of the trench and…» [194, 48]; «I must admit that I liked this game **very much**…» [194, 155].

в) ба зарф: «Дар дарозии ин ҳуҷраҳо як одам базӯр мехобид, аммо бари онҳо **бағоят кӯтоҳ** буда, ба одам қад намедод» [193, 174]; Баъд аз он воқеа савдои ҳар ҳуҷрае, ки **қадре душворӣ** дошта бошад…» [193, 292]; «Падарам як пиёла чой нӯшида **қадре хомӯш** монд, дар вақти...»[193, 88].

Зарфҳои миқдору дараҷа хусусиятҳои зерини маъноиро соҳиб аст:

а) умуман зиёд ё номаҳдуд будани андозаи амалу аломатҳо ё предметро ифода мекунад**:** ниҳоят: **«Ниҳоят**, муллои солхӯрдае сукути умумиро вайрон карда ба гап даромад» [193, 293]**;** хеле: «нисбат ба газворҳое, ки падарам мебофт, **хеле** сафед ва суфта буд» [193, 17]; андак: «Азбаски дар рӯд **андак** об буд, аз гузаштан тарсидам» [193, **34];** бағоят: «Ҳаво на сард буду на гарм ва **бағоят** форам буд…» [193, 34**];** беандоза: «**…** ба ман як рӯҳи тоза ва як ҷасорати **беандоза** ҳам дод» [193, 407]**;** very: but I knew that my father wove a **very** soft and white material compared to other fabrics…» [194, 6]; low: «Even though the water was **low**, I was scared to cross…» [194, 16]; while: « Sit **awhile**, I'll eat the rice and give you the plate to take back to your mother and…» [194, 28].

Бояд қайд кард, ки зарфҳои мазкур вобаста ба мавриди истеъмолашон тобишҳои гуногуни маъноро ифода карда метавонанд. Баъзан ин зарфҳо ҳатто характери муболиғавӣ доранд: вақаб ба вақаб: «Рӯйи заминро кӣ **вақаб ба вақаб** дида баромадааст, ки...» [193, 303];

б) зарфҳои **саҳл, андак, қадре, нисбатан, каме** умуман камии амалу аломатҳоро нишон медиҳанд: «**Андак** нишин, ман ошро хӯрда косаро медиҳам, гирифта мебарӣ…» [193, 57]; «Духтар **қадре** хомӯш монда дар андеша фурӯ рафт ва…» [193, 420]; «Аз ин ҷумла заминҳои киштро **нисбатан** обод ва бозорҳоро ҷорӣ намуда…» [193, 223]; «– Савод дорӣ? – гуфта пурсид. – **Каме** хонда метавонам!» [193, 213];

в) зарфҳои **якчанд**, **дучанд, сечанд, якдонагӣ, даҳтангаӣ, саддонагӣ, дусаддонагӣ, дуборӣ**, инчунин зарфҳое, ки аз такрори исм, ё шумораҳои миқдорӣ сохта шудаанд, миқдору андозаро ба таври мушаххас ифода мекунад: «Ман **якчанд** рӯзи дигар бо шарикам қозизода дар он ҷо мондам » [193, 89]; «Онҳо баъд аз **якчанд** рӯзи дамгирӣ монанди ҳарсола ба пеши хатиб дарс сар карданд…» [193, 106]; «…вайро дар пеши назараш мебинад, қувват ва ғайраташ **дучанд** мешавад…» [193, 96]; «Ба фаҳми ман, агар мо ин тӯйро дар Соктаре мекардем, харҷи мо **сечанд** мешуд…» [193, 23]; «...баъд аз он ду донаи онҳоро аз пеши гӯшаш **якдонагӣ** аз ду тараф дар зери каллапӯшаш гузаронида…» [193, 106]; «Бозор гарм шуд: ….**бист-бист, панҷоҳ-панҷоҳ** гӯсфанд савдо шуда истодааст» [193, 102]. «Ҳар бутта ба ҳисоби миёна **саддонагӣ** кӯрак мебаста бошад, **дусаддонагӣ** кӯрак баста аз чашм доштанамон зиёдтар ҳосил медҳад» [193, 558]. «Ҳар ду шарик дуд ба дуд **дуборӣ** кашиданд» [193, 175]; «I stayed on **a few** more days with my classmate…» [194, 44]; «After **a few** days' rest, they started their lessons with the khatib…» [194, 55] «I think that if we had held the feast in Soktare it would have cost us **three times** as much, and…» [194, 10];

г) зарфҳои аз такрори бевоситаи исмҳо ташкил ёфтагӣ ҳам умуман зиёд будани аломати миқдории амалу аломат ё предметро ифода

мекунад. Вале ин зарфҳо аз зарфҳои **хеле, бениҳоят, бағоят** фарқ мекунанд. Зарфҳои дар натиҷаи такрори бевосита ё такрор бо пешоянди аслӣ (ваҷаб ба ваҷаб) ба вуҷуд омадагӣ метавонанд маънои маҷозӣ ё хусусияти муболиғавӣ (ҷувол-ҷувол чидан) дошта бошанд, ё маънои хоси луғавиашонро нигоҳ доранд: «... бисёр занбӯруғ рӯйидааст, ки **ҷувол-ҷувол** чидан мумкин аст» [193, 35]; «…there's enough mushrooms sprung up in the sand to gather by the **sackfu**l» [194, 16].

Як нуктаро бояд тазаккур дод, ки баъзан дар матн як зарфи миқдору дараҷа ба якчанд исм баробар мансуб буда метавонад. Зарфи «якчанд» дар мисолҳои зерин танҳо як маротиба зиёд шуда бошанд ҳам, ҳар кадомашон аломати миқдории якчанд исмро (кӯча, тангкӯча, ҳавлӣ, тӯп, дарахт, варақ ва ашёҳои дигар) нишон медиҳанд: «Дар охири ин тангкӯча ба тарафи ғарб дар як гардишгоҳ **якчанд ҳавлӣ** бошад ҳам…» [193, 44]; «Дар пушти он китоб дар пасу пеши **якчанд варақ** ба шакли уреб ду-се ғазал навишта шуда будааст» [193, 21]; «Дар ин майдонча **якчанд бех дарахтони** гуҷуми сархушк ва...» [193, 272]; «...дар паҳлуи дари даромади шимолии масҷид **якчанд тӯпҳои шохдори** қадимӣ гузошта шуда буданд » [193, 344] «**Some camels** carried sack of rice, others sack of flour, sugar, and sweets...» [194, 26]; «In the back of the book, written slantwise across both sides of **a few sheets of paper**, were a couple of ghazals» [194, 63].

Таъкид кардан ба маврид аст, ки зарфҳои миқдору дараҷа дар ҳарду забон дар ҳамбастагӣ бо ҳиссаҳои нутқ сохта шуда, онҳоро аз ҷиҳати миқдору андоза ё дараҷаи зоҳиршавиашон шарҳу эзоҳ медиҳанд. Агар дар забони тоҷикӣ зарфҳо ба исм (**хеле вақт**), сифат (**бисёр ҳушёр**), шумора (**якчанд**, **дучанд, сечанд),** такрори бевосита ё такрор бо пешоянди аслӣ (**ваҷаб ба ваҷаб**) ва худи зарф (**бағоят кӯтоҳ)** ҳамроҳ шуда зарфи миқдору дараҷа созад, пас дар забони англисӣ якҷоя омадани

зарфҳо бо ҷонишин, исм ва ё сифат (**a few days, a few sheets of paper)** мушоҳида мешавад.

2.3.1. Таркиби морфологии зарфи миқдору дараҷа

Зарфҳои миқдору дараҷа аз ҷиҳати сохт ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ.

Зарфҳои миқдору дараҷаи сода: бисёр, кам, чанде, қадре, беҳад, зиёд, хеле, басе, андак; a lot, a little, a bit, very, a whie, quite, rather just, almost, too, so, most: «Аз меваҳо дар ин ҷо танҳо ангур **бисёр** буд ва ба хубӣ дар байни регзорҳо мерасид» [193, 9]; « – Аввал ин ки,– гуфт падарам,– барои **зиёд** шудан ё **кам** шудани харҷи тӯй гушнагӣ ё ин ки серии тӯйхӯрҳо дахл надорад …»[193, 23]; «Азбаски дар рӯд **андак** об буд, аз гузаштан тарсидам» [193, 34]; «**Андак** нишин, ман ошро хӯрда косаро медиҳам, гирифта мебарӣ ва ...»[193, 57]; «Sit **awhile**, I'll eat the rice and give you the plate to take back to your mother and ...» [194, 28]; «Even though the water was **low**, I was scared to cross» [194,16]; «...дар **андак** вақт ҳамаи гуфтаҳои моро фаҳмид ва вазифаи асосии худро дананда шуда монд» [193, 66]; «In very **short** time he understood everything we said to him and thoroughly knew his duties» [194, 33]; «...the girls considered him **too** rough, and did not make a doll for him» [194, 147].

Зарфҳои миқдору дараҷаи сохта. Ин намуди зарфҳо ба воситаи вандҳои зерин сохта мешаванд:

Пешванди **бар-**. Пешванди мазкур асосан аз исму сифатҳо ва зарфҳо зарфҳои миқдору дараҷа месозад: барзиёд: «Агар ҳамин бунак дар миён набошад, инҳо таҳозои «девонабачагии худ» ба як танга музди **барзиёд** фирефта шуда, ҳар рӯз аз корхонае ба корхонае мегузаранд» [193, 136] . «– If it was for this advance, these self-styled mad lads would be traipsing every day from pottery o another in serach of an illusory extra tangas» [194, 35]; «...ва оби **барзиёди** рӯди нави Шофирком бошад, ба

кӯлҳо ва нишебиҳо рехта, он ҷоҳоро варачахона кард» [193, 101]; «...ман аз вай интиқоми худро **барзиёд** гирифтаам» [193, 125]. Аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки пешванди тоҷикии **бар-** дар забони англисӣ муодили худро надошта, зарфҳои миқдору дараҷа ва замони ба воситаи ин пешванд сохташуда чун сифат дар забони англисӣ истеъмол мегарданд: *барзиёд – extra.*

Пасванди -тар. Пасванди мазкур ба зарфҳои сода ҳамроҳ шуда, зарфи миқдор месозад: бисёртар, камтар, зиёдтар: «Ҳар қадар ки сарҳои ҷувориро **бисёртар** шикаста мегирифтам, ҷуворипояҳо ҳам ҳамон қадар бисёр шуда...» [193, 196]; «Ин куҳансол, ки Абдуллохоҷа ном дошт, дар вақтҳои аввал дурудгар буда, **камтар** замин ҳам доштааст» [193, 45]; «– Сайид Акбар мувофиқи номи худаш аз қадаш **зиёдтар** калон шуда рафтааст» [193, 75].

Пасванди **-е**. Дар калимасозии зарф пасванди мазкур каммаҳсул аст. Ба воситаи ин пасванд зарфҳое сохта мешаванд, ки миқдору дараҷа ифода мекунанд: чанде, қадре, қадаре ва ғ. Қадре: «Падарам як пиёла чой нӯшида **қадре** хомӯш монд, дар вақти хомӯшӣ дар чашмонаш як нури ҷасорати ифтихоромезе дурахшид ва ба модарам нигоҳ кард» [193, 118]; қадаре: «Қозӣ пеш даромад, падар ва тағоиям дар паҳлуи ӯ, аммо аз вай **қадаре** пасттар ба роҳ даромаданд» [193, 94] «– My father drank a cup of tea and was silent **for a while**, her his yey held a gleam of defiance» [194, 22]; чанде: «Аз чойхарони шинос ҳам **чанде** он ҷо ғун шудаанд» [194, 315]. Some of the familiar teapots have also been collected there. Пасванди зикршуда дар забони англисӣ муодили худро надошта, зарфҳои сохтае, ки дар забони тоҷикӣ ба воситаи ин пасванд сохта шудаанд, дар забони англисӣ дар шакли мураккаб ва таркибӣ истифода мешаванд: *қадре – for a while; чанде – somewhat, slightly; rather, in a way*.

Пасванди **-о.** Пасванди мазкур дар калимасозии зарф каммаҳсул аст. Ин пасванд, аслан, аз феълҳо зарфи миқдору дараҷа месозад: басо:

«…ба хонаи худ бармегарданд ва **басо** интизор мешавад, ки ин рухсат то қариби вақти шом дер мекашад» [193, 366]; «...they return home, and it is likely that this leave will be delayed until late in the evening» [194, 245].

Зарфҳои миқдору дараҷаи сохта дар забони англисӣ тавассути ба сифат ҳамроҳ кардани пасванди **-ly** сохта мешаванд: thoroughly, completely, badly, greatly, hardly, barely, scarcely, narrowly, mostly, enormously, largely, tremendously, keenly: In very short time he understood everything we said to him and **thoroughly** knew his duties [194, 33]; «These new clothes, especially my bright white tunic, not only pleased me **enormously** but also attracted the attention of the other boys» [194, 6]; «Because of the dryness of the soil, the crops were **mostly** wheat, barley, millet and beans» [194, 2]; These words of my father's **greatly** encouraged me [194, 31].

Зарфҳои миқдору дараҷаи мураккаб. Ин хели зарфҳо аз ҳиссаҳои зерини нутқ сохта мешаванд:

а) аз исму исм: даста-даста, танҳо-танҳо: «Удайчӣ бо шиғовул «дарихоначиён»-ро мувофиқи амалҳошон **даста-даста** карда, бо навбат ба ҳавлии саломхона медароранд» [193, 364]; Ба ҳамин тариқа, ман дар андак вақт муфрадот (**танҳо-танҳо**) навиштани ҳарфҳоро тамом карда, ба мураккабот (пайваста)-нависӣ гузаштам;

б) аз зарфу зарф: кам-кам, андак-андак: «Баъд аз таркидани мушаки якум, ришта **кам-кам** сӯхта ба мушаки дуюм расид» [193, 144]; Вайро бардоштам, дар тахтапушташ, дар шикамаш ва дар бозуяш **андак-андак** захми дандон ва чанголи шаҒол менамуд [193, 67];

в) аз шумораву шумора: як-як, ду-ду, чор-чор, панҷ-панҷ, даҳ-даҳ: «– Ҳар чи бошад, хайр шуд, ки ба мо ҳам **як-як** аспу одами палтарӣ ҳамроҳ накарданд» [193, 181]; «... муллобачагон **ду-ду**, **се-се**, **чор-чор** дар гӯшаву канорҳои саҳн нишаста бо ҳам суҳбат ва чақ-чақ доштанд» [193, 266]; «Дар вақте ки мо ба майдон расидем, сарбозҳо **панҷ-панч**, **даҳ-даҳ** дар ҳар гӯшаи майдон мехобиданд» [193, 372]; «Масалан, ба пеши як

деҳқон «**се-се**» гуфта равад, ба пеши деҳқони дигар «**панҷ-панҷ**» гӯён мерафт» [193, 339];

г) аз шумораю исмҳо, инчунин аз таркибҳои изофӣ ва пасванди **-ӣ**. зарфҳои миқдору дараҷаи мураккабе месозад, ки онҳо бештар андозаи ичрои амалро мекунанд: дунафарӣ: «...**дунафарӣ** – чор нафари дигар дутарфӣ – чор тарфаро оташ дода рӯ ба рӯйи ҳам омадан гирифтанд» [193, 145].

Зарфҳои миқдору дараҷаи мураккаби забони англисӣ чунин сохта мешаванд: ба воситаи ҷонишину ҷонишин: somewhat: Since Abdullo was older than I, and also **somewhat** more uncouth, the girls did not like him and avoided him [194,53].

Зарфҳои миқдору дараҷаи таркибӣ. Ин намуди зарфҳо ба воситаи ҳиссаҳои гуногуни нутқи зерин сохта мешаванд:

б) аз шумораву зарф: **як** қадар: «Эргаш ҳам подаи худро тӯб карда ба канори рӯд, ки **як қадар** аз регзор чуқуртар буд, фуровард» [193, 36]; Ergash also kicked his herd and landed on the bank of the river, which was **a little** deeper than the sand. як андоза: «Ҳарчанд бо гузаштани вақтҳои бисёр дар натиҷаи бисёр навиштан хатам **як андоза** дуруст шуда бошад ҳам, то ҳол ман бадхати гузаро ҳастам» [193, 130]; «Although a lot of time has passed and as a result of a lot of writing the line has been corrected to **some** extent, I still feel bad about the past. як миқдор: «...модарам ҳалвои қоқтӣ пухт, ман ба ӯ дар оташмонӣ ёрӣ додам: аввал **як миқдор** ордро дар дег бо равған бирён карда гирифт» [193, 25]; «...my mother baked halva, I helped her with the fire: first she fried some flour in a pot with oil» [194,56]; «...дасташро як ларзонда **як миқдор** равғанро ба лагани худ рехта мегирифт» [193,178]; **як дараҷа:** «Талаби ӯ ҳам **як дараҷа** даҳалона буд...»[193, 141]; «...ва ба карру фари маҳруронаи калонони он мадраса **як дараҷа** воқиф шудам» [193, 174].

Таъкидаш ба маврид аст, ки дар забони ҳозираи тоҷикӣ зарфҳои миқдору дараҷаи таркибии аз ду калимаи решагӣ ё аффиксдор ташкилёфта, ки ҷузъҳояшон ба воситаи пайвандаки пайвасткунандаи **–у** алоқаманд гардидаанд, серистеъмоланд: каму беш: «Аммо гапҳо, ҳодисаҳо ва хотираҳоеро, ки ба ман **каму беш** таъсир карда бошанд, аз ёд набаровардаам» [193, 167].

Дар забони англисӣ зарфҳои миқдору дараҷаи таркибӣ ин тавр сохта мешаванд: ба воситаи ҷонишину пайвандак: all but: «Grandfather, old and **all but** bedridden bade Father farevell with profuse prayers and thanks, and...» [194, 20].

Аз ин рӯ мо зарур мешуморем, ки таҳлили омории зарфҳои миқдору дараҷаи забонҳои муқоисашавандаро дар асоси маводи “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ дар шакли диаграмма нахуст дар алоҳидагӣ ва пасон якҷоя пешниҳод намоем.

Диаграммаи №4.



Диаграммаи №5.



Чи тавре ки маълум гардид аз лиҳози омор дар таркиби сарфии зарфи миқдору дараҷаи забонҳои муқоисашаванда тафовут ва монандӣ ҷой дорад ва дар зер аз онҳо дар шакли диаграмма ёдовар мешавем.

Диаграммаи №6.



Аз диаграммаҳои омории зикршуда метавон ба хулосае омад, ки миқдори зарфҳои миқдору дараҷаи сода дар ҳар ду забон қариб, ки

якранг буда, дар созмони зарфҳои сохтаву мураккаб ва таркибӣ тафовут мушоҳида мешавад, яъне чунин намуди зарфҳо дар забони англисӣ умуман ёфт нашуданд.

Аз масъалаҳое, ки дар боби мазкур мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтанд, метввон ба тариқи зайл натиҷагирӣ намуд:

1.Дар ҳар ду забон ҳам зарфҳои хосаи тавсифӣ ба зарфҳои тарз, монандӣ ва миқдору дараҷа чудо мешаванд.

2. Зарфҳои тарзи забонҳои муқоисашаванда тарзи воқеъ гардидани амал, чигунагии ҳолату вазъият, аломати амал, аломати аломат ва ҳолати давомияти амалро ифода мекунанд. Ин намуди зарфҳо дар муқоиса бо зарфҳои дигар дар ҳар ду забон ҳам хеле сершуморанд ва дар сохтани зарфи тарзи ҳар ду забон вандҳои калимасоз ҷойгоҳи устувор доранд, ки мо инро дар таҳлили мисолҳои зикршуда мушоҳида намудем.

3. Зарфи монандӣ дар забонҳои қиёсшаанда тарзи иҷрои амалро бо роҳи муқоиса ба аломат ва хусуситяи ашёи мушахассро ифода менамояд ва нақши унсурҳои калимасоз дар созмони зарфи монандии забонҳои тоҷикиву англисӣ бағоят калон аст, зеро ин намуди зарфҳо дар забони тоҷикӣ асосан ба воситаи ҳамроҳ намудани пасвандҳои **-вор, -она, -сон** ба исмҳои мушаххас сохта мешаванд ва рисолати пасвандро дар забони англисӣ зарфи **like** иҷро мекунад.

4. Дар ҳар ду забон ҳам зарфҳои миқдору дараҷа миқдори ашё ва дараҷаи воқеъ шудани амалу ҳолат ва дараҷаи аломатро ифода мекунад. Зарфҳои миқдору дараҷа дар заминаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ, чун исму феъл ва сифату зарф сохта мешаванд. Аз чиҳати маъно зарфи миқдор ба зарфи тарз наздик аст.

БОБИ 3.
ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ЗАРФҲОИ ҲОЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар забонҳои муқоисашаванда гурӯҳе бо номи зарфҳои ҳолие маъмуланд, ки фарогири маъниҳои замон, макон, самт ва сабабу натиҷа буда, бархе аз онҳо хусусияти мафҳумиро ифода мекунанд. Дар умум, он маъниҳое, ки ба зарфҳои ҳолии забонҳои таҳқиқшаванда мансубанд, ба тариқи зайл метавон гурӯҳбандӣ намуд:

1. замон: *ҳозир, холо – now; баъд, сипас – then; кай, кадом вақт – when; ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ вақт – whenever;*

2. макон: *дар ин ҷо - here; дар он ҷо – there; дар куҷо – where; дар ягон ҷо – whenever; дар куҷое – somewhere; ба ягон ҷо, ба ҷое – anywhere; дар ҳар ҷо – everywhere; дар ҳеҷ ҷо – nowhere;*

3. самт: *он ҷо, ба он ҷо – hence; дар он ҷо – thence; аз куҷо - whence; thither; hither; whither*.

Ба ин гурӯҳ зарфҳои пайвандакӣ низ мансубанд: *when, whenever, where, how, why* ва ғ. Зарфҳои мазкур ба сифати пайвасткунандаҳо ҳангоми сохтани ҷумлаи пайрав истифода мешаванд. Дар вазифаи пайвандакҳои тобеъкунанда зарфҳои зерин корбурд мегарданд: *when* – кай; *how* – чӣ хел; *where* – дар куҷо, ба куҷо; *why* барои чӣ. Дар вазифаи пайвандакҳои пайвасткунанда зарфҳои зерин истифода мешаванд: *yet* – дар ҳар ҳол, ба ҳар ҳол*; therefore* – бинобар ин, аз ин сабаб, аз ин ҷиҳат, чунончи, аз ин ваҷҳ*; so – пас, инак, яъне, ҳамин тавр, ба ҳамин тариқ, инак, хуллас* ва ғ.

Зарфҳои ҷонишинии *when, where, how, why* метавонанд ба сифати зарфҳои саволии *when?* – кай, *where*–кай?, *how* – чӣ хел?, *why* – барои чӣ? корбурд гарданд.

Ба гурӯҳи зарфҳои ҷонишинӣ бо маънои макон, асосан ҷонишинҳои ифодакунандаи макону самт мансубанд, ба монанди: *here* -

инҷо, ба инҷо; there – дар онҷо, ба онҷо; nowhere – ҳеҷ ҷо; somewhere – дар куҷое, дар ягон ҷо; anywhere – куҷое ки бошад, ба ягон ҷо, ба ҷое.

Бояд қайд кард, ки зарфҷонишини ***somewhere*** дар ҷумлаҳои хабарӣ ва ***anywhere*** дар ҷумлаҳои саволӣ ва инкорӣ истифода мешавад. ***Not anywhere*** баъзан бо зарфи ***nowhere*** иваз карда мешавад *I am going nowhere this evening.* –

Ҳамин тариқ, зарфҳои ҳолӣ, аслан, ба тамоми қисмҳои ҷумла мансубанд, аз ин рӯ, онҳо дар ҷумла мавқеи муайян надоранд. Дар ҳар ду забон зарфҳои ифодакунандаи замон ва фазо сершумортарин ба ҳисоб мераванд. Роҷеъ ба зарфҳои сабаб ва натиҷа ҳаминро бояд қайд намуд, ки то ҳол онҳо хусусияти мустақилияти худро дар низоми зарф ба даст наовардаанд.

Доираи истифодаи зарфҳои сабаб ва мақсад дар забони тоҷикӣ маълум аст, зеро муносибати сабаб ва мақсад ба воситаи масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол ифода меёбад. Гузашта аз ин, муносибати сабаб ва мақсад то ҳол пурра муайян карда нашудааст, зеро муносибати байни онҳо якранг ифода мегардад. Бо вуҷуди ин, онҳоро набояд ба як гурӯҳ муттаҳид намуд.

Ҳамин тариқ, зарфҳои ҳолӣ ба зарфҳои замон, макон, сабаб ва мақсад ҷудо мешаванд, яъне онҳо ҳолати берунии гузариши амалро ифода намуда, аломатҳои сифатии дохили худи ҷараёнро тавсиф намекунанд. Аз ин рӯ алоқаи онҳо бо феъл назар бо дигар зарфҳо каме наздик аст.

Зарфҳои ҳолӣ метавонанд дар байни мубтадо ва хабар, пас аз мубтадо ва феъли ёридиҳанда, байни хабар ва пуркунандаи бевосита ва дар охири ҷумла истифода шаванд. Сарфи назар аз ин, зарфҳои ҳолӣ бо ягон калима дар ҷумла алоқаи махсус надоранд ва дар умум ба ҳамаи ҷумла мутааллиқанд. Аз ин хотир зарфҳои ҳолии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо ҳам мушобеҳанд.

3.1.Зарфи замон ва хусусиятҳои луғавию маънои он

Зарфҳои замон дар ҳар ду забони муқоисашванда замони воқеъ гардидани амалро ифода намуда, ба саволҳои кай?, кай боз?, when ҷавоб мешаванд.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ зарфи замон ҳам асосан ба феълҳои тасрифӣ, масдар, сифати феълӣ ва гоҳо ба хабарҳои номӣ тобеъ мешавад: «Ман чӯбак ва нақораамро бардошта ба нияти **зудтар** қоил кардани акаҳоям ба тарафи хона давидам [193, 20]; Қарзи падарамро **ҳозир** намедодед ҳам, мешуд…» [193, 24]; «Ӯ **ҳамеша** ятимон ва хизматгорони худро муфт кор мефармудааст…» [193, 49]; «As **yesterday**, the boys got up shouting and pushing» [194, 136]; «They should be well soaked by **now** and will be fit to…» [142]; «Bibi Khalifa was **always** busy teaching» [194, 146].

Аз ҷиҳати маънои луғавӣ зарфҳои замони забонҳои муқоисашванда доимӣ ё ғайридоимӣ будани замони иҷрои амал, мушаххас ё номушаххас будани он, лаҳзагӣ будани амал ва монанди инҳоро ифода карда метавонанд. Барои мушаххасгардонии мафҳуми замонии зарф чигунагии феъл, махсусан дар кадом шакли замонӣ будани он, нақши калон мебозад. Масалан, зарфҳои **имрӯз, имшаб, имсол, рӯзона, шабона, пагоҳонӣ, шабошаб, саҳаргоҳон; today, tonight, this year, daytime, nighttime, in the morning, late night, daybreak, dawn;** ва ғ. аз ҷиҳати маънои луғавӣ ба замони мушаххас, ба ҳудуди муайяни вақт далолат кунанд ҳам, маҳз ба кадом замон нигаронида шудани онҳо аз матн вобаста ба шакли замонии феъл ва шароити мушаххасии нутқ равшан мегардад, ба монанди:

а) замони гузашта: «Ӯ **имшаб** хобида тавонист ё не, ман хабар надоштам, чунки хобам бурда буд» [193, 172]; «Зиндагонии мо дар он ҳуҷра бисёр сода буд**, пагоҳонӣ** ва **бегоҳонӣ** нони қоқи аз саҳро овардашударо бо чой мехӯрдем» [193, 173]. «Як **бегоҳӣ**, ки **ҳанӯз** шаб

торик нашуда буд, модарам ба ман як коса ширбиринҷ дод» [193, 57]; «Our guide bough two flat cookies for eigh puls nd halfs ever a **tonight»** [194,72]; «If you were to climb to the top of the hill very early **in the morning** when the sun was just rising» [194,109];

б) замони ҳозира ё ҳозира-оянда: «Дар ин деҳа як-ду нафар бойи калон ва ду-се нафар деҳқонони миёнаҳол буда, боқимондагони аҳолӣ **имрӯзро** ёбанд, **фардоро** намеёфтанд» [193,9]; «...саллохон хунҳои бастаро **шабона** он ҷо бурда мерезанд, ки сагҳои дайду хӯрда мераванд» [193, 343]; «**Today** I'm treating you to lunch. **Tomorrow** you can bring extra bread with you and give me a big piece of it» [194, 146]; «Although during the **daytime** any pilgrim or sightseer could come to the cemetery and pass close by the cave, nobody dared approach the vicinity **by night»** [194, 112].

в) замони оянда: ……аз мулоқоти аввалӣ боз **имшаб** дар торикӣ бо он моҳи тобон мулоқот мекардам [193, 434]; «Агар падарат **имшаб** ояд, ман ҳам **фардо пагоҳонӣ** аз вай рухсат гирифта ба шаҳр меравам» [193,437]; «Ман мехоҳам **имсол** ба ҳаҷ равам» [193, 141]; «...ман **шабона** бо як марди бегона дар хилват бо рӯйи кушода суҳбат менамоям» [193, 420]. «I'm not in the mood to tell stories **tonight»** [194, 28]; «**This year** I wish to make the pilgrim age to Mecca» [194, 74]; «Think about **tomorrow** if anything happens, what can we say to Ahmad's family?» [194, 120].

г) зарфҳои **дина, дирӯз, парерӯз, парершаб, порсол, перорсол, порина; yesterday, last day, last night, the day before yesterday, last year, the year before last** ва ғ. дар замони гузашта воқеъ шудан ва ё нашудани амалро ифода мекунанд. Замони воқеъшавии амал мушаххас аст. Ин зарфҳо бо феълҳои замони гузашта, алалхусус бо феълҳое, ки дар таркибашон ёридиҳандаҳои «будан», «шудан» доранд, меоянд ва аз ҷиҳати замон бо феъл ё сифати феълӣ мувофиқат мекунанд: «Ба ҷойи он деҳаи ободе, ки то **дирӯз** буд, як харобазори ваҳшатоваре пайдо шудааст» [193, 42]. «Ман ҳамин қадарро медонистам, ки **порсол** Мулло Туробро хафа карда буданд» [193, 256] «… we saw that from the fertile spot

it had been up until **yesterday** it had turned into a frightful wasteland» [194, 20]. «Qori Mahmud joined them and asked him why he had not come to the party **last night»** [194, 80].

д) зарфҳои **ҳанӯз, ҳоло, акнун, алҳол**, **ҳозир, still; so far; until now; hitherto; up to now; heretofore, now, presently** нишон медиҳанд, ки дар замони ҳозира дар ҳудуди муайяни вақт сар шудааст ё пештар оғоз ёфта бошад ҳам, ҳанӯз давом дорад. Ин зарфҳо бо шаклҳои гуногуни замонии феъл омада метавонанд: «– **Ҳанӯз** кор сар нашудааст, дар вақташ расида омадем, – гуфт Пирак…» [193, 268]; «...**ҳоло** ӯ гиря намекард, балки ба тарафи ман бо нимхандаи дандоннамое нигоҳи шармгинонае мекард» [193, 20]; «Фақат **ҳозир** дар он ҷо на ҳавз буд ва на рӯд» [193, 40]; «Аммо **ҳозир** ба чарх ҳеҷ эҳтиёҷ намонд, чунки осиё бо ҷӯяш нест шуд…» [193, 44]; «The donkey, **still** kicking up its heels alternately to left and right…» [194, 85]; «**Now** I must go, because my wife was very ill when I left» [194, 93]; «**So far** as I remember, he only chastised me twice» [194, 85].

е) зарфҳои **пагоҳ, фардо, пасфардо, бегоҳ (бегоҳӣ, пагоҳӣ); tomorrow, the day after tomorrow, evening, in the evening, in the morning** бо феълҳои замони ҳозира-оянда меоянд ва аз ҷиҳати замон бо феъл мувофиқат мекунанд: «Бой ҳар рӯз ду бӯғча моли баззозиро ба аспи худ бор карда **имрӯз** ба Кангурт, **фардо** Балҷувон, **пасфардо** ба бозори дигар бурда мефурӯшад» [193,62]; «...ғайр аз ин, **ҳар рӯз** ду бор – **пагоҳонӣ** ва **бегоҳонӣ,** пушти девонаро бараҳна карда қамчинкорӣ мекард» [193, 110]; «– Ба ман **пагоҳонӣ** як дона гули навшукуфтаи хушбӯй биёр! [193, 104]; «Мо **фардо** обро то Рӯбаҳо ва **пасфардо** то Деҳнав мебарем» [193, 96]; «**Tomorrow** we will lead the water as far as Rübaho, and **the day after** up to Dehnav» [194, 49]; «All of the regular members and the guests arrived early **in the evening** at the appointed place» [194, 80]; «If you were to climb to the top of the hill very early **in the morning** you would see a sight of indescribable beauty» [194, 109].

Таъкид кардан ба маврид аст, ки бархе зарфҳо мафҳуми яклухти замониро ифода мекунанд ва барои боз ҳам мушаххас гардонидани замони воқеъ гардидани амал пас аз онҳо, одатан, калимаҳои ифодакунандаи ҷузъ, амсоли **порсол, тобистон, фардо пагоҳӣ, перорсол моҳи октябр, дина бегоҳӣ; last year, in the summer, tomorrow morning, yesterday evening** ва ғ. оварда мешаванд: «Нимаи дигарашро **фардо пагоҳӣ** гарм карда боз ба онҳо медиҳӣ. **Фардо** шабона бояд баргардам. **Фардо** чоштгоҳонӣ шумоёнро аз хоки амир бароварда бадиёри болшевикон мерасонам» [193, 214, 273].

Гурӯҳи дигари зарфҳои забонҳои муқоисашаванда замони воқеъ шудан ва ё нашудани амалро ба тариқи умумӣ, яъне номуайян, номушаххас ифода карда, дар айни замон лаҳзагӣ ва давомнокию доимӣ будан, тахминӣ будани замони иҷрои амалро нишон медиҳанд. Чунончи:

а) умуман наздик, лаҳзагӣ будани замони амал: **зуд, даррав, дарҳол, фавран, ба қарибӣ; quickly, rapidly, swiftly, immediately, promptly, urgently** ва ғ.: «Модар хӯрҷинро дар айвончаи ошхона гузошта **зуд** ба хона даромада салла ва ҷомаи падарро гирифта…» [193, 85-86]; «Ман **даррав** устоҳои дурудгарро ғун карда аз байни онҳо...» [193, 93]; фавран: «Мо маҷбур шудем, ки оби аз ҳавз овардаамонро **зуд** кор фармуда бақияашро **фавран** ба кӯча бароварда резем…» [193, 176]; «Ман **дарҳол** аз ҷо хеста ҷомаамро пӯшида аз хона баромадам ва Хайбарро садо кардам» [193, 66]; «...since he had been a witness to the oath, the imam **quickly** came to the rich man’s rescue…» [194, 27]; «Rustam's ass **swiftly** made up the distance, and both animals disappeared from the spectators' view» [194, 78]; «...and he **immediately** laid aside his teaching and went to the site [194,46];

б) мунтазаму давомнок, доимӣ, ҳамешагӣ будани замони воқеияти амал: **ҳамеша, доимо, мудом, минбаъд, умрбод, абадан (абадӣ), кайҳо боз, дер боз, дергоҳе. always permanently, constantly, continually henceforth, henceforward, from now on**: «ШаҒол, ки **ҳамеша** дар пайи мурғ буда, фақат аз тарси Хайбар пеш омада наметавонист…» [193, 67]; «Лабонаш ҳеҷ гоҳ

аз табассум ва чашмонаш **доимо** аз нигоҳи меҳрубонона холӣ набуд» [193, 250]; «Ту **минбаъд** ба пеши Султонпошшо нарав ва ба ҳикояҳои ӯ гӯш наандоз» [193, 63]; «...чунки падарам пир шудааст ва ҳеҷ кас дар дунё **абадӣ** зинда намемонад» [193, 424]; «Because of this she **always** slept on her back with pillows under her head and more pillows under her legs» [194, 22]; «Perhaps the smoke he had been puffing **constantly** had not brought Niyoz-Güppon to the same pitch of euphoria...» [194, 116]; «...or at least until his mouth was left **permanently** crooked» [194, 111]; «... don't be afraid **from now on**, and they won't even show themselves» [194, 123].

в) зарфҳои **гоҳо, гоҳ-гоҳ, гоҳ-ногоҳ, баъзан, дам ба дам, ҳар замон, sometimes, once in a while, at times**, **every minute, once a minute, often, frequently** аз ҷиҳати моҳияту вазифа бар хилофи зарфҳои болоӣ буда, ғайридоимӣ ё номунтазам ё такрорёбанда будани замони иҷрои амалро мефаҳмонанд:.....доирадастҳо **гоҳо** бо ҳам ва **гоҳо** ҳар кадом ба танҳоӣ ғазалхонӣ мекарданд [193, 16]; «...ва **гоҳ-гоҳ** ба тарафи рӯйидарича рафта то роҳи омади шаҳолон гашт карда, тафтиш намуда меомад» [193, 66]; «...ва **баъзан** шабона ин ҷо монда нақшаро тайёр кунонида саҳарӣ мебурд» [193, 16]; «Вай **ҳар замон** рост мешуд ва ба харони дигар ҳамла кардан мехост» [193, 150]; «**Sometimes** at night, in places like cemeteries, people see flickering lights like flames» [194, 124]; «For instance, he **often** stood upright and addressed the sun...» [194, 57]; «This wretched khoja title **often** goes to peopie's heads» [194, 91];

г) агар зарфҳои **аллакай, навакак, ҳозиракак, already; by this time, by now** ба замони гузаштаи наздик ишора кунанд, калимаи **пеш, пештар, before, previously** замони гузаштаро ба тариқи умумӣ ифода мекунад. Ин зарфҳо асосан бо шаклҳои замони гузаштаи феъл меоянд: «Танҳо чашмони **навакак** бо андӯҳи бепоён гиристаистодаи худро бо остин пок карда, ба...» [193, 127]; «Кошки вай **пештар** мемурд, ки шояд падарат зинда мемонд» [193, 191]; «The teacher was **already** there, and the boys began

filing in» [194, 137]; «On his accession one Qarabek, who had **previously** served as secretary to several amlokdors…» [194, 102].

д) зарфҳои **аввал, аввало, пеш, пештар, аз як тараф, баъд, баъдтар, сонӣ, сонитар, аз тарафи дигар; initially, first, firstly, at first, at the beginning, on (the) one hand ... on the other hand, afterwards, then, later on** барои муқоисаи мафҳумҳои замонӣ ва нишон додани тартиби воқеъшавии амал (аз ҷиҳати замон) хизмат мекунанд: «Хурсандии ман **аввал** аз он ҷиҳат буд, ки сирри сохтакории ман ба пеши ӯ кушода нашуд…» [193, 217]; «Парешонии сахте дар аҳволам рӯй дод, **аз як тараф**, барои ин даъвои беасоси номаълум, ки...» [193, 314]; Мулло Бобоҷон, **баъд** аз хандидан, ба шариконаш ишора карда...» [193, 13]; «…Боз ана инаш часы, маъниаш соат, **баъд, сонӣ** хлеб, ин нон,– хонанда сукут карда монд» [193, 254]; «.. ва, **аз тарафи дигар**, аз кадом ваҷҳ будани он даъворо нафаҳмида дар ҳайрат мемондам» [193, 314]; «**At first**, the teacher protested heatedly, but my father held his ground» [194, 129]. «**After** some minutes of this melee, Khalifa grabbed his cane again, and...» [194, 130]; «Someone began pounding at the school door from the outside and **then** kicking it angrily…» [194, 130]; «My father, **on the other hand**, was rather more direct and sharp-tongued …» [194, 39].

Зарфҳои тоҷикии **аллакай, баъд, сонӣ, аввал, пештар, имрӯз, имсол** ва ғ. дар баъзе ҳолатҳо бо пасванди **-ҳо** оварда мешаванд. Ин зарфҳо, яъне **имрӯзҳо, баъдҳо** хоҳ ба феълҳои замони гузашта омада бошанду хоҳ бо феълҳои замони оянда, замонҳои номуайяну умумиро ифода мекунанд. Пасванди **-ҳо** дар калимаҳои зикршуда на вазифаи калимасозӣ дораду на шакли ҷамъ месозад, танҳо ба зарф тобиши иловагии замонӣ, яъне номуайянӣ ё умумӣ буданро илова мекунад ва духӯрагии баъзе калимаҳои «аввал, сонӣ, баъд»-ро барҳам медиҳад: «**Баъдҳо** ба ман маълум шуд, ки ин команда дар русӣ «наместе» будааст» [193, 353]; «**Сониҳо**, ду шоири ҷавон муқарриби даргоҳ шуданд» [193, 572]; «**Аввалҳо** ба ман ҳам фиребгарӣ карданд, – гуфт соҳиби хона» [193, 299].

Аммо зарфҳое, ки зикрашон рафт, дар забони англисӣ ба худ пасванд қабул намекунанд ва ин тарзи зарфшавӣ ба он хос нест.

Зарфҳои **ким-кайҳо, як вақтҳо, once, some time, formerly** дар ҳар ду забон умуман ба замони гузашта мансуб будани воқеияти амалро ифода кунанд ҳам, чи аз нигоҳи маънои луғавӣ ва чи аз мавқеи истеъмолиашон ҳудуди замонро муқаррар кардан имконпазир аст: «One day **some time** later, when my em had set fully and I had completely forgoten the accident...» [194, 86]; «**Some time** after midnight, one of the company went outside to relieve himself» [194, 113].

3.1.1. Таркиби морфологии зарфи замон

Аз лиҳози таркиби морфологиашон зарфҳои замон ба сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ҷудо мешаванд.

Зарфҳои замони сода. Ин намуди зарфҳо аз як реша иборат мебошанд: фардо, ҳанӯз, дер, пеш, доим, минбаъд, ҳамеша, акнун, ҳозир, мудом, баъд, ҳаргиз, баъзан; long, once, often, now, tomorrow, soon, ever, seldom, last, never, already ва ғ.: «Ҳар кас медонист, ки **имшаб** ҳама чизҳоро хунук мезанад ва **фардо** ғундор-ғундор сар мешавад» [193, 196]; «Ман ба хона расидам, падарам **ҳанӯз** ба кофтани сӯрохҳои чархи осиё машғул буд...» [193, 37]; «**Дер** мондани ин кор ҳам ба халқ зарар дорад, ҳам ба давлат» [193, 89]; «...он корҳо ҳам баробари рӯдковӣ **пеш** рафтанд» [93]; «Лабонаш ҳеҷ гоҳ аз табассум ва чашмонаш **доимо** аз нигоҳи меҳрубонона холӣ набуд» [193, 250]; «– Бас кунед, эшонамак, тавба кардааст, **минбаъд** аз гуфту фармони шумо намебарояд, – гуфт» [193, 77]; «Ӯ **ҳамеша** ятимон ва хизматгорони худро муфт кор мефармудааст» [193, 49]; «This wretched khoja title **often** goes to peopie's heads» [194, 91]; «Our house **now** took on the appearance of a hospital, in which I was doctor, nurse, and orderly all in one» [194, 93]; «**Tomorrow** morning, bring me a fragrant, freshly-blooming rose» [194, 54]; «I **never** really

believed it would happen» [194, 100]; «**Once** I stayed late at Ghishti bazaar and left after sundown» [194, 118].

Зарфҳои замони сохта. Зарфҳои замони сохта дар забони тоҷикӣ асосан бо ду роҳ сохта мешаванд:

1) зарфҳое замоне, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба воситаи пешвандҳои зерин сохта шудаанд:

а) ҳамроҳ шудани пешванди **но-** ба зарфи **гоҳ**: ногоҳ: «Дар он миён **ногоҳ** аз даруни як китоб як китобчаи шеър баромад» [193, 245]; «– Барои чӣ ба як **ногоҳ** шаҳр меравед?» [193, 162];

б) ҳамроҳ шудани пешванди **ба-** ба зарфи мазкур: баногоҳ: «Аз сари синаам зер карда маро ба ҷунбидан роҳ надод ва **баногоҳ** як озори ҷонгудозе дар баданам пайдо шуд» [193, 21]; «...духтари мутаваллӣ дар охирҳои тобистони гузашта **баногоҳ** девона шудааст» [193, 440];

в) ҳамроҳ шудани пешванди **дар-** ба исми **ҳол**: дарҳол: «Қурбонниёз ном тағоиям, ки як ҷавони тануманд буд, **дарҳол** ба дарахт печида боло баромад» [193, 19];

г) ҳамроҳ шудани пешванди **бар**- ба исмҳо: барвақт: «Пагоҳони барвақт модаркалонам дастархонашро бардоронда ба қозихона рафт» [193, 114]. «Early next morning my grandmother rolled her belongings in her tablecloth and went to the kadi's residence-cum-courthouse» [194, 29].

Аз мисоли овардашуда маълум гардид, ки пешванди тоҷикии **бар-** дар забони англисӣ муодили худро надошта, зарфҳои замони ба воситаи ин пешванд сохташуда чун сифат дар забони англисӣ истеъмол мегарданд: *барвақт –early.*

Яке аз он пешвандҳое, ки зарфи замон месозад, пешванди **бе-** мебошад. Пешванди мазкур бо исмҳои ифодакунандаи замон омада, зарфи замон месозад: «...ҳоло моҳи мизон надаромадааст ва ғӯзаҳои **бевақтӣ** акнун шукуфта истодаанд» [193, 359]; «Мо давон-давон ба тарафи хона равон шудем, ки рӯз хеле **бевақт** шуда буд» [193, 32].

Зарфҳои замон аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба воситаи пасвандҳои зерин сохта мешаванд:

а) ҳамроҳ шудани пасванди **-ӣ** ба исмҳои ифодакунандаи вақту замон: пагоҳӣ, бегоҳӣ, саҳарӣ: «Сайри Дарвешобод одатан ҳар ҳафта рӯзи сешанбе **пагоҳӣ** сар шуда, рӯзи чоршанбе то чоштгоҳӣ давом мекард» [193, 134]; «Як **бегоҳӣ**, ки ҳанӯз шаб торик нашуда буд, модарам ба ман як коса ширбиринҷ дод, ки ба кампир бурда диҳам» [193, 57]; «Шаб нахобида **саҳарӣ б**о падару модар хуб чиз хӯрдам» [193, 133];

б) ҳамроҳ шудани пасванди **-он** ба исмҳои ифодакунандаи замон ва зарфҳои замон: пагоҳон: «Мо **пагоҳони** сешанбе аз хона баромада Ғиждувон рафта ба хонаи устои косагар фуромадем» [193, 134]; в) ҳамроҳ шудани пасванди **-ҳо** ба зарфҳои замон: кайҳо: «...ва ғӯза бошад, пояхушк шуда **кайҳо** талаф шуда рафта буд» [193, 192].

г) ҳамроҳ шудани пасванди **-она** ба исмҳои маънои замондошта: рӯзона: «**Рӯзона** ҳам то гарм шудани ҳаво бо бачагони кӯча бозӣ карда гашта бедор мондам» [193, 133]; «**Рӯзона** тамоман дар даруни хасбеда мехобид ва шабона аз бом фуромада мурғонро посбонӣ мекард» [193, 68]. Шабона: «– Асли сайр **шабона** барпо мешавад, ҳоло мардум фақат гардиш карда хӯрок мехӯранд ва чой менӯшанд...» [193, 139]. «Бештарин қаландарон ба садақаи **рӯзона** аз мардум ба ризои онҳо ситондаашон қаноат накарда, **шабона** дар роҳҳои хилвати атрофи шаҳр одами танҳо вохӯрдаро тороҷ ҳам мекунанд» [193, 277]. «Бобоям чандин сол дар ин деҳа ва дар ҳамин меҳмонхона зиндагонӣ намуда, **шабона**, ки аз кори дурудгариаш фориғ мешудааст, Деҳқон ном писари калони соҳиби ҳавлиро хононда ӯро ҳарфшинос кардааст» [193, 12]. Аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки агар зарфҳои замони сохтаи рӯзона, шабона дар забони тоҷикӣ аз нигоҳи сохтор сохта бошанд, пас, дар забони англисӣ онҳо дар шакли сода – day, night истеъмол мегарданд, чунончи: «During the **day** he lay completely in the Hay, and at **night** he came

down from the roof and guarded the birds» [194, 24]; «The grandfather lived in this village and in the same house for several years, and on the night when he was fired from his congratulatory work, the Dehkan called the eldest son of a nobleman and called him» [194, 35].

д) ҳамроҳ шудани пасванди **-о** ба исмҳои маънои замондоштаи **доимо, гоҳо, ҳоло, аввало, ҳамоно**: доимо: «Лабонаш ҳеҷ гоҳ аз табассум ва чашмонаш **доимо** аз нигоҳи меҳрубонона холӣ набуд » [193, 250]; ҳоло: «–Ту **ҳоло** хурд, то вақти бухороров шудани ту падарам пули бисёр меёбанд ва ин харҷҳо аз ёдашон баромада меравад» [193, 26]. «–You’re **still** young! By the time you’re supposed to go to Bukhara. Father will will have foundplenty of money and he’ll have forgotten the halva» [194, 6].

Зикр кардан ба маврид аст, ки пасванди зикршуда дар забони англисӣ муодили худро надорад. Он зарфҳои сохтае, ки зикрашон рафт, дар забони англисӣ бидуни пасванд, яъне дар шакли сода истифода мегарданд, ба монанди: ҳоло – still ва ғ. Зарфҳои сохтаи забонҳои таҳқиқшаванда, ки дар асоси асари «Ёддоштҳо» ва тарҷумаи англисии он сурат мегирад, дар раванди тарҷума бархе аз зарфҳо аз назари мутарҷим дур мондааст, ки мисоли зерин тасдиқи гуфтаҳои мост. Масалан зарфи сохтаи **гоҳо**: «Дар як гӯшаи суфа як нақорачӣ, як сурнайчӣ ва ду доирадаст нишаста менавохтанд ва доирадастҳо **гоҳо** бо ҳам ва гоҳо ҳар кадом ба танҳоӣ ғазалхонӣ мекарданд» [193, 16] дар ҷумлаи гунаи англисӣ ин тавр баён ёфтааст: «At the corner of the sufa a drammer, a sunray palyer, and two tambourine players were seated playing, and tambourine players sang together and in turns» [194, 6], яъне дар гунаи англисӣ зарфи сохтаи **гоҳо** умуман тарҷума нагардида, пайвандаки **and** вазифаи зарфро иҷро намудааст, ки инро наметавон қобили қабул шуморид. Ба андешаи мо ҷумлаи тоҷикии «Дар як гӯшаи суфа як нақорачӣ, як сурнайчӣ ва ду доирадаст нишаста менавохтанд ва доирадастҳо **гоҳо** бо ҳам ва гоҳо ҳар кадом ба танҳоӣ ғазалхонӣ

мекарданд» ин тавр тарҷума мешуд беҳтар буд: At the corner of the sufa a drammer, a sunray palyer, and two tambourine players were seated playing, and tambourine players **sometimes** sang together and in turns. Матлаб ин аст, маҳз зарфи мураккаби **sometimes** ба иҷрошавии амал дар замони муайян далолат мекунад. Аз дигар тараф ба сохтори зарфи «гоҳо»-и тоҷикӣ назар кунем, он сохта буда, муодили англисии он **sometimes** ҳамеша дар шакли мураккаб корбурд мегардад.

е) Пасванди -ҳо. Пасванди номбурда дар зарф ҳам хусусияти калимасозӣ (кайҳо, ким-кайҳо, борҳо...) ва ҳам хусусияти шаклсозӣ (имрӯзҳо, баъдҳо, сонитарҳо, аввалҳо...) дорад. Агар зарфҳои кайҳо, ким-кайҳо, баъдҳо, рӯзонаҳо, шабонаҳо замони воқеъшавии амалро ифода намоянд, зарфи **«борҳо»** такрорёбии амалро нишон медиҳад. Чунончи: кайҳо: «Ин зани Абдулқуддусхоҷа ном амаки падарам буд, ки ӯ **кайҳо** мурда рафта будааст» [193, 46]. «– Tuta-posho was the widow of my father's uncle Abdulquddus, who had died **long ago»** [194, 11]; борҳо: «Дар миёни харҳо якчанд курраҳои хушрӯ ҳам буданд, ки ман **борҳо** ба он гуна курра соҳиб шуда савор шуданро орзу мекардам» [193, 62]. «...various dogs and donkeys, and among them one or two cute little donkey foals such as I had been longing to have and ride for myself» [194, 15]. Дар таркиби ду ҷумлаи тоҷикие, ки зикрашон рафт, ду зарф, яъне **кайҳо** ва **борҳо** ба воситаи пасванди **-ҳо** сохта шуда, замони воқеъшавии амалро ифода намоянд, пас дар забони англисӣ зарфҳои мазкур танҳо дар ҷумлаи якум дар шакли **long ago** бидуни ягон унсури калимасоз омадаанд ва дар ҷумлаи дуюм ба ҷойи зарфи замони **борҳо** ягон муодили англисӣ дида намешавад. Аз шарҳи мазкур метавон ба хулосае омад, ки на ҳама вақт пасванди як забон дар забони дигар муодили худро соҳиб аст ё ин ки зарфи як забон наметавонад дар забони дигар бо ҳамон маънӣ ифода ёбад.

Пасванди **-он.** Пасванди мазкур низ баъзе исмҳои мафҳуми замонӣ доштаро ба зарфи замон табдил медиҳад: баҳорон, бомдодон, саҳаргоҳон, чунончӣ: баҳорон: «**Баҳорон** буд, зардолуҳои рӯйидаричаи мо гул карда бо шукуфаҳои худ дар боғча зиннати хубе дода буданд» [193, 32]. «–It was spring. The apricot trees in our forecourt were in bloom, brightening up the whole garden» [194, 8]. Зарфи замони «баҳорон», ки дар таркиби худ пасванди зарфсози «**-он**»-ро дошта, аз исми мафҳуми замонӣ сохта шуда бошад, муодили зарфи мазкур дар забони англисӣ бидуни пасванд, яъне ҳамчун исми «spring» истеъмол мегардад. Пасванди мазкур яке аз пасвандҳои каммаҳсули зарфсози забони тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, доираи истеъмолаш низ хеле маҳдуд аст.

Пасванди **-онӣ.** Пасванди номбурда ҳам мисли пасванди **-он** баъзе исмҳои ифодакунандаи замонро ба зарфи замон табдил медиҳад: пагоҳонӣ: «Бисёр хуб, – гуфт корфармо, – лекин ҳалвое, ки **пагоҳонӣ** пухта будем, ба бозор рафт, камтар тамошо карда истетон, ҳалвои тоза тайёр мешавад, медиҳам» [193, 31]. «Fine”, the master said, “but we’ve already sent the halva we made **this morning** to the bazaar. So just watch for a while and we’ll give you some fresh halva when it’s ready» [194, 7]; бегоҳонӣ: «Зиндагонии мо дар он ҳуҷра бисёр сода буд, пагоҳонӣ ва бегоҳонӣ нони қоқи аз саҳро овардашударо бо чой меҳӯрдем» [193, 173]. «– Our life in the cell was very simple. **Mornings** and **evenings** we would eat dry bread which had been brought from the village with tea» [194, 44]. Аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки муодили пасванди тоҷикии **-онӣ** дар забони англисӣ ҷонишини ишоратии **this** ва пасванди шакли ҷамъсози **-s** ба шумор мераванд. Ҳар ду пасванд ҳам дар забонҳои зикршуда аз исм зарфи замон месозанд ва дараҷаи истеъмолашон хеле маҳдуд буда, онҳоро метавон ба қатори пасвандҳои каммаҳсул дохил намуд.

Дар забони тоҷикӣ як миқдор зарфҳои замоне мавҷуданд, ки ба воситаи ба зарф илова шудани пешванди **но-** ва пасванди **-он** сохта

шудаанд: ногаҳон: «**Ногаҳон** овози «қоқ» гуфтани як мурғро шунидам, дар паси ин овоз садои аз болои бом ба замин афтодани як чизи вазнин ҳам шунида шуд» [193, 66].

Дар забони англисӣ зарфҳои замони сохта бо чунин роҳҳо ба вуҷуд меояд: а) ба сифат ҳамроҳ кардани пасванди **-ly**: recently, lately, immediately, continually, occasionally: «**Recently**, however, the frequency of his orders had greatly increased …» [194, 58]; «…tomorrow I would have to finish my harvesting **immediately**...» [194, 95]; б) ба исм ҳамроҳ кардани пешвандҳои **to-** ва **yester-**: today, tonight: «**Today** I'm treating you to lunch» [194,154]; «Ergash is wearing a linen tunic and pants **today**, too and his father was my father's slave» [194, 6]; «’I’m not in the mood to tell stories tonight [194,6]; I could not help thinking that if frost struck **tonight**…» [194, 95]: «Go fetch the canes that I ordered to be put in the pool **yesterday»** [194, 142]; «I could see the wounds from **yesterday**'s beating on his feet» [194, 150].

Зарфҳои замони мураккаб. Ин намуди зарфҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта мешаванд:

а) аз зарфу зарф: дергоҳ, пасфардо, гоҳ-гоҳ, пеш-пеш, зуд-зуд: пасфардо**:** «Мо фардо обро то Рӯбаҳо ва **пасфардо** то Деҳнав мебарем» [193, 96]; «…ва сарашро хам карда менишаст ва **гоҳ-гоҳе** сари худро қадаре боло гирифта, оҳе мекашид...[193, 172]; «–Сарҳои пухтаи ҷувориатро **пеш-пеш** шикаста гирифта дар ҷое ғун кардан гир» [193, 195]; «Ситора **зуд-зуд** пеши ман омада аз офтобам салом мерасонд ва аз чигунагии аҳволи ман мепурсид» [193, 431]. «–Tomorrow we will lead the water as well as Rubaho, and the **day after** up to Dehnav» [194, 24]. Зарфи замони **пасфардо** агар дар забони тоҷикӣ дар шакли мураккаб бошад, муодили англисии он аз ду вожаи алоҳида, яъне аз исми **day** ва зарфи **after** иборат буда, аз лиҳози маънӣ дар ҳарду забон ҳам ифодакунандаи зарфи замон аст.

б) аз зарфу исм: порсол: «Ман ҳамин қадарро медонистам, ки **порсол** Мулло Туробро хафа карда буданд» [193, 256].

в) аз такрори зарфи макон ба воситаи садоноки пайвасткунанда ва ё миёнванди -о: пешопеш: «Зеро яке аз он бандиён, ки **пешопеш** мебурданд, Мулло Туроб буд…» [193, 368].

Бояд қайд намуд, ки дар забони тоҷикӣ зарфҳои мураккабе мавҷуданд, ки аз шакли қадимии ишораҷонишини «ин» ва исмҳо ташкил ёфтаанд. Ба ин қатор зарфҳои замони **имшаб, имрӯз, имсол** шомиланд: **имрӯз:** «Эргаш, ки падараш ғуломи падари ман будааст, **имрӯз** вай ҳам курта-лозимии суф пӯшида гаштааст» [193, 17]. «Ergash is wearing a linen tunic and pants **today**, and his father was my father's slave» [194, 3]; **имсол:** «Ман имсол ба сохти ҳуҷраҳо ва аҳволи зиндагонии берунии талабагони мадрасаи Мири Араб ва ба кару фари маҒруронаи калонони он мадраса як дараҷа воқиф шудам» [193, 196]. «**This year** I learned a little about the domestic lives of the students at the Miri Arab madeasa, and about the arrogance of the senior students and teachers» [194, 44]. Аз он се зарфи замоне, ки зикрашон рафт, танҳо як муодили онҳо дар забони англисӣ **имрӯз – today** мураккаб буда, аз пешоянд ва исм сохта шудааст. Боқимонда ду зарфи дигар **имшаб– this night** ва **имсол – this year** чун зарфи таркибӣ истеъмол мешаванд.

Дар забони англисӣ низ зарфҳои замони мураккаб аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта мешаванд: аз ҷонишину исм: sometimes: «**Sometimes** we would tie fishing lines along the edge of the water and manage to catch small fish» [194, 101]; «**Sometimes** at night, in places like cemeteries, people see flickering lights like flames» [194, 124]. «We can buy rice from the bazaar **sometimes**, so that on market nights, or if guests coroe» [194, 54]. «You ought to pick up a mattock **sometimes** from one of the laborers and do some digging, to lighten both your own load and that of the laborer» [194, 124].

Зарфҳои замони таркибӣ. Ин намуди зарфҳо чунин сохта мешаванд:

а) аз такрори исм ва пешояндҳои **ба** ва **то**: рӯз ба рӯз, рӯз то рӯз, дам ба дам: «дарахт дар як ҷо сабз мешавад» гуфтаанд ва **рӯз ба рӯз** ҳунар ва малакаашон зиёд мешавад» [193, 136]; «Ака ва укаҳоям, ба қавли мӯйсафедон, аз хавфи мурдан гузашта буданд, аммо аҳволи модарам **рӯз то рӯз** вазнинтар мешуд» [193, 192]; «Аммо аз он ҷо, ки умрам аз ҳафтод гузашта, **рӯз то рӯз** сустии аъзо зиёдтар гардида, қувваи кориам камтар шудан гирифт» [193, 5]; «...ки дар рӯзҳои гарми охири баҳор пайдо шуда бо ҳаракати худ **дам ба дам** рӯйи офтобро мепӯшонаду мекушояд» [193, 454];

б) аз ҷонишину зарф: ҳар гоҳ, он гоҳ: «**Ҳар гоҳ** ӯ ҷойи дамидагии регро медид, бо нӯги чӯбдасташ он ҷоро мекофт» [193, 35]; «Ҳарчанд ман он вақтҳо маънии шеърҳои ишиқиро намефаҳмида бошам ҳам, **ҳар гоҳ** ки ба ман ғазалҳои Ҳофизро меомӯхт, маъниҳои ишқии онҳоро шарҳ мекард» [193, 103]; «Ман **он гоҳ** ақли худро ба кор андохтам» [193, 441];

в) аз пешоянду зарф: то ҳол: «Аммо аз сари зимистон **то ҳол**, ки аз миён шаш моҳ гузаштааст...» [193, 87]. «But six months have passed since the beginning of winter» [35]; аз нав: «Хусусан **аз нав** канондани ӯ рӯди Шофиркомро, ки сабаби ободии як туман шуд...» [193, 158]. «Ҳамин қадар шунидам, ки амир чор ҳокими Шофиркомро, ки **то ҳол** дар ҳашар роҳбарӣ мекардаанд, аз мансабашон бекор карда молу мулкашонро ярғу (мусодира) намудааст» [193, 90-91]; [41]; **ба тозагӣ: «**Ҳамон рӯзҳо ба тозагӣ канда будаанд, ки ба бӯйи лойи сиёҳи пӯсидаи он чуқурӣ ва атрофи он тоқат кардан мумкин набуд…» [193, 355]. Таркиби «ба тозагӣ» вобаста ба маънои луғавиаш замони воқеъшавии амалро ифода мекунад: «Ҳамон рӯзҳо ба тозагӣ канда будаанд», «дар он рахна таҳкурсии девори похсае ба тозагӣ кашида шуда буд» [193, 234]. Дар ин маврид ба зарфҳои «**ба қарибӣ**», «**ба наздикӣ**» ҳаммаъност.

Дар забони англисӣ зарфҳои замони таркибӣ ба таври зерин сохта мешаванд:

а) ба воситаи зарфу пешоянд ва зарф: now and then: «And would **now and then** patrol the area in front of the gate to forestall any approaching jackals» [194,33]; «... you can amuse yourselves by letting off one of your firecrackers **now and then»** [194, 75];

б) аз такрори исм ва пешояндҳои **from** ва **to**: from time to time: «But **from time to time** you should invite us over for some of your shirbirinj, he finished, with a smile» [194, 145];

в) аз такрори пешояндҳо ва пайвандак: on and on: «Provided he found a willing ear, he could talk **on and on** in this vein the whole day long» [194, 79]. «When rose behind us arose another hair caising onda hianing, whin went on **and on and** all arvuesd us was buthed in ligh we looked round towand the pool» [194, 76];

г) аз ҷонишину исм: all day: «He used to sit **all day** in the mehmonkhona without saying anything to anybody and would only emerge to go to the lavatory or wash» [194, 22]; «... **all day** he slept on his straw , and at night came down to guard the chickens» [194, 34];

д) аз зарфу исм: last day, next year: «I bought this ass **last year** for two hundred tangas, and I've been training him up for this day all year» [194, 77];

е) аз ҷонишину исм: this year: «... I planted it again **this year**, not realizing that one should not plant the same crop especially vegetables two years in a row on the same land» [194, 102];

ж) аз зарфу исм: next year, last night, last year: «But he did not stay long at home, and went to another village to serve as imam and earn money for his **next year**'s studies» [194, 99]; «We just packed it in without arguing, and left it till the **next year** to get even [194, 116]; «… when Qori Mahmud joined them and asked him why he had not come to the party **last night»** [194, 80]; «I bought this

ass last year for two hundred tangas, and I've been training him up for this day all year» [194, 77].

Ҳамин тавр, таҳлили омории зарфи замони забонҳои муқоисашавандаро дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ дар шакли диаграмма нахуст дар алоҳидагӣ ва пасон якҷоя пешниҳод менамоем.

Диаграммаи №7.



Диаграммаи №8.



Маълум гардид, ки аз лиҳози омор дар таркиби сарфии зарфи замони забонҳои муқоисашаванда тафовут ва монандӣ ҷой дорад ва дар зер аз онҳо дар шакли диаграмма ёдовар мешавем.

Диаграммаи №9.



Ҳамин тавр, аз таҳлилу баррасии зарфҳои замони забонҳои муқоисашванда метавон ба хулоса омад, ки нақши унсурҳои калимасоз, яъне вандҳо дар сохтани зарфҳои замони сохтаи забони тоҷикӣ хеле калон будааст.

Аз диаграммаи овардашуда маълум гардид, ки бештари зарфҳои забонҳои таҳқиқшавандаро зарфҳои сода ва сохта ташкил дода, миқдори зарфҳои мураккаб ва таркибӣ дар ҳар ду забон ҳам, хеле маҳдуданд.

3.2. Зарфи макон ва хусусиятҳои этимологӣ ва луғавию маъноии он

Зарфи макон дар ҳар ду забон ҳам ҷой, макон, ибтидову интиҳо, сӯйи амалу ҳолат ва роҳи ҳаракатро ифода намуда, ба саволҳои ба куҷо?, дар куҷо?, where? ҷавоб мешавад: «Дар **пешгоҳи** меҳмонхона як ҷавони сафедрӯйи хурмойимӯйи тахминан 25-сола менишаст» [193, 216]; «...ва **аз он ҷо** ба тарафи шимол баргашта аз растаи Собунфурӯшҳо ва Регистон гузашта ба тарафи ғарб баргаштем» [193, 268]; «- Дуруст аст. – гӯён **аз ҷо-ҷо** ду-се садо баромад» [193, 595]; «Агар дар хона бемор намедоштам, **ин**

ҷо мехобидам» [193, 15]; «Духтар нохост ба **қафо** нигоҳ кард [193,366]; All the boys crowded **in front of** the schoolhouse» [194, 133]; «At night a noise of howling and wailing coild be heard coming **from there**, too» [194, 30].

Лозим ба ёдоварист, ки дар муқоиса бо навъҳои дигари зарф, зарфи макон дертар, асосан, дар заминаи ҳиссаҳои мустақили нутқ ташкил ёфтааст. Ҳамин тавр, зарфҳои макон дар заминаи чунин ҳиссаҳои нутқ сохта шудаанд:

а) ҷонишини ишоратию исмҳо: **ин ҷо, он ҷо, ин сӯ, он сӯ, ин тараф, он тараф; here, there, hither and thither, this side, that side** ва ғ.: «Аз меваҳо дар ин ҷо танҳо ангур бисёр буд» [193, 9]; «…аҳолии он ҷо ба талаби устои дурудгар баромадаанд» [193, 11]; «Дар **ин ҷо** дигар устоҳои чӯбдаст набуданд, ки чархҳои ресандагӣ ва шонаҳои пахтаро интизоранд» [193, 9]; «... дар **он тарафи** рӯд як ҳавлии калон аст, ки дарвозааш дар рӯбарӯйи пули рӯд аст» [193, 28]; «… if you cooked a hundred pots of rice **here** the people would stiil not be satisfied» [194, 9]; «**Here there** were no other woodworkers expect makers of spinning wheels and cotton-combs…» [194, 9]; «When the time comes I'll take you **there** myself, my father answered» [194, 11]; «**On this side**, the south bank of the canal, there was no-one in sight» [194, 16];

б) ҷонишини таъинию исм ё ҷонишини таъинию ҷонишини саволӣ ё зарфу ҷонишин: **ҳама ҷо, ҳар ҷо, ҳар кучо; everywhere, anywhere, nowwhere ва ғ.:** «– Одамони девсор **дар ҳама ҷо** ҳастанд, аммо дар деҳаи мо бисёранд» [193, 63]; «…онҳо **аз ҳар кучо** мурдориҳо ёфта мехӯранд [193,161]; «…ва дар ду деҳаи дигар – Сарваре ва Табариён – якчанд осиёи орд буданд, вале дар **ҳеҷ ҷо** чархиосиётарошӣ набуд» [193, 9]; «He walked only with great difficulty, and consequently rode **everywhere** on horse- or donkey-back» [194, 58]; «Otherwise there were no candles, lamps, or storm lanterns **anywhere** to be seen» [194, 88]; «... and in two other local villagers,

Sarvare and Tabari-yon, were several flour mills, but **nowhere** was there a mill-wheel maker» [194, 3];

в) такрори исм ё зарф: **ҷо-ҷо, ҳар ҷо-ҳар ҷо; somewhere, here and there** ва ғ. дар рошҳои заминҳои кишт **ҷо-ҷо** буда боғчаи алоҳидае надошт» [193, 9]; ва дар даруни рӯд **ҷо-ҷо** обҳои кӯлмаки яхбаста менамуд [193, 29]; дигарашро ба тарафи шимол ва шарқи боғи бедевор бурда **ҳар ҷо-ҳар ҷо** мондан гиранд [193, 40]; «Дар зери ин девор ҳар ҷо-ҳар ҷо мардум давра гирифта рост истода буданд» [193, 138]; «...I will hide **somewhere** and prepare for our escape» [194, 26].

г) паси ҳам омадани зарфҳо: ин сӯ-он сӯ, ин тараф-он тараф: «Ба дари партави мазор баромадам ва дар дами дар **ин сӯ-он сӯ** қадам зада гаштам» [193, 411];

д) зарфҳои содаи макон, асосан, дар заминаи исмҳо ба вуҷуд омадаанд, яъне бо мурури замон аз исм ба зарф гузаштаанд: **пеш, ақиб, қафо, дарун, берун, поён, боло; front, back, out, down, up**: «..Маро нагузоштанд, ки дар **беруни** суфа бо кӯдакони дигар бозӣ кунам, балки иҷозат доданд, ки дар **дохили** хона бо модарам ва занони дигар нишинам» [193, 156]; «Пас аз чанд дақиқа бародарам аз меҳмонхона **ба берун** баромад» [193, 213]; «Дар **беруни** ин девор, дар тамоми гирду атрофи теппа то поин, қабрҳои оммаи инсоният ҷамъ шуда буданд» [193, 109]; «As he clambered **up** from the streambed, however, his head was higher than his tail...» [194, 85]; «…and arm all together toward the ground, and I was forced to sit **down**...» [194, 84]; A few minutes later my brother came **out** of the guestroom [194, 106].

Зарфҳои макони мураккаб ва ё таркибии забони англисӣ дар заминаи пешоянд ва исмҳо ба вуҷуд омадаанд: «**before, in front of, inside, downwards, upwards, upside**: **Inside** the city it was dark« [194,87]; «I was not left to play **outside** on the sufa with the other children, but was allowed to sit **indoors** with my mother and the other women» [194,81]; «**Outside** this wall, all

the way round the hillside **down** to the very foot, were clustered the graves of the masses of mankind» [109]. «**Inside** and adjoining the entrance porch was a mud-brick barn, and next to it a stable» [194, 51]. «**Inside** the house were three beds made of piled-up quilts: on two of them sat Muhyiddin and Ergash, and it was obvious that the third bed was my “drumming sufa» [194,62].

Бояд тазаккур дод, ки дар забони тоҷикӣ зарфҳои макони сода, инчунин таркибҳои **ин сӯ, он сӯ, ин тараф, он тараф** дарҷаҳои қиёсӣ гирифта бо пасванди дарҷасоз ё таркиби «аз ҳама» омада қиёси масофаро ифода мекунанд: **болотар, поёнтар, қафотар, интарафтар, онсӯтар, аз ҳама болотар, аз ҳама поёнтар** ва ғ.: «…тахминан 5 метр болотар аз замин ва шакли айвон як камари айвонмонанд кофта будаанд» [193, 64]; «Тахминан то 50 қадам **поёнтар** аз тахтаварғ рӯд тайёр шуда буд ва дар поёнтар аз он ҷо кор давом мекард» [193, 95]; «Бандии сеюмро, ки **аз ҳама қафотар** мебурданд, мо шахсан намешинохтем» [193, 368]; «Худро аз ҳар вақҳ **аз ҳама болотар** мепиндошт» [193, 301].

Зарфҳои **ҷо-ҷо, ҳар ҷо-ҳар ҷо, ҳама ҷо, ҳар куҷо, пеш, қафо, боло** ва ғайра макону сӯйро умуман нишон диҳанд, дар зарфҳои **ин сӯ, он сӯ, ин тараф, он тараф,** макон ё сӯи ҳаракат ба воситаи ишоратҷонишин мушаххас шудааст. Гӯянда ба макон ё сӯи ҳаракат ишора мекунад, онро таъин менамояд: «...дар **он тарафи** рӯд як ҳавлии калон аст, ки дарвозааш дар рӯбарӯйи пули рӯд аст…» [193, 28]; «...ба як даре, ки дар **он тарафи** вай гов мебастанд, гузашта рафт» [193, 106].

3.2.1.Таркиби морфологии зарфи макон

Зарфҳои макон аз нигоҳи сохт дар ҳар ду забон ҳам ба сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ҷудо мешаванд:

Зарфҳои макони сода. Ин навъи зарфҳо танҳо аз як калима иборатанд: берун, поён, пеш, қафо, боло, поён, дур; here, there, down, up: «Ин доира ҳавлии **берун** номида шуда, аз паҳлуи собот бо як роҳрав ба

тарафи ҳавлии дарун гузашта мешуд» [193, 15]; «... аввал акаамро ва баъд аз он Эргашро аз шохҳо ҷудо карда ба **поён** овезон кард…» [193, 19]; «Дар зери он айвон, дар **пеши** девораш, ки шиками тал ҳисоб меёфт, як ғор будааст ё кофта будаанд...» [193, 64]; «Аз тарафи **болои** чоки най бо бигиз як сӯрохча кушод» [72]; «Every so often the dragon would come out at night and go **down** to the Zarafshon to drink» [194, 111]; «Indeed, it even looked like a bathhouse, with the steam and smoke curling **up** to the ceiling so as to completely obscure the beams and wattle» [194, 113]; «**There** was no moon, and black clouds covered the stars» [194, 118]; «But **here** I forgot myself and mounted your horse for a lark; forgive me this discourtesy!» [194, 123].

Зарфи макони сохта. Ин хели зарфҳо тавассути ба зарфи макон ҳамроҳ шудани пасванди **-тар** сохта мешаванд: дуртар, пештар, поёнтар, наздиктар: «... як фарсах – 8 километр **дуртар** аз маркази район ва дар тарафи шарқии он дар канори дарёи Зарафшон воқеъ аст» [193, 7]; «Вай як чизро аз замин ба даҳони худ бардошта **пештар** омадан гирифт» [193, 67]; «Тахминан то 50 қадам **поёнтар** аз тахтаварғ рӯд тайёр шуда буд ва дар поёнтар аз он ҷо кор давом мекард» [193, 95]; «... ва баъд ба дари хона **наздиктар** рафта тумшуқашро ба рӯйи остона монда ва чашмонашро ба сӯйи беморон дӯхта хобид» [193, 188].

Зарфҳои макони сохтаи забони англисӣ чунин сохта мешаванд:

а) тавассути ба исм ҳамроҳ шудани пешванди **ab-**: abroad: «... his roses trampled and strewn **abroad**, and his flowerbeds turned into pasture before his eyes« [194, 52];

б) тавассути ба сифат ҳамроҳ кардани пешванди **a-**: around: «…then, without waiting for any further orders, they wrapped thee falloq rope **around** his ankles» [194, 132].

Зарфҳои макони мураккаб. Дар забони тоҷикӣ бо роҳи такрор сохташавии зарфҳои макони мураккаб сермаҳсул аст. Такрор ҳамчун роҳи ташкилёбии зарфҳои макони мураккаб ду намуд дорад:

а) такрори бевосита. Зарфҳои макони мураккаб, ки дар натиҷаи такрори бевоситаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ (пеш аз ҳама, исму сифатҳо) сохта шудаанд, бо дефис навишта мешаванд: ҷо-ҷо: «Дар вақте ки мо ба он ҷо расидем, дар ҷӯйи осиё ҳеҷ об набуд ва дар даруни рӯд **ҷо-ҷо** обҳои кӯлмаки яхбаста менамуд» [193,29] . «When we reached that point there was no running water in the stream, only frozen patched» [194, 7];

б) такрор бо садоноки пайвасткунанда ва ё иштироки вандҳо. Зарфҳои макони мураккаб, ки бевосита бо иштироки садоноки пайвасткунанда, миёнванд ва такрори ҳиссаҳои гуногуни нутқ, масалан аз исм ва миёнванди -о: саросар: «Саргузашти **саросар** дарду алами духтари ноком … [193, 421].

Дар забони англисӣ зарфҳои макони мураккаб аз ҳиссаҳои зерини нутқ сохта мешаванд: а) аз зарфу исм: upstairs, backwards, underneath: «The **upstairs** was so bad that nobody had lived there that year and it vacant» [194, 90]; «I was close to sliding off **backwards** and, to save myself, involuntarily clutched with both hands at the donkey's mane» [194, 85]; «She was so fat that when she was sitting, her knees **underneath** her skirts looked as big as one of the mill wheels my father made» [194, 146]; б) аз пешоянду исм: forward: «Some of the older boys came **forward**, laid Khalifa face-up on the ground, bound his feet in the falloq, and lined up his soles for the beating» [194,142]; в) аз сифату зарф: everywhere: «…the sick and crazed were brought from **everywhere** around to their houses, where theyrecited prayers over them in order to care them» [194, 1].

Зарфҳои макони таркибӣ. Ин хели зарфҳо бо роҳҳои зерин сохта мешаванд:

а) аз исм, шумора, ҷонишин ва пешояндҳо:сар то сар, сар то ба по, сар то по: «Ин қитъа **сар то сар** аз шимол ба ҷануб ба растаҳо ҷудо карда шуда буд» [193, 137]; «Атрро **сар то ба** поям зада худро хушбӯй ҳам кардам, фаранҷиро ба сар гирифта чашмбандро бар рӯ кашида...» [193, 446]; «Ӯ он китобчаро ба даст гирифта **сар то по** варақ зад ва баъд аз он ба ман гардонда дода...» [193, 257];

б) аз такрори исм ва ё аз исму ҷонишин ва такрори ҳар дуи ин ҳиссаи нутқ: ҷо-ҷо, ин сӯ-он сӯ, ин ҷо, он ҷо, ҳар ҷо-ҳар ҷо, ҳама ҷо: «Ҳама ҳавлиҳои ин деҳа аз рег пур буд ва гӯшаи боми баъзе хонаҳо **ҷо-ҷо** намоён мегардид» [193, 42]; «… ба дари партави мазор баромадам ва дар дами дар **ин сӯ-он сӯ** қадам зада гаштам» [193, 411]; «Аз меваҳо дар **ин ҷо** танҳо ангур бисёр буд ва ба хубӣ дар байни регзорҳо мерасид» [193, 9]; «Дар **он ҷо** Қурбонниёз, Равшанниёз ва Ниёзҳон, ки инҳо писарони бобоям – таҒоиҳои ман буданд...» [193, 38]; «Садҳо нафар мардуми ҳашарчӣ ҳам **ҳар ҷо-ҳар ҷо** хобидаанд» [193, 87]; «Одамони девсор дар **ҳама ҷо** ҳастанд, аммо дар деҳаи мо бисёранд» [193, 63]; ин сӯ, он сӯ: «ба дари партави мазор баромадам ва дар дами дар ин сӯ-он сӯ қадам зада гаштам» [193, 411]; ин тараф: «Дар **ин тараф** – дар тарафи ҷануби рӯд касе набуд» [193, 34]; он тараф: «Ӯ рост ба роҳрави ҳавлӣ рафта аз он ҷо ба тарафи ҳавлии говбандӣ гузашт, ман ҳам аз дунболи ӯ ба **он тараф** гузаштам» [193,108]; ин ҷо: «– **Ин ҷо** ҳеҷ ҷойи тамошо нест, – гуфтам ба роҳбари худ бо оҳанги қадаре норозиёна ва хашмгинона...» [193, 138]; он ҷо: «Мо дар **он ҷо** чой фармуда, ба хӯрокхурӣ даромадем» [193, 139]. «We made tea and ate there» [78]; он ҷоро: «…бо нӯги чӯбдасташ **он ҷоро** мекофт ва аз таги пардаи тунуки рег занбӯруғҳо намудор мешуданд» [193, 35].

Аз таҳлилу баррасии таркиби сарфии зарфҳои макони забонҳои тоҷикиву англисӣ маълум гардид, ки дар ҳар ду забон ҳам зарфҳои сохта ба воситаи вандҳо сохта мешаванд, ки яке дар як забон сермаҳсулу дар

забони дигар каммаҳсул аст. Зарфҳои макони мураккаб низ аз нигоҳи сохтор дар ҳар ду забон мушобеҳи ҳамдигаранд. Дар созмони зарфҳои макони таркибии забонҳои зикршуда тафовут ба назар мерасад, яъне зарфҳои макони сода ва мураккаби англисӣ дар забони тоҷикӣ дар шакли таркибӣ истеъмол мегарданд, ки ин аз мисолҳои овардашуда маълум гардид.

Ҳамин тавр, таҳлили омории зарфи макони забонҳои муқоисашавандаро дар асоси маводи “Ёддоштҳо”-и с.Айнӣ дар шакли диаграмма нахуст дар алоҳидагӣ ва пасон якҷоя пешниҳод намоем.

Диаграммаи №10.



Диаграммаи №11.



Аз лиҳози омор дар таркиби сарфии зарфи макони забонҳои муқоисашаванда тафовут ва монандӣ ҷой дорад ва дар зер аз онҳо дар шакли диаграмма ёдовар мешавем.

Диаграммаи №12.



Ҳамин тавр аз диаграммаи овардашуда аён гардид, ки дар ҳар ду забон ҳам, зарфҳои макони сода назар ба дигар намуди зарфҳо сермаҳсул мебошанд. Дар зарфҳои макони ҳар ду забон ҳам, умумияти маъноӣ ва луғавӣ мушоҳида мешавад.

3.3. Зарфҳои сабаб, мақсад ва хусусиятҳои луғавию маъноии онҳо

Зарфҳои сабаб сабаби воқеъ шудан ё нашудани амалро ифода мекунанд ва ба саволҳои чаро?, аз чӣ сабаб?, why? ҷавоб мешаванд: **ноилоҷ (аз ноилоҷӣ), ночор (аз ночорӣ), чор-ночор, хоҳ-нохоҳ, саҳван, маҷбуран, тасодуфан; inevitably, necessarily, forcedly, erroneously, mistakenly, wrongly, by force, forcibly**: «Ҳомидхуҷа **ночор** худро маълум кард [229]; Деҳқонон ҳам **хоҳ-нохоҳ** қабул карданд» [193, 373]; «**Ночор** сабр кардам, то фурсати интиқомгирӣ расад» [193, 51]; «Being a poet is not always **necessarily** a virtue» [194, 83].

Зарфҳои мақсад дар ҳар ду забон ҳам мақсади воқеъ шудан ва ё нашудани амалро мефаҳмонанд ва ба саволҳои барои чӣ?, ба кадом мақсад? ҷавоб мешаванд. Зарфҳои мақсад ҳамагӣ аз ду ва ё калима иборатанд, чунки мақсади воқеъ шудани амал дар забонҳои муқоисашаванда бештар ба воситаи таркибҳои пешояндӣ, яъне **барои табобат, барои илм омӯхтан, барои аз худ кардан, барои хондан; for treatment, for study, for learning, for reading** ва ғ. ифода карда мешавад: «Агар Иброҳим пайғамбар **барои ризои** Худо писарашро қурбон карда бошад, ту **барои танбалиат** падаратро қурбон кардӣ» [193, 21]; «The prophet Ibrohim would have sacrificed his son **to God**, and you have sacrificed your father **to your laziness»** [194, **22]; «**Сайид Умархоҷаро **барои таъмири** масҷид ба деҳаи Маҳаллаи Боло бурдаанд» [193, 4]; «Sayid-umar Khoja, **to repair** it and he was brought to Mahallai Bolo» [194, 3]; «...дар ягон деҳа имом шавад ва **барои таҳсили** соли ояндааш харҷӣ ёбад» [193, 96]; «... and went to another village to serve as imam and earn money **for his next year's studies» [**194, 98].

Ба зарфи мақсад дар ҳар ду забон калимаҳои зеринро метавон дохил намуд: **қасдан, барқасд, таъкидан, кунҷоковона, deliberately, intentionally, wilfully, insistently, hard, emphatically, persistently, curiously**. Зарфҳои зикршуда бо мақсади кунҷковӣ карда чизеро фаҳмидан ва аз мақсади кассе огоҳ шудан истифода мешавад: «...ва корҳои падараш фармударо, ки ба кандакорӣ оид буданд, **қасдан** вайрон мекард» [193, 75]; «and **deliberately** seek out those places the old women said were inhabited by jinn» [194,123].

Бояд қайд намуд, ки зарфҳои **бесабаб, беҳуда «баҳудаю беҳуда», беҷо, бедарак, беихтиёр, саланг-саланг; without cause / motive, for no reason, in vain, for nothing, vainly, to no purpose / avail, inappropriately, unsuitably, out of place, involuntarily, unwittingly, automatically** ва ғ. низ ба ягон сабаб ё мақсади муайян воқеъ гардидани амал, ё баръакс, бе ҳеҷ сабаб

ғайриихтиёрӣ воқеъ шудани онро мефаҳмонанд ва ба гурӯҳи зарфҳои сабабу мақсад дохил мешаванд. Ба мақсад ё сабаб далолат кардани онҳо ба мавқеи истеъмолиашон ва ба тасдиқӣ ё инкорӣ будани феъл вобаста буда, дар матн, вобаста ба шароити мушаххаси нутқ равшану возеҳ мегардад: «Боракалло!– гуфт падарам,– **бесабаб** «сарфаи сари оташдон – савдогари Ҳиндустон» нагуфта будаанд» [193, 11]; «Ҳама ба ҳаракати ин ҷавон механдиданд ва «**беҳуда** дусад тангаро аз даст медиҳад» мегуфтанд [193,150]; Рӯйи ӯ аз аввалӣ ҳам сурхтар ва чашмонаш **беҷо** буд» [193, 404]; «**Бесабаб** нест, ки дар китобҳо гуфтаанд: «илм дар дасти одами бад шамшери буррандаест дар дасти одами маст …» [193, 57]; «Шумо пурсуков карда **беҳуда** худро азоб надиҳетон» [193, 343]; «**Not without reason** has it been writen thar knowledge in the hands of an evil man is a sharp swond in the hands of a drunkard» [194, 63]; «Khalifa cried out **involuntarily**, “Not so hard, or you'll kill the quail!» [194, 142];

Зарфҳои **бедарак, беҳуда, бесабаб, беҷо; without cause / motive, for no reason, inappropriately, unsuitably** моҳиятан ба ҳамдигар хеле наздик буда, ҳамчун калимаҳои муродифӣ дар баъзе мавридҳо ҷои ҳамдигарро иваз карда метавонанд.

3.3.1. Таркиби морфологии зарфҳои сабабу мақсад

Дар ҳар ду забони муқоисашванда ҳам зарфҳои сабабу мақсадро аз нигоҳи сохтор метавон ба содаву сохта ва мураккабу таркибӣ гурӯҳбандӣ намуд.

Зарфҳои сабабу мақсади сохта. Ин намуди зарфҳо дар забонҳои муқоисашванда ба воситаи вандҳои зерин сохта мешаванд:

Пешванди но-. Пешванди но- бо исм ва асосҳои феъл омада, аз исмҳои ҳақ, чора ва илоҷ зарфи сабаб сохтааст. Аз исми чора садоноки **а** ихтисор шудааст: ночор: «**Ночор** ӯ харашро бо шарт фурӯхтан хост» [193, 150]. «Аммо дидам, ки падар ва модарам пир шудаанд ва баъд аз ин бе

ёрии ман зиндагониашон душвор аст, ночор ин корро қабул кардам» [193, 13] . «But I realized that my parents had grown old and couldn't manage easily without my help, so I had to comply» [194, 2]. Дар гунаи англисии ҷумлаи мазкур зарфи сохтаи ночор, ки дар такриби худ пешванди **но-** дорад, ба забони англисӣ чун **so** тарҷума гардидааст, яъне пешванди тоҷикӣ дар забони англисӣ муодили худро надорад.

Пешванди бе-. Пешванди мазкур бо исмҳо омада, зарфи сабаб месозад: беилоҷ: «Инсон, вақте ки дар як душвории беилоҷ монда аз ҳар тараф ба худ тасаллӣ меҷӯяд...» [193, 198]; беихтиёр: «Ман ба чиллахона омада даромадани ӯро мунтазир нашуда **беихтиёр** ба дари ҳуҷра давидам...» [193, 410]; беихтиёр: «Ман ба чиллахона омада даромадани ӯро мунтазир нашуда **беихтиёр** ба дари ҳуҷра давидам...» [193, 410]; «Рӯйи ӯ аз аввал ҳам сурхтар ва чашмонаш **беҷо** буд...» [193, 404].

Аз ин рӯ таркиби зарф аз реша ва ду ё зиёда вандҳо иборат мебошад, ки дар он яке аз вандҳо барои сохтани сифат ё исм хизмат кунад, дигараш вазифаи зарфсозӣ дорад, чунончи, дар калимаҳои **бебокона, бераҳмона, бепарвоёна** пешванди «бе» аз исмҳои **бок, раҳм, парво** сифат месозад ва пасванди мазкур аз сифатҳои **бебок, бераҳм, бепарво** зарфи тарзи амал сохтааст, масалан: бебок: «Сабаби ҳақиқии андӯҳу алам ва гиряю ғами ман бахти сиёҳи ман аст, ки маро ба ҳамин дараҷа **бебок** ва беибо кардааст...» [193, 420]; бераҳм: «Ин қаландарони худобехабари **бераҳм** на танҳо фарзандони одамонро хароб мекунанд, балки ҳайвонҳоро ҳам аз кор мебароранд» [193, 277].

Чӣ тавре аз мавқеи пешванди «бе-»-и тоҷикӣ ва муодили англисии он «im-; un-; in» маълум гардид, танҳо ду намуди зарфҳо ба воситаи пешвандҳои зикршуда сохта мешудаанд, ки яке зарфҳои тарзи амал ва дигаре зарфҳои сабабу мақсад ба шумор мераванд. Илова бар ин, муодили пешванди мазкур дар забони англисӣ дар се шакл: "im-; un-; in" истимоъ мегардад, ки ҳар се ҳам дар калимасозии зарф сермаҳсул буда,

асосан аз исму сифат зарфҳои гуногун месозанд. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи пасванди номбурдаи тоҷикӣ аз англисӣ дар он аст, ки дар баъзе ҳолатҳо муодили англисии дар шакли ҳиссачаи инкории not ва пешоянди мураккаби without меояд, ки ин ҳолатро мо дар ҷумлаи англисии «**Not without reason** has it been written that knowledge in the hands of an evil man is sharp sword in the hand of drunkard» мушоҳида намудем, ки зарфи сохтаи бесабаб дар забони англисӣ чун **Not without reason** тарҷума шудааст. Агар ба асли баромади худи вожаи «without»-и англисӣ нигарем, он низ дар гузашта зарфи макон буда, дар ҳоли ҳозир маънии зарфии худро аз даст додааст. Хусусияти дигари пешванди **бе-** сохтани зарфҳое ба шумор меравад, ки мафҳуми инкорро соҳибанд ва ин ҳолат дар муодили англисии он - «im-; un-; in» низ дида мешавад: *бесабаб, бехато бегап, беҳаракат; unconstrainedly, immovable, involuntarily*.

Пешванди **бар-**. Пешванди мазкур асосан аз исму сифатҳо зарфҳои мақсад месозад: барқасд..

Пасванди –ан. Пасванди мазкур ба исм ҳамроҳ гардида, зарфи сабабу мақсад месозад: қасдан: «…ва корҳои падараш фармударо, ки ба кандакорӣ оид буданд, **қасдан** вайрон мекард» [193, 75].

Ҳамин тавр, таҳлили омории зарфи сабабу мақсади забонҳои муқоисашавандаро дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ дар шакли диаграмма нахуст дар алоҳидагӣ ва пасон якҷоя пешниҳод менамоем.

Диаграммаи №13.



Диаграммаи №14.



Аз лиҳози омор дар таркиби сарфии зарфи сабабу мақсади забонҳои муқоисашаванда тафовут ва монандӣ ҷой дорад ва дар зер аз онҳо дар шакли диаграмма ёдовар мешавем.

Диаграммаи №15.



Аз таҳлили омории зарфҳои сабабу мақсади забонҳои муқоисашаванда маълум гардид, ки ин намуди зарфҳо дар ҳар ду забон ҳам маънои луғавию грамматикии якранг дошта, дар таркиби морфологии онҳо каме тафовут ба назар мерасад. Ин ҳам бошад сермаҳсуливу каммаҳсули унсурҳои зарфсоз аст, зеро дар раванди таҳлил мо танҳо ду пешванд ва ду пасванди тоҷикие пайдо намудем, ки ба воситаи онҳо зарфи сабабу мақсад сохта шудааст. На ҳама зарфҳои сабабу мақсади забони англисӣ ба воситаи вандҳо сохта мешванд, балки зарфҳое мавҷуданд, ки тавассути ҳиссачаи инкорӣ ва исм низ сохта шудааст: **not without**

3.4. Вазифаҳои наҳвии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

Маъно ва вазифаи наҳвии зарф, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки он тавсифи объективонаи амал, ҳолат ва аломатро ифода ва ё ба ҳол ишора мекунад, ки дар натиҷаи он амал ба анҷом мерасад ва ба яке аз аъзои ҷумла мансуб мегардад.

Бояд қайд кард, ки зарф дар ҷумлаҳои ҳар ду забон ҳам нақши аъзои пайрави ҷумла – ҳолро мебозад: «Ман бевақт хобида бошам ҳам, пагоҳ

барвақт бо торикии рӯз аз хоб хестам» [193, 264]; «…. We moved to Soktare early, even before the mulberries began to fruit» [194, 23].

Таъкидаш бачост, ки зарфҳо бо дигар ҳиссаҳои нутқ ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ пайваст мешаванд. Дар вазифаи ҳол зарф ба ҳиссаҳои зерини нутқ алоқаи ҳамроҳӣ дорад:

1) ба феълҳо ҳамроҳ шуда онҳоро шарҳу эзоҳ медиҳад: «Ба дари хона наздиктар рафта тумшуқашро ба рӯйи остона монда ва чашмонашро ба сӯйи беморон дӯхта хобид» [193, 188]; «Ahmad and the others whirled round and set off at a run in the direction of the cry» [194, 125];

2) ба сифатҳо ва сифатҳои феълӣ: «Лабонаш ҳеч гоҳ аз табассум ва чашмонаш доимо аз нигоҳи меҳрубонона холӣ набуд» [193, 250]; «I always think fondly of that illiterate, eighty yaers-old woman as my first composition teacher» [194, 28].

3) ба зарфҳо: «...аммо бари онҳо бағоят кӯтоҳ буда, ба одам қад намедод [193, 174]; «But I was too young to know how to express this properly» [194, 67].

Дар забони тоҷикӣ ҳолати корбурди зарфҳо ба ҷойи исмҳо, яъне исмшавии зарфҳо ба назар мерасад. Дар ин ҳолат зарф дар ҷумла ба сифати мубтадо ва пуркунанда баромад мекунад: «Шаб ба ҷойи хоб китоб бинад ва рӯз аз пагоҳ то бегоҳ ғавғо орад ва ғулғула бишнавад ва сайри беруну дарун натавонад» [193, 236]; «Tomorrow morning, bring me a fragrant, freshly-blooming rose» [194, 54].

Сифатҳо ва таркибҳои исмии пешояндӣ дар вазифаи ҳол васеъ истифода мегарданд. Дар ин ҳолат вазифаи ҳоли маконро калимаҳои ифодакунандаи макон, ҷой бо пешояндҳои ба ва дар ва ё бидуни онҳо иҷро мекунанд: «...шумо дар хона набудед, бо вуҷуди ин, беномусӣ карда даромадем» [193, 333]; «I could read things I had read in school, and…» [194,61]; калимаҳое, ки замон, муддат, марҳилаи кӯтоҳро ифода мекунанд, вазифаи ҳоли замонро иҷро мекунанд: «Баҳор омад, давчаҳо аз гул

баромаданд, навдаҳои тутҳои балхӣ ғӯра бастанд» [193, 85]; «ба сабаби зардолуро аз ҳад зиёд хӯрдан ҳамон шаб бемор шудам» [193, 131]; «With these expenses taken care of, next spring I bought a nursing ewe and her lamb» [194, 98]; «The noise of this dragon's breathing could be heard at night and sometimes during the day by anyone who cared to listen» [194, 111]; вазифаи ҳоли тарзи амалро инҳо иҷро мекунанд: 1. Сифатҳои аслӣ (качественные прилагательные): «Худо раҳмат кунад, ӯ одами хуб буд» [193, 159]; «I've gone all this way on foot to do a good deed, and…» [194, 138]; 2. Исмҳои маънӣ бо пешояндҳои бо, ба: ба зудӣ: «...чунки ба зудӣ ялагар шуда мардум чорпоҳошонро дар ёбон озодона яла карда сар медиҳанд» [193, 196]; «Аммо як худам ба танҳоӣ ин қадар чизро чӣ гуна ба зудӣ меғундорам?» [193, 196]. Дар забони англисӣ исмҳои маънӣ бидуни пешояндҳо вазифаи ҳоли тарзи амалро иҷро мекунанд: «The boys quickly stuck their hands inside Khalifa's tunic and took out his quail» [194, 143]; «...the imam quickly came to the rich man’s rescue, asking the orphan» [194, 27].

Маврид ба таъкид аст, ки бархе аз зарфҳои тоҷикии ба воситаи пасванди -она сохташуда (шабона, оромона, хурсандона, рӯзона ва ғ.) дар вазифаи ҳол истифода мегарданд: «Аммо аҳволи шабона ва махфиёнаи онҳо боз ҳам нафратангезтар аст» [193, 277]; «... ва аз лаби ҷӯ ба ҳеҷ ҷойи вай даст нарасонда оҳиста ва оромона савор шуда гирифтам [193, 164]; «Дар шароити онвақтаи Бухоро ҳар дуи мо дар он ҷо хурсандона хобу хез мекардем» [193, 239]. «Инҳо дар ин ҷо рӯзона дар пеши мардум «боодобона» масти бангиёна карда нишастаанд» [193, 277].

Дар муқоиса бо забони англисӣ дар забони тоҷикӣ зарфҳо ба туфайли вазифаҳои наҳвии худ қобилияти ба ҳиссаи ҷудогонаи нутқ мустақил шуданро доранд, яъне аломати тағйирнопазирии сарфии онҳо ҳангоми мавҷуд будани хусусияти мазкур дар дигар ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ ба маънои он таъсире намегузорад. Тафовути зарф аз

ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, пеш аз ҳама, дар сермаъноии он зоҳир мешавад.

Аломатҳои асосии зарфҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ин мансубият ва умумияти онҳо ба ҳамаи ҳиссаҳои мустақилмаъноии нутқ ба шумор меравад:

а) бо исмҳо: бодиққат: «Ман ба гуфтугузори падару модар бодиққат гӯш медодам ва гумон доштам» [193, 25];

б) бо сифатҳо: ростнокӣ, тез-тез, дилпурона; confidently, rapidly, straight: «Ба ман нигоҳ карда илова намуд: – рав, самоворатро тез-тез ҷӯшондан гир! » [193, 218]; «His arms moved so fast, I had never seen anything like it» [194, 40]; «in a fine hand, and trotted off confidently to the guest-room» [5, 106]; «I went straight to my playing sufa, but grandfather came over and told me…» [194, 8];

в) бо шумораҳо: дубора, сенафарӣ, якчанд; iteratively, several: «...токҳоеро, ки баъд аз кушодан дубора дар зери рег монда буданд, дубора мекушоданд» [193, 40]; «Аз ҳар ду тараф сенафарӣ – шаш нафар шаш тарфро оташ дода ба майдон даромаданд» [193, 145]; «Дар як гардишгоҳ якчанд ҳавлӣ бошад ҳам, дарвозаи ҳавлии мо рост ба тангкӯча нигоҳ карда меистод» [193, 44]; «A confusion of voices followed, the door burst open and several people emerged» [194, 75];

г) бо ҷонишинҳо: ҳаматарафа, ягон-ягон; comprehensively, thoroughly, closely, in detail, from time to time, occasionally, on rare occasions, rarely: «Роҳбари мо моро ба ҳар кадоми он давраҳо бурда ягон-ягон нишон дод» [193, 138]; «Ман мурғонро ягон-ягон кушта намак мезадам ва...» [11, 92]; «Ever since that incident, I had been thoroughly scared of kharmurding, and...» [194, 140]; «One was the numerical system called abjad which, as I described in detail in Maksabi kühna...» [194, 61-62]; «But from time to time you should invite us over for some of your shir-birinj» [194, 145];

д) бо феълҳо: торафт, умрбод, рафта-рафта; steadily, forever, for good, gradually, little by little, by degrees, bit by bit: «Шамол торафт шиддат мекард ва рӯйи ҳаво аз ғубор тиратар мешуд» [193, 36]; «...ба осмон нигоҳ карда дароз шуда рафтан мегирад, ба ҳадде ки рафта-рафта сараш ба осмон мерасад…» [193, 60]; «Put your mouth near the edge of the jug and blow steadily» [194, 32]; «Likewise if poetry is used for good ends it is good, but if it...» [194, 83]; «... and gradually advance until it had smothered all the newly-budding vine shoots in its soft embrace…» [194, 19]; «A performance generally starts simply, in the lower register, gradually reaches» [194, 167].

Таъкид кардан ба маврид аст, ки дар забони англисӣ зарф ба феъл мансуб буда, нишон медиҳад, ки амал чӣ гуна, дар кучо ва кай ичро мегардад: «Here there were no other woodworkers expect makers of spinning wheels and cotton-combs…» [194, 3]; «The following morning, a Sunday, I helped my mother make hard halva» [194, 11]; «My grandfather was still there, and encouraged me …» [194, 8].

Зарфҳои забони англисӣ амсоли забони тоҷикӣ метавонанд ба сифат ва ё дигар зарф мансуб бошанд: «Ibrohim Khoja's procedure for curing lunatics, like that of all the other healers, was quite simple» [194, 57]; «I found saying these words quite pleasant» [194, 151].

Зарфҳое, ки ба феъл мансубанд, метавонанд, маънои онро дар алоқаҳои гуногун муайян намоянд ва дар ин ҳолат зарфҳо бештар бо феълҳо алоқаи зич дошта, амалро аз лиҳози хусусиятҳои намудии он: «...and weddings and circumcisions usually take place in the winter» [194, 10]; «Sometimes he would take the pillows from under her head and legs and run off with them, leaving the old woman in considerable pain» [194, 29] ва ё аз лиҳози хусусияти сифатии он: «I begged my father to teach me as quickly as possible, and he consented» [194, 148]; «and as I was listening carefully to the conversation I thought that he was fast asleep» [194, 11] тавсиф мекунанд.

Зарфҳои замон ва макон низ бештар бо феълҳо алоқаи зич доранд: «I'll show you what causes that tomorrow» [194, 32]; «...he was famous even during his lifetime as far away as India and Central Asia» [194, 162].

Зарфҳо ҳангоми бо категорияи ҳолат омадан хусусияти сифату ҳолат ва дараҷаи онро ифода мекунанд: «His arms moved so fast, I had never seen anything like it» [194, 40]; «On the fortieth day of his illness he broke into a sweat and became wide awake» [5, 89] ва ё замон «he decided to take her to be cared for at her family's home both her parents are alive and.....»-ро ифода мекунад.

Зарф ҳангоми бо зарф омадан, одатан, ба дарҷанокӣ ишорат мекунад: «Look at your little brother, who is eight years younger than you, happily playing his drum» [194, 7].

Зарф ҳангоми бо сифат омадан бештари аломати камиву зиёдӣ ва хурдиву калониро ифода мекунад: «We were very happy to see him recovered» [194, 89]; «I found these lessons more interesting than simply learning the names of the letters» [194, 143].

Бо вуҷуди ин, агар дар ҳолате, ки сифат пеш аз зарф омада бошад, он аломати сифативу тавсифиро ифода мекунад: «I felt doubly happy because I was wearing such fine new clothes as I had never worn before» [194, 6].

Зарфҳое, ки бо қолабҳои намуди муқоисавидошта: as quickly as, not as/so quickly as; several times as quickly as, more quickly than, quickest of ки дар забони англисӣ маъмуланд, истифода мегарданд: «… I begged my father to teach me as quickly as possible, and he consented» [194, 148]; «gossipy, haughty, and thinking herself better than her parents, and…» [194, 53].

Як нукта ба ёдоварист, ки дар забоншиносии англис назаре роҷеъ ба корбурди зарф дар ду вазифа, яъне ҳол ва муайянкунанда мавҷуд аст: «Outside the guestroom was an open fire in an alcove» [194, 113] (ҳоли

макон); «The mullah quickly got up and closed the door, trapping the pigeon» [194, 28] (ҳоли тарзи амал); «My father once went on a journey to the shrine at Nurato» [194, 123] (муайянкунанда).

Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои зикршуда аён гардид, ки танҳо зарфҳои макон ва замон қобилияти ба сифати аломати сифат баромад карданро соҳибанд, яъне онҳо ҷойи муайянкунандаро дар ҷумла мегиранд. Илова бар ин, аз лиҳози наҳвӣ зарф наметавонад исмро муайян кунад. Аз ин рӯ калимаҳое, ки қаблан зикрашон рафт, дар ин вазифаҳо баъзан на чун зарф, балки сифатҳои ба зарф мубаддалшуда ё таҳвилёфта пазируфта мешаванд.

Аз таҳлилу баррасии нуктаҳое, ки дар боби мазкур зикрашон рафт, метавон чунин хулосагирӣ намуд:

1. Дар ҳар ду забон ҳам зарфҳои ҳолӣ ба зарфҳои замон, макон ва сабабу мақсад ҷудо мешаванд.

2. Зарфҳои замон дар забонҳои муқоисашванда вақту замони воқеъ шудани амалу ҳолатро мушаххас нишон медиҳад ва зарфи замон дар ҳар ду забон ҳам маҳдуд буда, онҳоро метавон бештар дар забони зинда мушоҳида намуд.

4. Зарфҳои макон дар ҳар ду забон ҳам макони баргузории амалу ҳолатро ифода намуда, аксарияти ин намуди зарфҳо ба исм мансубанд. Аксарияти зарфҳои макони забони тоҷикӣ аз нигоҳи сохт таркибианд, яъне аз такрори исм сохта шудаанд, аммо зарфҳои макони англисӣ бештар сода ва мураккабанд.

5. Зарфҳои сабабу мақсади ба вуҷуд омадан ё наомадан ва мақсади содир шудан ё нашудани амалу ҳолатро ифода мекунанд.

6. Аз ҷиҳати сохтор зарфҳои ҳолии ҳар ду забон ҳам ба содаву сохта ва мураккабу таркибӣ ҷудо мешаванд.

ХУЛОСА
НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Пас аз таҳқиқу таҳлили зарфҳои ду забони гуногунсохтору гуногунизом метавон ба хулосае омад, ки категорияи грамматикии зарф ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ ба сифати ҳиссаи нутқ дар таркиби ҳиссаҳои мустақил ё маънодор истимоъ мегардад.

1.Вижагиҳои асосии дастурии зарфҳо, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки, нахуст, онҳо вожагони тағйирнаёбандаву мустақилмаъно буда, аломати амал ва аломати аломатро ифода намуда, баъдан феълро, ки ибораҳои атрибутивӣ месозанд, муайян мекунанд ва ниҳоят низоми мураккаби алоқаи калимасозиро бо ҳиссаҳои мустақили нутқ соҳибанд.

2. Зарф дар ҷумлаҳои ҳар ду забон ба сифати ҳол омада бо феъл, исм, сифат ва дигар зарфҳо пайваст мешавад: «Ман **оҳиста** аз мазор баромада пеши Ҳомидхоҷа омадам» [С.Айнӣ, Ёддоштҳо. С.67]. «If you were to climb to the top of the hill very **early in the morning** when the sun was just rising, or late one **afternoon** as it was setting, you would see a sight of indescribable beauty» [С.Айнӣ, Ёддоштҳо. С.79].

3. Дар ҳар ду забон зарф яке аз категорияҳои на он қадар устувор дар низоми ҳиссаҳои нутқ ба шумор меравад. Ин омил аз он шаҳодат медиҳад, ки зарф бо як қатор ҳиссаҳои нутқ, амсоли исм, сифат, ҷонишин, шумора, феъл ва ғ. алоқаи наздик дорад, яъне дар заминаи онҳо ба вуҷуд омада, то имрӯз рушд ёфта истодааст. Ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ як миқдор калимаҳое мавҷуданд, ки ҳам исм, сифат ва зарф буда, ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб донистани он душворӣ ба пеш меорад ва хусусияти зарфии онҳо, пеш аз ҳама, дар матн зоҳир мешавад.

4. Яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳар ду забон ин зарфшавии исмҳое, ки қисмҳои шабонарӯзро ифода мекунанд, яъне аз исм ба зарф гузаштани чунин исмҳо ба шумор меравад ва онҳо хусусияти сифатии худро аз даст дода, феълро муайян мекунанд.

5. Дар доираи зарфсозии забони тоҷикӣ гурӯҳҳои сарфии зерин мавҷуданд: зарфҳое, ки аз исм, сифат, шумора, ҷонишин ва феъл сохта шудаанд.

6. Гузариш аз дигар ҳиссаҳои нутқ ба зарф тавассути зарфшавӣ, усули вандафзоӣ (пасвандӣ), калимабандӣ ва такроршавии як асос ва ё асосҳои гуногун сурат мегирад [15-М].

7. Дар забони англисӣ зарф ба воситаи зарфшавӣ ва тавассути пасванди **-ly, -e,** сохта мешавад [15-М].

8. Дар забони тоҷикӣ доираи иштироки ҳиссаҳои нутқ ва роҳҳои грамматикии сохтани зарфҳо назар ба забони англисӣ фаррохтар аст [3-М].

9. Аз нигоҳи сохтор зарфҳо дар ҳарду забон ҳам ба сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ҷудо мешаванд. Ба зарфҳои содаи ин забонҳо зарфҳое мансубанд, ки аз як реша ё асос иборатанд: *зуд, фардо, дина, берун, поён, дарун, бисёр, кам, неш, қафо; after, here, well, now, soon, there, so, near, long, why, hard, enough.* Ба зарфҳои сохта зарфҳое марбутанд, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба воситаи вандҳои калимасоз сохта мешаванд: *бародарвор, фарзандвор, тутивор, беихтиёр, базӯр, оромона, пуштнокӣ, рӯйнокӣ, дарунакӣ, барзиёд, пагоҳӣ, бегоҳӣ; occasionally, lately, immediately, constantly, purely, slowly, charmingly, busily*, *easily*, *badly, quickly, weekly, hourly, partly, implorin*. Ба зарфҳои мураккаб зарфҳое шомиланд, ки аз ду ҳиссаи гуногуни нутқ сохта шудаанд: *дузону, чорзону, дергоҳ, пасфардо; sometimes, somewhere, everywhere, downstairs, inside, outside*. Зарфҳои таркибӣ зарфҳое мебошанд, ки аз такрори исм ва пешоянд (дар ба дар, даст ба даст), аз такрори ҷонишини нафсӣ (худ ба худ), аз такрори шумораҳо ва пешоянд (як ба як, ду ба ду, чор ба чор), аз исм, шумора, ҷонишин ва пешояндҳо (сар то сар, сар то ба по, сар то по), аз такори исму ҷонишин ва аз такрори ҳарду ин ҳиссаи нутқ (ҷо-ҷо, ин ҷо, ин сӯ-он сӯ, он ҷо, дар ҳар ҷо, ҳар ҷо-ҳар-ҷо, ҳама ҷо), аз такрори исм

ва пешоянди ба (рӯз ба рӯз, соат ба соат, дам ба дам) сохта мешаванд. Зарфҳои таркибии англисӣ низ ҳиссаҳои гуногуни нутқ: аз сифату исм (*a* great deal), аз сифату зарф (a little bit), аз сифату зарф (far enough), аз зарфу зарф (now and then), аз такрори исму пешоянд (from time to time) сохта мешванд.

10. Агар дар зарфсозии забони тоҷикӣ пасвандҳои **-она, -нокӣ, -вор, -акӣ** сермаҳсулу, пасвандҳои **-ҳо, -ан, -ӣ, -о** каммаҳсул бошанд, пас дар забони англисӣ нақши пасванди **-ly** дар сохтани зарфҳо назаррас буда, пасвандҳои **ways, -wise, -ward(s), -like** он қадар фаъол нестанд [3-М].

11. Роҷеъ ба созмони зарф диду назари забонишоносон якранг нест. Забоншиносони тоҷик бар он ақидаанд, ки ба зарфҳои мураккаб он зарфҳое шомиланд, ки аз ду ва ё зиёда асос иборатанд, аммо англисшиносон таъкид бар он мекунанд, ки зарфҳои мураккаб он зарфҳое мебошанд, ки аз пасвандҳо сохта шудаанд. [3-М].

